г) Дар фрозеологияи синхронӣ вазъияти зохираи фрозеологии забонро дар давраи алоҳидаи инкишофи он тасвир мекунад ва тасвири ҳозираи фразеологияи забони имрӯзаи точик ба зиммаи фразеологияи синхронӣ дохил мешавад. Дар боби фразеологияи тасвирӣ масъалаҳои истеъмол, гурӯҳҳои услубӣ мавқеи услубии воҳидҳои фразеологӣ низ омӯхта мешаванд. Ниҳоят таъин кардани нормаҳои истеъмоли фразеологизмҳо аз масъалаҳои асосии услубиёти забони имрӯзаи адабиёти точик аст. Дуруст аз худ намудани системаи фразеологии забон, дарк намудани қонуниятҳои инкишофи он аз хатоҳое, ки гоҳо дар саҳифаи матбуот ва ё навиштаҳои муаллифони чавон ба назар мерасанд, пешгирӣ мекунанд.

Яке аз соҳаҳои асосии илми забоншиносӣ терминалогия мебошад. Терминология аз лафзи лотинии терминис гирифта шуда маънои ҳад-ҳудудро дорад, яъне таълимот дар бораи терминҳо мебошад.

Термин дар соҳаи худ фақат як маънои муайянро ифода мекунад. Якмаъноии калимаҳо хусусияти асосии термин мебошад. Сермаъноии калимаҳо хоси термилҳо нест. Терминҳо дар ҳамаи соҳаҳо танҳо як маъноро ифода мекунад: Морфология синтаксис, фанетина, этимология, суффикс, префикс, инфикс ва ғайраҳо. Дар забон калимаҳое мавчуданд, ки танҳо дар маънои чудогонаи саҳовии худ терминанд ва дар майнаи дигараш ҳамчун калимаи маълум ва муқаррарии забон истеъмол мешаванд.

Масалан: зарф

1. Ҳар чизе, ки дар он чизҳоро мегузоранд.

2. Фосилаи вақту замон.

3. Термини грамматикӣ

Мафҳум:

1. Фаҳмо равшан
2. Фаҳм карда шуда, донисташуда
3. Маъно, мазмун
4. Термини мантиқ ва фалсафа

Бояд қайд кардан лозим аст, ки маънои терминологии бисёр калима

терминҳо берун аз матн зоҳир шуда истад ҳам, маънои терминологии баъзе калимаҳо танҳо дар матн равшан зоҳир мегардад.

Терминҳо ҳамчун ифодакунандаи предмету мафҳумҳои хоси соҳаҳои муайян ба шакли махсуси лексики забон намудор мешаванд, ки дар ҳамон осҳаҳо қонунан қабул шудаанд. Терминҳо дар ҳамон вақте вазифаи терминологии худро адо карда метавонад, ки предмету мафҳумҳои соҳаҳои чудогонаро аниқ равшан ва ба таври илмӣ ифода карда тавонад. Аз ин лиҳоз терминҳои шохаҳои зиёди илму техника, санъату маданият ва шӯъбаҳои гуногуни истеҳсолотро, ки бо хусуссиятҳои илмӣ ва қонунии эътирфшудаи худ лексикаи махсуси соҳаҳоро ташкил намуданд ва онро аз лексикаи касбу ҳунар фарқ кардан лозим аст.

Чӣ тавре ки  ба мо маълум аст, лексикаи касбу ҳунар бештар дар забони гуфтугӯии намояндагони ҳамон соҳа истеъмол мешавад ва ҳанӯз мисли терминҳои соҳаҳои илм ва истеҳсолот маънои қатъӣ ва равшану муайянро нагирифтааст.

Сотсиололингвистика. Фанне, ки дар бораи забоншиносӣ баҳс мекунад, илм дар бораи забон ё лингвистика ном дорад.

Калимаи лингвистика термини умумичаҳонӣ буда, дар баъзе забонҳо бо тағироти фонетикӣ дучор шавад ҳам, ба як маъно истеъмол мешавад. Тараққиёти забон бо чамъият вобаста буда, дар чамъият пайдо мешавад ва баробари чамъият инкишоф меёбад.

Забон дар ҳар як фармассияи чамъиятӣ чун алоқаи чамъкунандаи илму таљрибаи одамон хизмат мекунад ва дар оянда ба наслҳои минбаъда мерос мегузоранд. Аз ин ба чунин хулоса бар меояд, ки хоҳ вай соҳаи иқтисодӣ бошад, хоҳ маданӣ ба забон фавран таъсир мерасонад. Модоме, ки забон дар навбати аввал ба чамъият таъсир мерасонида бошад, шакли адабӣ ва ба норма даромадани ҳама гуна забон таъсири калон мерасонад.

Ба масъалаи муносибати забони чамъият олимони гуногун диққати махсус дода омаданд.

Дар давраҳои қадим файласуфҳо, таърихшиносон барои омӯхтани забон диққати махсус дода бошанд ҳам, ин ҳолат дар асрҳои миёна бошад ҳолати

аввалашро гум кард.

Дар асри XIX бошад, асосгузорон ба масъалаи пайдоиш ба таърихи ичтимоии забон, роли он дар чамъияти синфи диққати махсус дода ҳамаи онро бо чамъият алоқамандона аз назар мегузаронанд.

Забоншиносон аз рўзҳои авали ғалабаи инқилоб ба масъалаҳои баъзи ҳолатҳои ичтимоии шаҳру қишлоқ, инкишофи забони русй ва забонҳои миллии ватанамон вобаста ба шароити навъ, тартиб додани хату алифбо барои мардуми бехат, ба амал омадани забонҳои адабй барои як қатор халқҳо ва нормаи забони адабй диққати махсус медиҳанд. Дар масъалаи сотсиолингвистика бошад, аз рўзи аввал бо камбудиҳо роҳ доданд ва ин ҳолат то солҳои панчоҳум давом кард. Пас аз солҳои панчо ба ин масъала диққати махсус доданд. Ҳамаи ин тағиротҳои чиддии забонй ба ин ё он андоза ба чамъият вобаста мебошад, чунки забон чамъиятро инъикос менамояд. Ҳамаи ин таъсир ба сохтори он ба амал меояд, яъне моҳияти чамъияти забон ҳамаи нишонаҳои забонро муайян мекунад.

Ин масъаларо сотсиолингвистикони машҳур ба мисли, В.А.Аврорин, Р.А.Будагов, Ф.Филин ва дигарон махсус қайд кардаанд. Таъсири бошууроани чамъият ба забон дар шакли сиёсати забонй, ки аз тарафи чамъият ва ё синфи муайян гузаронида мешавад.

Сиёсати забонй қисми таркибии сиёсати миллии давлат мебошад.

**Савол ва супоришот:**

1. Аҳамияти омӯзиши фанни назарияи забоншиносӣ аз чӣ иборат аст?
2. Забон ва сабабҳои пайдоиши давраҳои онро гӯед?
3. Муносибати забон ва нутқ ва элементҳои асосии онро фаҳмонед?
4. Муносибати забону ҷамъият дар чист?
5. Хулосаҳои шумо оиди ин мавзӯъ?

**Рӯйхати адабиётҳо:**

1. Арзуманов С., Ҷалолов О. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений. –Душанбе, 1969.

2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) қ. 1.

–Душанбе, 1973.

3. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ. –Душанбе: «Ирфон», 1980.

4. Оранскиӣ И. М. Введение в иранскую филологию. –М., 1960.

5. Рустамов Ш. Забон ва замон. –Душанбе: «Ирфон», 1981.

**Мавзӯи 2** | **Масъала ва муаммоҳои наҳви забони тоҷикӣ** | **Маърӯза**

**Нақша:**

1.Маълумот дар бораи наҳви забони тоҷикӣ
2. Воҳидҳои асосии наҳв
3.Ибора ва хусусияти асосии он
3. Ҷумла ва хусусиятҳои он
5.Хулоса.

Яке аз қисматҳои асосӣ ва калонтарини соҳаи забоншиносӣ ин грамматика аст. Оиди омӯзиши грамматика олимони Ҳинд ва Юнони қадим X-XII аср пеш аз эраи мо ба омӯзиши ин соҳа диққат ва эътибори ҷиддӣ доданд. Китобе, ки ба грамматика бахшидаашанро вякарана мегуфтанд. Яке аз забоншиносони Ҳиндустон Панинин ва Юнони қадим Аристотель тамоми тадқиқоташонро ба омӯхтани грамматика бахшиданд. Пас маълум мешавад, ки аз давраҳои қадим ба омӯзиши ин соҳо диққати олимонро ҷалб кардааст.

Грамматика илм дар хусуси ибора ва ҷумла аст, ки аз 2 қисм: морфология ва синтаксис иборатанд.

Дар қисми морфология шакли калима, қоидаҳои тағйир ёфтани ин, сохту таркиби калима баҳс мекунад.

Дар қисми синтаксис бошад, сохт ва хелҳои ибора, ҷумла ва ҷумлаҳои мураккаб омӯхта мешавад.

Ибора ва ҷумла воҳидҳои асосии синтаксис ба шумор меравад. Ибора аз ду ва зиёди калимаҳои мустақили ба ҳам тобеъ ташкил меёбад. Ибораҳо дар навбати аввал ба ду гурӯҳи калон: ибораҳои озод ва рехта тақсим мешаванд. Ибораҳои озодро ибораҳои синтаксисӣ низ меноманд. Ибораҳои рехта бошад,

иборaҳои фразеологӣ меноманд.  Иборaҳои фразеологӣ дар чумла ба вазифаи як аъзо меоянд, аммо иборaҳои озод бошад, вазифаи аъзоҳои гуногунро адо мекунанд.

Масалан: Ибораи фразеологии давидани гӯсала то каҳдон ба маънии танқид кардан омадааст. Воситаҳои асосии чузъҳои ибора бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо, таркиби калима ва интонатсия (ист) мебошад.

Чумла воҳиди асосии синтаксис аст. Калимаю иборaҳо ба ҳам алоқаманд шуда чумларо ташкил мекунанд, бо восита чумлаҳо мо фикрамонро баён мекунем, ё ки фикри каси дигарро мешунавем.

Чумлаҳо аз чиҳати сохт ва вазифаашон ба чунин нишонаҳо соҳибанд: Чумлаҳои соддаю мураккаб, яктаркибаю дутаркиба; хулласу тафсилӣ, пуррaю нопурра, тасдиқию инкорӣ, хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ.

Чумла аз чиҳати сохт: содда ва мураккаб мешавад.

Чумлаи содда аз ду ва зиёди калимаҳо суръат мегиранд. Масалан: ман китобро хондам. Аҳмад талабаи болоёқат аст ва ғайраҳо. Чумлаи мураккаб аз ду чумлаҳои содда ташаккул меёбад, чумлаи соддаи таркиби чумлаҳои мураккабро бо чумлаи соддаи мустақил баробар донистан мумкин нест, чунки дар таркиби чумлаҳои мураккаб мустақилияти исти (интонасионии) худро тағйир медиҳад ва шаклу сохти худро бо сохти грамматикии онҳо карда чун чузъивоҳиди мукаммали синтаксиси табдил меёбанд. Чумлаҳои мураккаб дар навбати аввал ба ду қисм: пайваст ва тобеъ тақсим мешаванд.

Дар қисми пайваст, таркиби чумлаҳои мураккаб то як андоза мустақилияти маъной ва шакли худро нигоҳ медоранд.

Масалан: Ҳамсафарон аз кӯчаи масчид баромаданд ва ман ҳам аз думболи онҳо равон шудам. (Ф.М. дар ин дунё).

Чумлаи мураккаби пайваст мувофиқи алоқаи грамматикӣ чумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

а) Чумлаҳои мураккаби пайвасти пайҳам.  (ва, у)

б) Чумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ (аммо, вале, лекин, вагарна)

в) Чумлаҳои мураккаби пайвасти чудой (ё, ё ин ки, на, на)

Мисолҳо оид ба чумлаҳои мураккаби пайваст:

1. Он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз тӯйхона овози доира ба фалак мепечид. (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

2. Хизматгорон ӯро аз пеши Мирзо баровардани шуданд, аммо ӯ рафтан намехост (С.Айнӣ, Марги судхӯр).

3. Ё дар идора касе набуд, ё телефон вайрон буд. (Ч.Икромӣ, Тахти вожгун.)

Дар чумлаҳои мураккаби тобеъ бошад, чумлаҳои пайрав ба сарчумла тобеъ гашта, сарчумларо аз ягон чиҳат шарҳу эзоҳ медиҳанд ва пайвандакҳои махсуси худро доранд. Чумлаҳои пайравро аз рӯи хусусиятҳояш ба панч қисм тақсим мешаванд.

1. Чумлаи пайрави мубтадо
2. Чумлаи пайрави хабар
3. Чумлаи пайрави муайянкунанда
4. Чумлаи пайрави пуркунанда
5. Чумлаи пайрави ҳол

1. Дар чумлаи пайрави мубтадо чонишинҳо ба вазифаи мубтадо омада, онро аз ягон чиҳат эзоҳ медиҳад: Ҳар кас, ки бисёр хонад, вай ҳамин қадар бисёр чизҳоро медонад.
2. Дар чумлаи пайрави хабар бошад, ишора чонишинҳо дар таркиби хабари сарчумла омада онро шарҳ медиҳанд: маслиҳад ҳамин шуд, ки худамон ариза навишта Шамсияро пешкаш кунем. (Ч.Икромӣ Духтари оташ).

3. Чумлаи пайраве, ки исми сарчумларо аз ягон чиҳат муайян мекунад, чумлаи пайрави муайянкунанда ном дорад: Як шахсе, ки **миёнаш аз рӯи бо фӯта бастагӣ буд**, аз дари даҳлез даромада, пас аз салом додан ба нишастагон аз бағалаш як хати лифофанок баромада ба ӯрмон Полвон дод.

4. Чумлаҳои пайрави пуркунанда. Чумлаҳои пайрави пуркунанда хабари сарчумларо пурра мекунад ва онро аз ягон чиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад: Ман **хаминро** медонам, ки ҳақиқатан бемулоҳизагӣ карда паст фуромадам. (Ч.Икромӣ Ман гуноҳкорам) инро ҳам фаҳмидам, ки ӯ ба ояндаи хубе

умедвории қавӣ доштааст. (С.Айнӣ куллиёт)

5. Чумлаи пайрави ҳол. Чумлаи пайрави андозаю микдор то кадом андоза ва чӣ дарача ва чӣ қадар шудани амали сарчумларо аз ягон чиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад: Ҳар қадар ки фоида зиёд мешуд, иштиҳаи пахтачиёни гурусначашм ҳамин қадар зиёд мегардид. (С.Айнӣ Куллиёт).

Ман забони тотариро ба воситаи матбуот, ба қадре ки тарчима карда тавонам, ёд гирифта будам. (С.Айнӣ Куллиёт)

Ҳар як забон таърихи ба худ хос дорад. Забони мардуми точик дар тӯли садаҳои зиёди мавчудиётиш аз чиҳати таркиби луғавию сохти грамматикӣ тағйироти зиёдро аз сар гузарондааст. Дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ воситаю унсурҳои ноустувор аз доираи умум истисно шуда, ба чои онҳо чузъҳо таркибу таъбирҳои умумиистеъмолӣ дохил шудаанд. Натичаи аз сар гузаронидани давраҳои муайяни таърихист, ки забони миллии точик аз забонҳои таркибан бою такмилёфта ва шинохташудаи чаҳон ба шумор меравад. Ин буд, ки алалхусус баъди Инқилоби Октябр қисмҳои гуногуни ин забон мавриди тадқиқи олимони шӯравию хоричӣ қарор гирифт.

Холо оид ба ҳар як қисми забони миллии точик асарҳои гаронбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба табъ расидаанд ва чунин тадқиқот идома дорад. Ин китоб ба яке аз қисматҳои грамматика-наҳв бахшида шудааст. Грамматика як қисми забоншиносӣ буда, сарф ва наҳвро дар бар мегирад. Ин ду қисми грамматика бо ҳам алоқаи зич доранд. Маълум аст, ки сарф дар барои таркиби калима, калимасозӣ, категгрорияҳо, модалият, сиға ва оиди ин ё он ҳиссаи нутқ будани калима баҳс мекунад. Масалан калимаҳои боғбон, гандумдаравӣ, баланд, се, омад, озодона, магар, ваҳ ҳар кадом аз чиҳати маъно ва мафҳум ах ҳам фарқ карда, аз чиҳати сохт категорияи таҳлил меёбанд. Аммо дар наҳв ин калимаҳо ба таври дигар маънидод карда мешаванд; ҳиссаи ибораанд ё чумла, ба вазифаи кадом аъзои чумла омадаанд, нисбат ба фикри гуфташуда чи гунна муносибат доштани гӯяндаро ифода мекунад ва ғайра.

Пас, наҳв ак қисми грамматика буда, дар бораи ибора, чумла, таркибҳои алоҳида ва роҳҳои сохташавии инҳо баҳс мекунад. Наҳв ба ду қисм чудо

мешавад: наҳви ҷумлаҳои сода ва наҳви ҷумлаҳои мураккаб.

**1. Наҳви ҷумлаҳои содда.** Наҳви ҷумлаҳои содда ибора, ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати сохту таркиб ва оҳанг, аъзои ҷумлаҳои содда аъзои ҷидаи ҷумла, калима ва ибораҳои туфайлӣ, калимаю ибораҳои хулосакунанда воҳидҳои эзоҳӣ, мухотаб ва дигар ҷузъҳои алоҳидаи грамматикиро дар бар мегирад.

Ибора тавассути ягон хел воситаи алоқа аз дув а зиёда калимаҳои мустаъқилмаъно ташкил меёбад. барои пурра намудани ҳисса нутқи гӯянда, ки дар ҷумла зоҳир мегардад, хизмат мекунад, ё худ ба вазифаи ягон узви ҷумла меояд. Масалан, аз ҷумлаи **Дар ин вақт вай аз полизи худ охирин таракаҳои нопухта мондаро чида мегирифт (Ч. Икромӣ, Шодӣ)** ибораҳои **ин вақт, полизи худ, охирин таракаҳои нупухта монда** партофта шавад, ҷумла чунин қолиб мегирад: Дар… вай… аз чида мегирифт.

Ин маънои онро дорад, ки ибора ҳам монанди калимаҳои алоҳида (ба зимми он ки фикри мураккабро ифода мекунад) барои ба як таркиби муайян ҷобаҷошавии аъзоҳои ҷумла хизмат мекунад ва дар бобати ба вуҷуд омадани маънои дурусти он нақша муҳим мебозад.

**Ҷумла.** Фикри баёншаванда ё худ гӯянда дар ҷумла зоҳир мегардад. Ҷумла ҳам вобаста ба фикри ифодашаванда гуногун мешавад. Масалан ҷумлаи содда як ҳиссаи хурди маънодори нутқи гӯяндаро дар бар мегирад ва вобаста ба ҳолату воқеаҳои инъикосшавандаю ҳиссиёти дарчшаванда, дутаркибаю яктаркиба, хулласу тафсилӣ, ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ мешаванд. Мисолҳо: Ман ҳам имшаб омадани ӯро тахмин карда Будам (**Р.Ҷалил**, маъвои дил). Дадо вай ангиштро чӣ хел мехӯрад? (**С.Улуғзода**, Субҳи ҷавони мо). Қулф задани дарвозаро аз хотир набароред. (**С.Айнӣ** Куллиёт). Наравед, гузашта наметавонед об гирифта мебарад (**С.Улуғзода**, Субҳи ҷавонии мо).

Ҷумлаҳои соддаро сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав, ки якҷоя аъзоҳои ҷумла номида мешаванд, ташкил медиҳанд. Сараъзоҳои ҷумла-мубтадо ва хабар, аъзоҳои пайрави ҷумла –муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол мебошанд. Бесабаб нест, ки дар наҳви ҷумлаҳои содда сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави муайян карда мешавад. Инак, ҷумлаи **Ман ҳам имшаб омадани ӯро тахмин карда будам** чунин таҳлил карда мешавад.

Ин ҷумлаи соддаи дутаркибаи тафсилӣ буда, бидуни сараъзоҳо дорои аъзои пайрав низ мебошад. Дар ҷумлаҳои сода калима ва ибораҳои хулосакунанда, калима ва ибораҳои туфайлӣ, воҳидҳои эзоҳӣ, мухотаб барин ҷузъҳои дигари забонӣ ҳам мавҷуданд, ки вобаста ба мазмуни нутқи гӯянда дар ҷумла истифода мешаванд. Дар таҳлили наҳвии ҷумлаҳои содда моҳияти грамматики онҳо низ шарҳ дода мешавад.

**1. Наҳви ҷумлаҳои мураккаб**. Наҳви ҷумлаҳои мураккабро хелҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (сарҷумлаю ҷумлаи пайрав) ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби пайвасту тобеъ, ҷумлаҳои мураккаби омехта, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ташкил медиҳад.

Дар таҳлили наҳви ҷумлаҳои мураккаб шарҳу эзоҳ ба таври дигар мегузарад. Агар ҷумлаи мураккаби пайваст бошад, дар он миқдори ҷумлаҳои содда, муносибатҳои маъноии байни онҳо аломатҳои сохторӣ, воситаҳои алоқа ва хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст маълум карда шавад. Чунончи ҷумлаи Меҳмононро **аз болои кӯрпача шинонданд ва мӯйсафед ба ҳар дуи онҳо чой кашида медод (Ч.Икромӣ**, Шодӣ) ин тавр таҳлил карда мешавад: а) ҷумлаи мураккаби пайваст буда, аз ду ҷумлаи соддаи нисбатан баробарҳуқуқ ташкил ёфтааст; б) дар байни ҷумлаҳои содда муносибати пайҳамзамонӣ аст, яъне аввал амали ҷумлаи соддаи якум, баъд амали ҷумлаи соддаи дуюм ба вуҷуд омадааст; в) хабари ҷумлаҳои содда тавассути сиғаи хабарӣ ифода ёфтаанд, якумаш замони гузаштаи наздик ва дуюмаш замони гузаштаи давомдоро далолат мекунад. Лекин бояд дар хотир дошт, ки ҳамаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст айнан як хел таҳлил карда намешаванд. Таҳлили наҳвии ҷумла ба сохту струкбураи он вобаста аст.

Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ сарҷумлаю ҷумлаи пайрав, фарқи ҷумлаи пайрав аз аъзои пайрав, панҷ хели воситаи алоқаи тобеъ (пайвандакҳои тобеъкунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ, калима ва таркибҳои ҳамнисбат, ҷои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, оҳанг) сермаънои ҷумлаҳои пайрав, монандии ҷумлаҳои пайрав, ба ягон хел ибора баргаштани ин ё он ҷумлаи пайрав ва ғайра нишон дода мешавад. Инак, таҳлили як мисол: **Ман ҳаминро медонам, ки**

**ҳақиқатан бемулоҳизагӣ кардам, паст фаромадам** (**Ч.Икромӣ**.Ман гунаҳкорам).

1. Инчумлаимураккабитобеъаздуқисмиборатбуда, чумлаисоддаиякумсарчумлавачумлаисоддаидуюмчумлаипайравипуркунанд амебошад.

2.Чумлаи пайрав калимаи ҳамнисбати ҳаминро, ин дар таркиби сарчумла ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи суратёфта омадааст, эзоҳ медиҳад.

3.Чумлаи пайрав ба сарчумла бо пайвандаки **ки** тобеъ гаштааст ва баъди сарчумла омадааст.

4.Чумлаи пайрави пуркунанда аз чиҳати сохту баст ба чумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар шабоҳат дорад.

Ин нуқтаро ҳам бояд қайд кард, ки ҳамаи хелҳои чумлаи пайрав низ айнан як хел таҳлил карда намешавад. Дар таҳлил тамомияти он ба назар гирифта мешавад.

Дар таҳлили чумлаҳои мураккаби пайвасту тобеи сертаркиб миқдори чумлаҳои содда, муносибатҳои дар кучое, ки мерафтааст, аввал ҳасрати мӯзаи писарашро баён мекардааст (**Ҳ.Карим**. Оқшуда) Шавҳарашро аз дилу чон дӯст медоштааст (Ч.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Қарздоронашон ҳам ҳатӣ одамони бехату савод будаанд (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Мондагиҳо дар хобби ширин будаанд (Р. Чалил.Одамони човид). Тарки одат амри маҳол аст арбулмасал). Ҳозир онҳо шаш нафаранд (С.Айни, Ғуломон).

Чунон ки мисолҳо нишон медиҳанд, бандакҳои феълию хабарӣ низ дар ташаккули тарзи дурусти дода ё худ чобачошавии аъзои чумла саҳми муносибат дошта, мувофиқати мубтадоро бо хабар таъмин намоянд. Ба таври дигар, дар кадом шахсу шумора шудани субъектро нишон медиҳанд: Хурсанд шав, рафтему қабул кардем (**Р.Чалил** Одамони човид). Ба ҳаёти мустаъқилона қадам мемонӣ (Ф.Муҳаммадиев, Одамони кӯҳна).

Аз рӯи мисолорӣ ва маънидод маълум мешавад, ки бандакҳои феълию хабарӣ ҳамчун воситаи алоқа акси чумлаанд, дар таркибсозӣ, ибораофарӣ ва аъзои алоҳидаи он аҳамият надоранд.

в) бандаки изофӣ –И). Ин бандак асосан хоси ибора аст. Тавассути он як калима ба як калимаи дигартобеъ гашта силсилаи ибораҳо ба амал меояд ва ба калимаи тобеъкунанда якчоя навишта мешавад:

**Мардуми қишлоқ, рӯзи равшан, соати се, хонаи вай, гули шукуфтагӣ, вақти хобидан, манбаи даромад ва ғ.**

Тавуссути ин бандак робитаи грамматикии ҳиссаҳои нутқ ба амал омада ба ин ё он дарача тобеъшавӣ, тобеъкунии онҳо бо ҳам муайян мегардад. Аз рӯи санад забони адабии точик ба туфайли бандаки изофии –«И» исмҳо бештар тобеъкунанда шуда, сифат, шумора, чонишин, сифати феълӣ тобеи он мегардад.

Ба вазифаи калимаи тобеъкунанда ҳиссаҳои нутқи дигар ҳам меоянд, ба шарте, ки хусусияти предметӣ пайдо кунанд: **сурхи зардчаранг, чавони боғайрат, сеи шумо, ваи беакс, онҳо бемакон** ва ғ.

Бо туфайли он бандак на фақат ду, балки якчандкалима бо ҳам алоқаманд шуда, тафсилу эзоҳ афзунтар мегардад: шогирди аввалини муаллими мактаби мо, ниҳолҳои пурсамари боғи падар, саҳифаҳои таърихи халқи точик, чавони миёнақади гандумгуни камхун.

II. **Калимаҳои ёридиҳанда**. Калимаҳои ёридиҳанда, аз як тараф, дар ташаккули аъзоҳои гуногуни чумла мавқеи босазо дошта бошад, аз тарафи дигар, нисбат ба воситаҳои алоқаи грамматикӣ микдоран зиёданд.

а) **Пешояндҳо**. Пешояндҳои забони точикӣ аз чиҳати ифодаи муносибатҳои гуногуни маъной хеле бой Буда, дар алоқа бастани калимаҳои таркиби ибораҳо ва чумлаҳо мавқеи сазовор доранд. Бо ёрии пешояндҳо таркибҳо ва ибораҳои гуногун ба амал меоянд ва услубан ифодаи забони адабиро мукаммал мегардонанд. Дар ташаккули меъёри гуфтори бомавқеъ вазифаи грамматики худро нишон медиҳанд. Пайдост, ки гуфтори бамавқеъ дар чумлаҳо зоҳир мегарданд. Чумлаҳои калимаҳо ва ибораю таркибҳои мухталиф ташкил медиҳанд. Албатта, гурӯҳи зиёди ибораҳо ва таркибҳо бо туфайли пешояндҳо ба амал меоянд, ки дар чумла ба вазифаи аъзоҳои гуногун меоянд. Пешояндҳотар ташаккули ибораҳои феълӣ, сифатӣ мақоми калон дошта, вале дар иборасозии исмӣ камтар иштирок мекунанд.

1. Иборахои феълӣ: **аз устод пурсидан, аз китоб хондан, дар торикӣ нишастан, ба маслиҳат рафтан, то Самарқанд расидан, аз болои бригадир шикоят кардан, дар хусуси план сухан кардан.**

2. Иборахои сифатӣ: **аз хунукӣ карахт, писари бо ҳама меҳмоннавоз, аз онҳан сахттар, аз чон беҳтар** ва ғ.

3. Иборахои исмӣ: **қаҳрамонӣ дар фронт, хандаба ҳамсоя, ривоятҳо дар бораи Сино, дамгирии баъд аз меҳнат.**

б) Пасояндҳо: пасояндҳои забони точикӣ бисёр набошад ҳам, дар шаклгирии гурӯҳе аз ибораҳо, ташаккулёбии аъзоҳои чумла мавқеъи сазовор доранд. Посояндҳо: **-ро , барин, боз, замон, ҳамон, қатъй**.

Пасоянди – ро аз калимаҳо ва ибораҳо пуркунандаи бевосита месозад: Гулрӯ кӯзаро гирифта аз ҳавлӣ баромад (**Р. Чалил**.Одамони човид). Духтар хокрӯбаи пеши чорӯбро ба хокпарто напартофта буд (Р.Чалил, Одамони човид).

Пасоянди –ро дар бисйр маридҳо пешоянди **ба, аз** ва **барои-ро** иваз мекунад:

То наёбам дар сухан майдон намеояд ба ҳарф,

Ҳамчу тӯтӣ лавҳи таълим астҳамворӣ маро.

**(Соиби Табрезӣ, панду ҳикматҳо).**

Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.

**(Абдулқодири Бедил, Панду ҳикматҳо).**

Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд кист?

**(Саъдии Шерозӣ, панду ҳикматҳо).**

Ин пасоянд бандаки изофии –**и**-ро низ иваз мекунад. Темурмаликро ақида, духтарро ноз, бачаро тақутоз ва ғ. Пасояндҳои –барон, -боз, бештар ибораҳои феълӣ месозанд: дер боз надидан, рафтан замон пурсидан, хондан ҳамон фаҳмидан, гул барин шукуфтан ва ғ.

в) Пайвандакҳо: Пайвандакҳо низ яке аз воситаҳои махсуси алоқаи калимаҳо ва чумлаҳо мебошанд. Онҳо аз чиҳати адои вазиваи грамматикӣ ба ду гурӯҳи калон чудо мешаванд: пайвасткунанда ва тобеъкунанда.

Пайвандакҳои пайвасткунанда  (паи ҳам )

1. Азбаски ибора аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбад ва мафҳуми мураккабро ифода мекунад, бобби алоҳидаи омӯзиши наҳв қарор мегирад.

Калимаҳое, ки ба тақозои вазифаҳои воситаҳои алоқа созгор шуда, нисбат ба калима мафҳуми барчаставу мурақкабро ифода мекунанд: **субҳи босафо, асари нависанда, коргари оддӣ, меҳнати софдилона, аз китоб хондан, ба кӯча баромадан, аз пастхамӣ гузаштант, ин суханҳо, он давраҳо, Панч писарбача чор тараф, ду ҳисса** ва ғайра.

Дар забон бисёр калимаҳо сермаъно мешаванд. Калимаи сермаъно дар алоҳидогӣ ба назари касс якбора чанд маъно медиҳад: **бар, шона, тез, хуб, боз, шаст, сар, забон** ва ғайра.  Вале дар таркиби ибора, ки ба калимаи дигар дар ягон алоқа меоянд, маънои ягона дода, мафҳумҳои дигари он истисно мешавад: **шонаи тарафи чап, шонаи кисагӣ, корди тез, тез рафтан, шаст сол, шасти моҳигирӣ, нӯги забон, забони модарӣ.**

Хусусияти дигари ибора ин аст, ки монанди калимаҳо предметҳо ва хосияту амалиёти онҳоро  номбар мекунад. Чун калимаҳои алоҳида ба вазифаи ин ё он узви чумла меояд. Чунончи ба вазифаи мубтадо дар муқоисаи калима.

**Чойник** кайҳо холӣ шуда буд (Ю.Акобиров, Замини падарон).

Дар болои деҳаи Чӯйбор аз мӯрии хонаҳо **дуди симобиранг** паҳн мегашт (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо).

Дар ин чумлаҳо мубтадоҳо аз чиҳати ҳукми грамматикӣ як бошанд ҳам, аз чиҳати сохту маъно фарқ мекунанд.

Ибора чист? **Дув а зиёда калимаҳо мустақилмаъно, ки тасаввути ягон хел воситаи алоқаи тобеъ якчоя шуда, як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, ибора номида мешавад.**

**2. Муносибати наҳвии чузъҳои ибора.**

Дар забони адабии ҳозираи точик муносибати калимаҳои таркиби ибораҳои ба се гурӯҳ чудо мекунанд: муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ, холӣ.

1) **Муносибати муайянкунандагӣ (атрибутивӣ).** Дар ин муносибат чузъи тобеъшаванда (бештар сифат, сифати феълӣ) чузъи тобеъкунандаро

(бештар исм) аз чиҳати аломату сифат ва хусусият шарҳ медиҳад: **куртаи бачагона, нолаҳои фалакпеч, қадамҳои нозукона, ҳамлаҳои бераҳмона, рӯймоли японӣ, духтари шуғнонӣ, супориши гирифтагӣ.**

2) **Муносибати пуркунандагӣ (объектӣ).** Дар ин муносибат оъҳбъект нисбат ба амали субъект, ки дар хабари чумла зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад. Бояд гӯем, ки ин муносибат дар худи ибора норавшантар аст. Мисолҳо: **аз устод пурсидан, муаллимро дидан, аз нома фаҳмидан, супоришро ичро кардан** ва ғайра.

3) **Муносибати ҳолӣ (детерминативӣ).** Вобаста ба хелҳои ҳол доираи муносибатҳои ин ҳиссаи наҳвӣ васеъ аст.

а) **тарзи амал: оромона сӯҳбат кардан, бардамона қадам мондан;**

б) **миқдору дарачагӣ: бисёр хондан, хеле шод шудан, каме дам гирифтан;**

в) **муносибати мондагӣ: монанди гул шукуфтан, ҳамчун оҳу рамидан;**

г) **муносибати замонӣ: дирӯз омадан, пагоҳ рафтан, шаб хобидан;**

д) **маконӣ: ба шаҳр расидан, боло баромадан, дар хона хуфтан.**

Аз ин се муносибат муносибати атрибутивӣ хеле сермаҳсул аст, чунки дар чумла ба муносибатҳои абъектӣ ва ҳолӣ низ якчоя омада метавонад.

а) **Дар муносибати объектӣ (пуркунандагӣ):** Ҳанӯз фикри ман ба шоҳидҳои ва маънои хати Арбоб Ҳотам банд буд (**С.Айнӣ**, Марги судхӯр);

б) **Дар муносибати ҳолӣ:**

Нишастам дар лаби дарёи кӯҳӣ,
Ба худ ман ёфтам маънои кӯҳӣ.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб).

3. **Хелҳои алоқаи наҳвӣ дар ибора**

Дар ибора як чузъ ба чузъи дигар тавассути ягон навъи васитаи алоқаи грамматикӣ тобеъ мегардад. Аз чор хели воситаҳои алоқа: мувофиқат, бандаки изофӣ, вобастагӣ ва хамроҳӣ дар ибора танҳо алоқаи мувофиқат иштирок намекунад, зеро ки он мувофиқати мубтадову хабарро далолат мекунад, ба чумла мансуб аст.

а) Алоқаи изофӣ: марди часур, сӯҳбати дуру дароз, меҳмони раванда.

б) Алоқаи вобастагӣ: аз падар пурсидан, дар мактаб вохӯрдан, шабро рӯз кардан, гул барин зебо шудан, расидан замон пурсидан ва ғайра.

в) Алоқаи ҳамроҳӣ: оҳиста омадан, баланд паридан, ин қишлоқ, ҳамон деҳа чор аскарбача, ду дарахт.

**Хелҳои ибора.** Дар ташкили ибора ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ иштирок мекунанд. Аммо вобаста ба семантика ва хосияти грамматикӣ яке сермаҳсул, дигаре каммаҳсул аст. Бо вучуди ин дар ибора чои ин ё он ҳиссаи нутқ доимӣ нест.

Масалан, иё чонишин на фақат чузъи тобнъкунанда (шоири боистеъдод, замини лалмӣ, туи бепарастор, ҳар каси омадагӣ), балки ба чои чузъи тобеъшаванда ҳам меоянд: шохи дарахт, китоби талаба. Модом ки дар ибора чунин ҳодисаи грамматикӣ мавчуд аст, ба хелҳо чудо кардани он зарур мебошад.

Ба хелҳо чудо кардани ибораро ба чузъи асосӣ вобаста кардан заминаи воқеӣ дорад, зеро ки чузъи асосӣ тобеъкунанда Буда, чузъи тобеъшаванда онро эзоҳ медиҳад, маълуму муайян менамояд. Аз ин чиҳат, агар чузъи асосӣ исм бошад, ибораи исмист, агар сифат бошад, ибораи сифатӣ мешавад.

**Ибораҳои исмӣ.** Дар иборасозӣ исм мавқеи махсус дорад. Хусусан, ҳамчун чузъи асосӣ хеле сермаҳсул аст. Дар ташаккули ибораҳои исмӣ се хели воситаи алоқа – бандаки **изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ** иштирок мекунанд.

1. Исм+исм: **дари хона, ҳавлии падар, мехи девор, шохи дарахт, китоби талаба, чашмони Наргис, модари модарон, муаллими муаллимон, далерӣ аз нотарсӣ, тарсончакӣ аз камқувватӣ, ҳучум ба малах, шиносой бо нависандагон, қаҳрамонӣ дар фронт,сафар ба Машҳад, рӯзҳои то борон, нотарсӣ дар набард** ва ғайра.

2. Исм+сифат. Сифат ба исм ба воситаи алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ тобеъ мегардад: куртаи занона, нолаҳои фалакпеч. қади раъно, мижгонҳои дароз-дароз, осмони соф, (ё ба чои бандаки изофӣ) **қишлоқе наздиктар, бечора Одина, ҳафтсола бача, дирӯза духтар, дирӯза хӯрак.**

3.Исм+шумора. Доираи ин гурӯҳ маҳдудтар Буда, ташаккули онро воситаҳои алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ сурат медиҳанд: шаби чорум, ҳафтаи

сеюм, ошёнаи нӯҳум, чор талаба, Панч писарбача, се духтарак ва ғайра.

4. Исм+чонишин. Бисёр хелҳои чонишин бо роҳи алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ ба исм табеъ мешаванд: китоби ту, хонаи вай, хонаи шумо, ин қишлоқ, он бача, ҳамон ақида ва ғайра.

5. Исм+сифати феълӣ. Хамаи замонҳои сифати феълӣдар алоқаи изофӣ ба исм тобеъ мешаванд ва вобаста ба хусусияти феълияш дигар воситаҳои алоқа низ ҳамроҳ мешаванд, ки дар ин сурат ибораҳои содда ва тафсилӣ ба амал меоянд: марди раванда, марди рафтагӣ, марди мерафтагӣ, марди рафта истодагӣ, китоби хондагӣ, хӯроки пухтагӣ, сӯҳбат дирӯз ба намояндагон гузарондагӣ, ин лаҳзаҳои аз хотир фаромӯш намешудагӣ, ин марди дар тан хилъати сафед доштагӣ.

6. Исм+масдар. Масдар ба исм танҳо ба бандаки изофӣ тобеъ мегардад: рӯзи рафтан, қасди куштан, шаби хобидан, ҳаваси хонда баромадан, чои вохӯрдан ва ғайра.

**Ибораҳои сифатӣ.**

Азбаскисифатэзоҳдиҳандамебошад, дариборабештарчузъитобеъмешавад. Бовучудиин, дарбаъземаври дҳохусусиятипредметӣгирифта, бачоичузъиасосӣмеоядвачузъҳоионботақозоиҳамонсехеливоситаиалоқа (изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ) алоқамандмегарданд. Чузъитобеисифатроасосанисм, чонишинвазарфташкилмедиҳанд.

1. Сифат+исм: пури, об, ширинтаразшакар, талхтараззаҳр, (рӯи) чунмоҳзебо, (замини) чундаштҳамвор, дарамалхасис, (одами) азчиҳатисиёсӣсаводнок, бароихӯрданнолоиқ, себбариншириин, (дили) бамонандишишатоза.

2. Сифат+сифат. Сифатбасифатдаралоқаиизофӣмеояд: сафедизардчаранг, сурхичигарӣ, гарангиҳафтафаҳм, кӯримодарзодвағайра.

3. Сифат+зарф. Басифатдартаркибиибораасосанзарфҳоимиқдорударачатобеъмегарданд: бисёрбузург, хелехашмгин, ниҳоятдароз, басозебо, бениҳоятдилгир. Шаҳр ба назарам басо зебо ва пуршукӯҳ менамуд (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо).

**Ибораҳои шуморагӣ**.

Иборахои шуморагӣ муносибати пуркунандагӣ ва ҳолӣ зоҳир намуда, ба туфайли алоқаи пешояндӣ ва бандаки изофӣ сурат мегиранд. Дар ташкили иборахои шуморагӣ шумораҳои тартибӣ серистеъмоланд: дар пеш якум, аз байн ҳафтум, дар боло панчум, аз бошандагон чордаҳум, аз рафтагиҳо якум, Панчи шумо, сеи онҳо, даҳи вайҳо. Сирри махфии дуи мо дар тирамоҳ пайдо шуд (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо).

**Иборахои чонишинӣ.**

Иборахои чонишинӣ нисбатан каммаҳсултаранд, зеро ки дар ташкили чузъи асосӣ ҳамаи хелҳои чонишин иштирок намекунанд. Иборахои чонишиниро асосан чонишинҳои шахсӣ, таънӣ, саволӣ ва баъзан ишоратӣ ташкил медиҳад. Дар ташаккули иборахои чонишинӣ ҳар се воситаи алоқа иштирок кунанд ҳам, каммаҳсул мебошанд. Масалан, аз алоқаи вобастагӣ танҳо пешоянди «аз» мушоҳида мегардад. Ба вазифаи чузъи тобеъ исм, сифат, сифати феълӣ меоянд: **мани ҳайрон, ваи мискин, шумои чавон, ҳар чизи ширин, туи хондагӣ, ҳар каси расидагӣ, ҳеч чизи Дуне, ин ҳама (гуфтагиҳо), он ҳама фаҳмондагиҳо, баъзе аз шоирон аз кадоме аз талабагон ва ғайра.**

**Иборахои зарфӣ**

Дар ташкили иборахои зарфӣ, асосан, зарфҳои тарзи амал, миқдору дарача, ва замон иштирок мекунанд. Иборахои онҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ ва баъзанбо алоқаи вобастагӣ суръат мегиранд.

1.Чузъи асоси зарфи тарзи амал: хеле мағрурона, басо осудаҳолона, андак бочуръатона, Каме мардонавор, бениҳоят часурона.

2. Чузъи асосӣ зарфи миқдору дарача: ду маротиба кам, даҳ бор зиёд, сед дарача камтар.

3.Чузъи асосии зарфи замон: бисёр бемаҳал, андак бевақт ва ғ.

**Иборахои феълӣ.**

Азбавски бобби феъл домандор аст ва хусусиятҳои зиёди грамматикиро доро мебошад, доираҳои иборахои феълӣ ҳам хеле васеъ мебошад. Феъл дар

алоқаи ҳамроҳӣ ва вобастагӣ исм, чонишин, зарф, зарф, масдар, феъли ҳол ва дигар ҳиссаҳои нутқи предметонидашударо тобеъ намуда, муносибатҳои пуркунандагӣ ва ҳолиро ба вучуд меорад. Чунин хусусиятҳоро дар зер аз назар мегузаронем.

1.Феъл+исм. Феъл дар таркиби ибора исмро тавассути алоқаи ҳамроҳӣ ва вобастагӣ тобеъ мекунад ва муносибатҳои ҳолию пуркунандагиро ба амал меорад. Ба вазифаи чузъи асосии ибора аксаран феълҳои гузаранда меоянд.

а) Дар алоқаи ҳамроҳӣ, Хӯрок пухтан, китоб хондан, ҳезум овардан, об нӯшидан, замин шудгор кардан, бор фаровардан, шаҳр рафтан.

б) дар алоқаи вобастагӣ. Исмҳо ба феъл тобеъ гашта, вобаста ба семантика ва вазифаҳои зиёди пешояндҳои алоқида муносибатҳои зиёди маъной ва грамматикиро ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

1. Муносибатҳои пуркунандагӣ: **аз устод пурсидан, ба шоир мурочиат кардан, бо рафиқ омадан, бе мушкилӣ хондан, аз матн фаҳмидан, дар хусуси кишту кор маслиҳат кардан, оид ба пахтакорӣ маслиҳат додан.**

2. Муносибатҳои ҳолӣ:

а) маънои монандӣ: **Гул барин шукуфтан, мисли Шер ғуруридан, ҳамчун оҳу давидан, монанди кӯдак гиристан**.

б) Маънои замонӣ: **Дар тирамоҳ омадан, дар чавонӣ кӯшиш кардан, дар пирӣ истироҳат кардан, аз шаб то рӯз омӯхтан, баъди таътил рафтан ва ғ.**

в) Маънои маконӣ: **аз чангалзор баромадан, аз об гузаштан, дар Самарқанд вохӯрдан, дар об ғарқ шудан, аз Кӯлоб рафтан, ба саҳро баромадан** ва ғ**.**

г) Маънои сабабӣ: **аз хунукӣ карахт шудан, аз беборишӣ наруидан, аз касалӣ камхун шудан** ва ғ**.**

д) **Маънои мақсадӣ: барои обхӯрӣ омадан, ба мақсади ҳамдигарӣ рафтан** ва ғайра.

е) Маънои шартӣ: **ба шарти розигӣ баромада рафтан**.

ё) Маънои хилофӣ: **бар хилофӣ розигӣ мағал бардоштан** ва ғ.

Исм ба феъл бо пасояндҳо них тобеъ мегардад. Феълҳое, ки исм, чонишин

ва ё дигар ҳиссаҳои нуткро бо пасрянди –ро тобеъ мекунанд. гузаранда мешаванд: **заминро шудгор кардан, бародарро даъват кардан, кундаҳоро арра кардан, бародарро даъват кардан, алафҳоро давридан.**

Феълҳо дар чузъи асосӣ ба пасояндҳои дигар ҳам гузаронида мешаванд, ҳам монда: **оҳу барин рамидан, малах барин ҳучум кардан**.

2. Феъл+сифат. Дар ин гурӯҳ баъзе сифатҳои дорои хусусияти зарфӣ ба феъл тобеъ шуда, дар алоқаи ҳамроҳӣ меоянд: **тез хондан, рост омадан, паст Сухан кардан, баланд-баланд по мондан** ва ғайра.

3. Феъл+зарф. Зарф бо феъл дар алоқаи ҳамроҳӣ омада, вобаста ьба хелҳояш муносибатҳои мухталифро аз қабили замонӣ, масоҳатӣ, қиёсӣ, миқдорӣ мақсад ва ғайраро ифода мекунад: **ҳамеша омӯхтан, доимо омадан, ба зудӣ баргаштан, он тарафтар рафтан, инсӯтар омадан, беноҳоят хурсанд шудан, бисёр гуфтан, қасдан рафтан** ва ғайра.

Феъл+феъли ҳол. Феъли ҳол ҳам алоҳида ва ҳам дар шакли такрор тасаввути алоқаи ҳамроҳи ба феъл тобеъ шуда муносибати ҳолиро нишон медиҳад: **тозон расидан, хандон гуфтан, Давида-давида расидан, хандида-хандида нақл кардан.**

Чумла инъиқоскунандаи фикр аст, ки ба туфайли он хонанда ё шунаванда аз ҳама гунна воқеа ва ҳодисае, ки ба амал омадааст ва ё ба амал меояд, огоҳ мешавад. Вобаста ба ташаккулу такомулоти таърихии сохти грамматики забон, ифодаи фикр ва объекти зикршаванда чумлаҳо низ аз чиҳати сохту таркиб ва савту оҳанг гуногун мешаванд.

Чумлаи содда фикреро инъикос менамояд, ки шакли нисбатан мухтасари аввал, охир ё ояндаи амалу ҳодисаи баёншаванда мебошад.

Чумлаи содда заминаи воқеии чумлаи мураккаб ба ҳисоб меравад. Вале дар таркиби ҳама гунна чумлаи мураккаб маънои озод ва заруририро ифода карда наметавонад, чунки дар таркиби чумлаи мураккаб яке бо тақозои маънову мазмуни дигаре зикр мегардад. Дар ин сурат чумлаҳои содда хусусияти ҳампурракунӣ, эзоҳдихию эзоҳёбиро мегиранд. Ин чиҳат маҳз дар чумлаи мураккаби тобеъ афзунтар аст. Масалан, дар таркиби чумлаи мураккаби

**Комил, пеш аз он ки бо чўрааш Акрамча видоъ кунад, ба гўши вай пичирросзанон чизе гуфт (А.Д.)** чумлаи соддаи **пеш аз он ки ба чўрааш Акрамча видоъ кунад,** чудо карда шавад, ноқису норавшан монда, хонанда маънову матлаби дилхоҳро ҳосил намекунад. Вале аз мазмуну маънои чумлаҳои соддаи зер, ки онҳо алоҳида зикр мешаванд, хонанда ё шунаванда ба хубӣ мефаҳмад, ки мақсад чист, Сухан дар бораи кӣ ё чӣ меравад: **Кампир дар айёми чавониаш бисёр хушрўй будааст (Ҳ.Карим,** Оқшуда**). Одина ба се сўм барои бор кардани колаи худ маркабе харида, бист тангаи нақди бухориро ба миёнаи баста бо қофилаи муздурон ба роҳ баромад (С.Айнӣ,** Одина**).**

Дар муқаррар намудани маъно ва мафҳуми пурраи чумлаҳои соддаи мухталиф сиғаҳои феълӣ, феълҳои ёридиҳанда, бандакҳои феълию хабарӣ ба оҳанги гуфтор нақшаи асосиро мебозанд.

1. Сиғаи хабарӣ ва шаклҳои гуногуни замонии он бо иловаи оҳанги мўътадил асоси чумлаҳои ҳикоягӣ мебошад. Инчунин хабари чумлаҳоеро, ки дар нутқи монологӣ дучор меоянд ва хусусияти тасвирӣ доранд, ҳамин сиға ва феълҳои ёридиҳандаю бандакҳои хабарӣ ташкил медиҳанд: **Дар он зиёфат ошро ман мепухтам ва дигар хизматҳоро ҳам мекардам (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо). Рўзи серко рва пурташвиш ба охир мерасад (**Ч.Икромӣ**, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Шавхарашро аз дулу чон дўст медоштааст (**Ч.Икромӣ**, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Сиғаи хабарӣ хабари чумлаҳоеро ҳам ифода мекунад, ки бо иловаи қисме аз ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ оҳанги пурсиш гирифта, чумлаҳои саволиро ташкил медиҳанд: Шумо ҳоло ҳам бедоред, магар? (Ф.Ниёзӣ, Вафо) Оё, аз пагоҳ сар карда ба кор баромада метавонем? (Р.Чалил, Ҳикояго). Чор-панч рўз дар Сталинобод гашта, суруди мурғони хушовози Моро ҳам пазмон шудӣ, аз афташ? (Ф.Ниёзӣ, Вафо).

2. Сиғаи амрӣ асосан хабари чумлаҳои амрӣ ва хитобиро ташкил медиҳад: Ту рафта аз пода хабар гиру ба ин тараф ронда биёр (Р.Чалил, Шўроб).

### 2. Хелҳои чумлаи содда

Чумлаҳои содда мувофиқи гуфтор, тарзи ифода ва иштироки сараъзо ва

аъзои пайрав ба гурӯҳҳои зерин чудо карда мешаванд.

1. **Ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати иштироки сараъзо**ба дутаркиба ва яктаркиба чудо мешаванд:

1. Дутаркиба. Ҷумлаи соддае, ки дар он ҳар ду сараъзо (мубтадо ва хабар) мушоҳида мегардад, ҷумлаи соддаи дутаркиба номида мешавад: Полисия ба вай ғамхорона назорату посбонӣ мекард (Р.Ҷалил, Бозгашт аз биҳишт). Пешхизмат ҷолокона аз бом фуромада пас аз як соат боз омад ва коғазеро ба дасти сардор дод. (С.Айнӣ, Дохунда).

Ҷумлаи соддаи дутаркиба дар навбати худ дух ел мешавад: хуллас ва тафсилӣ.

а) Ҷумлаи соддаи хуллас танҳо аз сараъзо иборат аст: Ҳама хомӯш (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар). Роҳ дур буд (рӯз. Тоҷикистони советӣ).

б) Ҷумлаи соддаи  тафсилӣ ба ғайр аз сараъзо ин ё он аъзои пайравро низ дар бар мегирад: Ҷалол Икромӣ китобҳои хушсифат навиштаанд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар).

2. **Яктартиба**. Ҷумлаи  соддае, ки танҳо аз як сарузв ва ягон узви пайрав иборат аст, ҷумлаи соддаи яктаркиба номида мешавад: Кокулбофиро аз қадимулайём нағз медидам (Р.Ҷалил.Бозгашт аз бихист). Ба шаҳр рафтан даркор (С.Айнӣ. Дохунда). Берун аз шаҳр оши палав мепазанд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар).

Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба низ хуллас ва тафсилӣ мешавад.

а) Хуллас: Хомӯшӣ. Берунӣ дастнависашро аз зери болин мебардорад (С.Улуғзода, Ибни Сино). Чӣ ном доред? Солеҳ (Ҳ.Карим, Оқшуда).

б) Тафсилӣ: Моҳи декабри соли 1937 ӯро ба Помир фиристоданд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар).

Ҷумлаҳои умумишахс, номуайяншахс, муайяншахс, бешахс, унвонӣ, ноппура, тасдиқию инкорӣ ба гурӯҳи ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дохил мешавад.

3. **Ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати оҳанг**

Ба воситаи ин гурӯҳи ҷумлаҳо гӯянда ва ё нависанда нисбат ба амал, воқеа, ҳодиса, ифодаи фикр ва ҳозираюояндаи масъалаи инъикосшаванда

ҳиссиёти махсус зоҳир менамояд, чизеро тасвир мекунад, масъалаеро тасдиқ ё инкор мекунад, касеро даъват менамояд, аз ин ё он касс ё чиз пурсон мешавад ва ғайра.

Ин гунна мафҳумҳоро чумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ дар бар мегиранд.

**Чумлаи ҳикоягӣ**

Чумлае, ки дар он фикр ба воситаи оҳанги норму мўътадил ифода карда мешавад, чумлаи ҳикоягӣ номида мешавад. Вақти парвоз гузашта рафт (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар). Ман ҳам имшаб омадани ўро тахмин карда Будам (Р.Чалил, Маъвои дил). Мошин ба роҳаш давом медод (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар). Дар ин вақт баногоҳ санги калоне аз қуллаи кўҳ ғалтид (С.Айнӣ, Дохунда).

Чумлаҳои соддаи ҳикоягӣ аз ҳамдигар ба воситаи паузаи кўтоҳакак чудо карда мешаванд. Дар охири ҳар яки он нуқта гузошта мешавад. Деҳқон гандуми зиёдатиро ба худ нигоҳ дошта, чуволхояшро ҳундоштан гирифт. (С.Айнӣ, Дохунда). Дар деҳа пахтачинӣ сар шуд (Р.Чалил, Бозгашт аз бихишт).

Дар забони адабии ҳозираи точик хабари бисёр чумлаҳои соддаи ҳикоягиро сиғаи хабарии феъл ва шаклҳои гуногуни замонии он ташкил медиҳад, зеро худи сиғаи хабарӣ хусусияти маълумотдиҳӣ, тасвиркунонӣ, имконпазирию имконнопазирии амал, таъкидкунонӣ ва ғайраро доро мебошад. Гўянда ё нависанда ба воситаи ин навъ чумла фикри худро ҳамачониба зикр мекунад, оид ба ин ё он ҳодисаю воқеа мулоҳиза меронад, баҳс мекушояд, хулоса мебарорад ва ниҳоят шунаванда ва ё хонанда аз мақсаду мароми  гўянда ва нависанда ҳаматарафа огоҳ мегардад. Аз ҳамин чост, ки категорияи модалияти субъективӣ ва объективӣ бештар ба чумлаи соддаи ҳикоягӣ хос аст.

Барои барчастатар ифода шудани модалият як қатор чузъҳои дигари грамматикӣ аз қабили феълҳои модалии **хостан, тавонистан, бояд, шояд** ва феъли **хоҳам рафт,** феълҳои таркибии номии **орзу кардан, умед доштан, тахмин кардан** нақши калон мебозанд: **Ман ҳамчун як фарзанди як қишлоқ гап задаи мехоҳам** (Ф.Ниёзӣ, Вафо). **Рўзи дигар ба кор баромада**

**натавонистам (Ф.Муҳаммадиев,** Одамони кӯҳна**). Кучо бояд рафт (Ҳ.Карим,** Оқшуда**). Лекин ба одамизод бигузор он шахси маҳбубаш бошад, фақат аз нафосати гулу ҳаловати навои танбӯр лаққидан нашояд (Ф.Муҳаммадиев,** Асарҳои мунтахаб**). Ҳамин тавр шуданашро умед доштан (Р.Чалил,** Ҳикояҳо**).**

Хабари чумлаи соддаи ҳикоягӣ ба воситаи сиғаи эҳтимолӣ низ ифода мегардад. **Ягон моҳ мешудагист (Ч.Икромӣ,** Дувоздаҳ дарвози Бухоро**). Акнун дигар одам намеомадагист (Ф.Муҳаммадиев,** Сози Мунаввар**). Шумо албатта, китоби бисёр доштагистед (Р.Чалил,** Маънои дил**).**

**Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ низ ба вазифаи хабари чумлаи соддаи ҳикоягӣ меояд:** Туйро ба чор касс маъқул карда гузаронем (**Р.Чалил,** Шӯроб).

Вақте ки чумлаҳои соддаи ҳикоягӣ маънoҳои зарурату ногузирӣ, эътимоду боварӣ, гумон, шубҳа, тахмин хурсанӣ, норозигӣ, хафагӣ, ҳайрат ва ғайраро ифода мекунанд, хабари онҳо ба воситаи калимаҳои **ҳатмӣ, зарур, лозим, даркор, ногузир, чоиз, фарз, матлуб, бешубҳа, бебаҳс, аниқ, гумон, шубҳа, эҳтимол, тахмин, мумкин** ва феълҳои ёридиҳандаю бандакҳои хабарӣ ифода мегарданд: **Зиёдтар хондан лозим аст. Мутолиаи газетҳои ҳаррӯза ҳатмист. Барои шеър навиштан бисёртар шеър аз ёд кардан лозим. Фолклори халқиро донистан даркор аст. Дар гирди меҳвари худ чарх задании сайёра аниқ мебошад. Аз одами танбал меҳнати босубот гумон аст. Танбалро коргар кардан мумкин аст.**

**Чумлаи саволӣ**

**Чумлае, ки дар он фикр ба тариқи пурсиш ифода ёфта, дар охири он аломати савол гузошта мешавад, чумлаи саволӣ номида мешавад:** Наход, мо ба ҳамдигар ба ин дарача монанд бошем? (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Барои чӣ бандӣ шудӣ? (С.Айнӣ, Дохунда). Ту аз ман хафа нестӣ? (С.Толис, Ҳикояҳо). Хой, худаш чӣ гап, хочаи хасак? (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо).

**Чумлаи амрӣ**

**Чумлае, ки дар он фикр ба таври амр, фармон, супориш ва хоҳишу илтимос ифода мегардад, чумлаи амрӣ номида мешавад.** Хабариаксари

чумлаҳои амрӣ ба врситаи феъли фармоиш ё худ сиғаи амр ифода мегардад. Чон-чон гуфта розӣ шав (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Мардум, чамъ шавед, ғазо кунед (С.Улуғзода, Восеъ). Аз ҳамон оқибандозатон саду даҳ сӯмашро ба ман диҳед (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Шум обе хеч гунна андеша ба тарафи бародарони худ гузаред (С.Айнӣ, Дохунда).

**Чумлаи хитобӣ**

Чумлае, ки дар он фикр бо ҳиссаёту ҳаячон ифода мегардад, чумлаи хитобӣ номида мешавад: Ту садқаи бачаҳо шав! (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Шумо дарвозаро хуб нигаҳбонӣ кунед! (С.Айнӣ, Дохунда). Аз техника самаранок истифода баред! (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

Яке аз воситаҳои муҳимми ташаккули чумлаҳои хитобӣ мухотаб, ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва калимаҳои модалӣ ба ҳисоб меравнд. Аз ин чост, ки дар чумлаҳои хитобӣ оҳанг пуршиддатшуда, тобишҳои гуногуни маъной ба амал меояд. Дар охири чумлаи хитобӣ аломати хитоб гузршта мешавад. Монда нашавед! Равнаку баракат ба коратон, дӯстони азиз! (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Ту ҳам бояд бимирӣ! (С.Улуғзода, Восеъ). Азизам, Бурхончон! Хатм муборакат бод! (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Кошкӣ ҳамин тавр мешуд! (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Магар нони хӯчаинро муфт гумон кардӣ! (С.Айнӣ, Дохунда).

**Чумлаҳои соддае, ки аз як сараъзо ва ё сараъзою калимаҳои эзоҳдиҳанда иборатанд, чумлаҳои соддаи яктаркиба номида мешаванд.**

Чумлаҳои соддаи муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс, унвонӣ, нопурра ва тасдиқию инкорӣ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

**Чумлаи муайяншахс**

**Чумлаи соддаи яктаркибаи бемубтадое, ки хабари он шахси муайянро нишон медиҳад, чумлаи соддаи муайяншахс номида мешавад:** Дарро кӯфтам. Хонаро рӯбучин кун. Подаро ба чаро баред.

Хабари чумлаи соддаи муайяншахс ба воситаи сиғаи амрӣ ва хабарӣ сурат мегирад.

1. **Сиғаи амрӣ.** Сиғаи амрӣ дар ҳар душ умора (Танҳо ва чамъ0 ба вазифаи хабари чумлаи соддаи номбурда баробар истифода мегардад: аввал аспро ба

саисхона кашида хўрок деҳ! (С.Айнӣ, Дохунда). То гирифтани фармони дуюм муваққатан Душанберо гузошта, пас гардед! (С.Айнӣ, Дохунда).

2. **Сиғаи хабарӣ.** Аз сиғаи хабарӣ ба вазифаи хабари ин навъи чумла шахси якум ва дуюми шумораи танҳову чамъ истеъмол мегардад. Ба ҳаёти мустақилона қадам мемонӣ (Ф.Муҳаммадиев Одомони кўҳна). Ҳар рўз ҳамдигарро мебинем, саломуалейку ҳолпурсӣ мекунем (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар).

Хомўш, парешонҳол менишастем (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар). Ҳамроҳи насрнависи чавон Б.Н. мачмўаи ҳикоя ва очеркҳои ўро мутолиа ва муҳокима мекардем (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар).

### Чумлаи номуайяншахс

**Чумлаи содаи яктаркибаи бемубтадое, ки хабари он ба воситаи шахси саеюми чамъ ифода меёбад, чумлаи яктаркибаи номуайяншахс номида мешавад:** Ҳар рўз ба радио ва газета эълон медоданд (Р.Чалил Бозгашт аз биҳишт). Пас аз се соли муҳочиршуда омаданаш Мирҳайдарро ба як колхози майда раис интихоб карданд. (Ч.Икроми, Хатлон). Зимистони ҳамон сол ҳардуямонро ба Масква даъват намуданд (Ф.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар).

Ин навъи чумла дар зарбулмасалу мақолҳои халқӣ фаровон истифода мегардад: Оҳанро дар гармияш мекўбанд. Чўчаро дар тирамоҳ мешуморанд. Орзуи дўғро дар маҳтоб мешикананд.

### Чумлаи умумишахс

Чумлаи яктаркибаи бемубтадое, ки хабари он ба воситаи сиғаи хабарии замони ҳозираюояндаи шумораи дуюми танҳо ва сиғаи амрӣ ифода мегардад, чумлаи умумишахс номида мешавад:

Мебарӣ рози ман даҳон ба даҳон,
Мекунӣ чун гуноҳ ифшоям.

(Ш.Ёдгорӣ.Симои халқ.)

Ба чашми хирад ҳозири вақт бош,
Ба ҳукми амал нозири вақт бош.

(Абдураҳмони Чомӣ, Панду ҳикматҳо)

Баъзан дар чумлаҳо хабари феълии шахси сеюми танҳо, ки бештар дар

ҳикматҳои халқӣ мушоҳида мегардад, мазмунан ба ҳар се шахс як хел мансубият дорад: Аз кундае параха мепарронад. Панч ангуштро ба даҳон меандозад. Муштро ба торикӣ мезанад. Аз сояи худ метарсад. Ба чашми одамон хок мепошад (В.Асрорӣ, Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ).

Чумлаҳои умумишахс дар хулосаҳои пандомези шоирону нависандагон низ дида мешаванд:

Хирадманд бош, беозор бош,

Ҳамеша забонро нигаҳдор бош!

(Абдулқосим Фирдавсӣ, Панду ҳикматҳо).

Аз ситамгарон бигиру ба накӯкорон бихӯр,

Аз чаҳонхоҳон биғалту ба чаҳондорон битоз.

(Абулночии Манчуҳрӣ, Панду ҳикматҳо).

## Чумлаи бешахс

Чумлаи соддаи яктаркибаи бемубтадое, ки чузъи асосии хабари он ба воситаи шахси сеюми танҳо ифода ёфта, феъли бояд чузъи ёридиҳандаи онро ташкил медиҳад, чумлаи бешахс номида мешавад. Илочи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард (Зарбулмасал). Ин заминро шудгор бояд кард (рӯз. «Точикистони советӣ»).

Чузъи ёридиҳандаи як гурӯҳ чумлаҳои бешахсро феъли шудан ташкил медиҳад: Аз ин об гузашта намешавад (Садои Шарқ). Дар ин ҳавои бад чизеро дида намешавад (рӯз. «Пионерии Точикистон»).

Хабари як қатор чумлаҳои бешахс ба воситаи масдару калимаҳои модалии зарур, лозим, даркор, мумкин низ сурат мегирад: Доимо ба фаъолон ва мутахассисон маслиҳат кардан лозим (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Ин тавр бошад, корро сар кардан даркор (С.Айнӣ, Дохунда).

## Чумлаи унвонӣ

Чумлаи соддаи яктаркибаи бемубтадое, ки дар  он воқеа ва ё предмету ҳодиса номбар мешавад, вале дар бораи он чизе гуфта намешавад, чумлаи унвонӣ номида мешавад. Деҳа. Рӯи ҳавлӣ. Дар назди айвон Мала ва Мошон

хоккейбозӣ мекунанд (Н.Исмоилов, Ба мо бовар кунед).

Ҷумлаҳои унвонӣ асосан дар нутқи тасвирии нависанда ё гӯянда дучор меоянд. Асарҳои бадеӣ ва песаҳо манбаи асосии ин ҷумлаҳо ба шумор мераванд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷумлаҳои унвониро аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: хуллас ва тафсилӣ.

**Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ**

Ҷумлаҳое, ки ҷавоби пурсишро ба воситаи ҳиссачаҳои тасдиқию инкорӣ ифода менамоянд, ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ номида мешаванд: Ту кистӣ, раис ҳастӣ? – пурсид шофёри калон. - Не (С.Улуғзода, Навобод). Дар вақти тамошо додани осиё ман ба ту нишон дода будам-а?

- Ҳа – ҳа! (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

Ҳиссачаҳои оре, балле ва калимаи модарӣ албатта, низ ба вазифаи ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ омада метавонанд.

**Ҷумлаҳои соддаи нопурра**

Ҷумлаи соддае, ки дар он фикр ба таври мухтассар ё нопурра ифода мегардад, ҷумлаи соддаи нопурра номида мешавад:

- Куҷост? Нишон деҳ!

- Намедонам!

- Чаро намедонӣ? (С.Айнӣ, Дохунда).

- Чӣ ном доред?

- Солеҳ. (Ҳ.Карим, Оқшуда).

**Сараъзои ҷумлае, ки амалу ҳолат, ҳаракат ва анҷоми амал ба он вобаста аст, мубтадо номида мешавад.** Мубтадо ба саволҳои кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, ҷавоб шуда, ба ғайр аз феълҳои тасрифӣ, ба воситаи ҳамаи ҳиссаҳои мустақил ва ҳиссаҳои предметонидашудаи нутқ ифода меёбад.

**Ба воситаи исм:**

а) **Исми хос:** Бону ба ӯ бовар мекард («Садои Шарқ») Боъд Юсуф миёнбандашро кушода ба тарафи Қурбону шарикаш партофт (Саттор Турсун, Се рӯзи як баҳор). **Фирӯза** бечораи Аҳмадҷонамакро дар дақиқаи аввал шинохта натавонист (Ҷ.Икромӣ, Духтари оташ).

б) Исми чинс:**Духтарак** наворо шунида, ба ракс медарояд. (**Ф.Муҳаммадиев**, Дўстон точи сар). Саг аз мардуми мардумазор беҳ (С.Шерозӣ. Панду ҳикматҳо). Ҳаво торафт серун мегардад (Ф.Муҳаммадиев, Палатаи кунчакӣ).

**Шаршара** мерехт аз он кўҳсор,

Зуд парешон шуда монанди ғуроб.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

в) Исмҳои моддӣ ва маънӣ **Муҳосиршудагон**бо даҳшати тамом аз хоб бедор шуданд (С.Айнӣ, Дохунда).

**Илм** дилро ба чои чон бошад,

Сар беилм бадгумон бошад.

(Рукниддини Авхадӣ, Панду ҳикматҳо).

Ҳунар пояи мард афзун кунад,

Сар аз чайби иқбол берун кунад.

(Панду ҳикматҳо).

г) **Исми чомеъ: Мардум** ба тарафи вагонҳо давиданд (**А.Шукўҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо) Даста ба тарафи дигар нигоҳ карда, ба роҳ даромад (С.Айнӣ, Куллиёт). Мардум ин бандиро шинохтанд (П.Толис, Повест ва ҳикояҳо).

Сифатҳо мафҳуми предметӣ пайдо карда, ба вазифаи мубтадо меоянд: Нодон айб мекунад, доно худаш мефаҳмад (С.Улуғзода, Навобод). Чавон абрувонашро ба ҳам кашида пурсид (Р.Чалил, Ҳикояҳо). Оқил чоҳилро мешиносад, лекин чоҳил оқилро намешиносад (Фолклор).

Шумораҳо низ алоҳида ва гоҳо бо нумератив дар чумла мубтадо шуда меоянд:

а) Шумораҳои миқдорӣ: Чил – камоли чавонист. Шаст – камоли мардист (Форклор). Чор ба ду тақсим мешавад. Бист адади чуфт мебошад.

Шумораи миқдорӣ бо чонишини ҳар якчоя ба вазифаи мубтадо истеъмол мегардад: Ҳар ду ба сўи ҳавзи кавсар баромаданд (Р.Чалил, Бозгашт аз бихишт). **Хар сеяшон**ба роҳ даромаданд (С.Улуғзода, Навобод).

Шумораи миқдории як якчоя бо арктикле е хусусияти исмӣ гирифта, дар

чумла ба вазифаи мубтадо фаровон истеъмол мешавад: Яке курсӣ оварда, ба мобайни дӯкон гузошта ва ба нишастан таклиф намуд (Ф.Муҳаммадиев, Дар он дунё). Яке аз боғ, дигаре аз роғ (Фолклор).

б) Шумораи тартибӣ низ хусусияти предметӣ гирифта, вазифаи мубтадоро адо мекунад: Панчум Ашрафчон ном сандуқсоз буд… (С.Айнӣ. Ёддоштҳо). Саввумӣ аз шавқи ботинӣ худро то андозае фаромӯш кардааст (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

Чонишин ва аксарияти хелҳои он ба вазифаи мубтадо истифода мешавад: Ман аз хурсандӣ ба пӯстам намеғунчидам (Р. Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Ӯ бо ҳаячон ва дастони ларзон мактубро пӯшид (Р. Чалил, Бозгашт аз биҳишт).(Р. Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Онҳо модарвор шарики ғаму шодии бародарон мегарданд. (Р. Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Мо боз чанд кори диггаро буд карда, ба дӯкони бензинфурӯши омадем. (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Ҳар касс ба қадри ҳол чизе худой дода ба савоб дохил мешавад (С.Айнӣ, Дохунда).

Вазифаи мубтадоро сифати феълӣ ва замонҳои ҳозираи гузаштаи он ҳам, ки исм мегузаранд. адо мекунанд: Ояндагон наздик омаданд (С.Айнӣ, Дохунда). Раванда дар панч дақиқа ба пеши аспи худ расид. (С.Айнӣ, Ғуломон). Рафтагиҳо мактуб навиштанд (рӯз. «Комсомолии Точикистон»).

Масдар ҳам ба вазифаи мубтадо меояд: Шунидан кай бувад монанди дидан. (Фолклор). Хобидан ҳоло барвақт аст (С.Улуғзода, Субҳи чавони мо).

Самраъзои чумлае, ки амалу ҳаракат, муносибат ва замони ичрои кори мубтадоро муайян мекунад, хабар номида мешавад.

Хабар ба саволҳои **чӣ шуд?. чӣ мешавад?, чӣ кор мекунад?, кист?, чист?** ва ғайра чавоб мешавад.

Дар забони адабии ҳозираи точик хабарро аз чиҳати ифодаи маъно ба ду гурӯҳ чудо мекунанд: феълӣ ва номӣ.

1. Хабарҳои феълӣ. Хабарҳое, ки чузъи асосии онҳо бо феъл ва сиғаҳои феълӣ ифода мегарданд, хабарҳои феълӣ номида мешаванд: Миршаб ба рӯи суфаи таги айвон **нишаст** (Ч.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Кошки,

кудурат аз замин бардошта мешуд (Ч.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ҳа, меҳмон-бародар, Бие (Ф.Муҳаммадиев, Сози Мунаввар), Акнун дигар одам **намеомадагист** (Ф.Муҳаммадиев, Сози Мунаввар).

Хабарҳои феълӣ аз чиҳати сохту таркиб ба ду гурӯҳ чудо карда мешаванд: содда, таркибӣ:

1) Хабарҳои феълии содда асосан ба воситаи як калима ифода мегарданд. Чунончи:

а) Ба воситаи сиғаи амрӣ: **Бубин**, шӯълаҳои алав дар сангҳо бозӣ мекунанд. (**П.Толис**, Ҳикояҳо).

**Бархез** зи хоб, санами Шарқ,

**Бархезу ба по кун** олами Шарқ.

(А.Лохутӣ, Куллиёт).

б) Ба воситаи сиғаи шартӣ- хоҳишмандӣ: Наход Панч-даҳ савобталаб галаашро ба бонӣ надиҳад (Р.Чалил, Одамони човид).

Ҳамон солее, ки онҳо бор **оранд,**

Ба мо хурсандии бисёр **оранд**.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб).

в) Ба воситаи сиғаи эҳтимолӣ: Ҳозир баъд аз як-ду дақиқа **меомадагист** (**С.Айнӣ**, Марги судхӯр). Падараш имрӯз ё пагоҳ **мерафтагист (Садои Шарқ).**

г) Ба воситаи сиғаи хабарӣ: Мили вай девонавор **мерақсид** (Ф.Муҳаммадиев, Сози Мунаввар). Мошин дар канори роҳ, байни ду теппаи пасте **меистод (Ф.Муҳаммадиев**, Сози Мунаввар).

2) Хабарҳои феълии таркибӣ. **Хабарҳое, ки** аз ду **ва зиёда** феълҳо **таркиб меёбад, хабарҳои феълии таркибӣ номида мешаванд**. Дар ин чо сӯҳбат онҳо ба охир расид, зеро ки ба дами дарвозаи **хавлиашон расида буданд** (**Ф.Муҳаммадиев**, Сози Мунаввар). Фирӯза бефаранчӣ ва Карим ба рӯи курсиҳо нишоста **буданд** (Ч.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Азбаски феълҳои таркибии номӣ дар барқарор намудани маънову мафҳуми категорияҳои морфологии феъл чун феълҳои асосӣ иштирок мекунанд, дар синтаксис ба вазифаи хабарҳои таркибии феълӣ меоянд: Чанги

роҳ **пароканда шуда буд** (**Ф.Муҳаммадиев**, Сози Мунаввар). Онҳо ба давлати нав, ба Хукумати инқилобии нави худ **хизмат мекунанд.** (**Ч.Икромӣ**, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Хуллас, ки хислати одам ба дилаш **мувофиқ мешудааст** (**Ф.Муҳаммадиев**, Сози Мунаввар).

Хабарҳои таркибии феълӣ бо феълҳои модалии **хостан, тавонистан, сурат гирифтан** маънои мухталифро аз қабили имконият, хоҳишу ният, дарк кардану муқобил гузоштан нишон медиҳанд: Мо аз имову ишораи ӯ чизе **фаҳмида натавонистем** (**Ч.Икромӣ**, Хатлон). Баъди чанд лаҳзаи хомӯшӣ ронанда Моро боз **фаҳмондан мехост** («Садои Шарк»).

Шаклҳои ғайритасрифии феъл **масдар** ва **сифати феълӣ** низ алоҳида ва якчоя бо феълҳои ёридиҳандаю бандакҳои хабарӣ ба вазифаи хабар омада метавонанд.

а) Сифати феълӣ: Хабар дар чумла ба воситаи ҳамаи замонҳои сифати феълӣ ифода мегардад:

Камоли точикистонӣ **расида**,

Ба боғаш лолаҳои нав **дамида**.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб).

Ман ба Шоди Панч-шаш бор ҳалво пухта **фиристодагӣ (Ч.Икромӣ,** Шодӣ).**Дасту рӯям ҳам се-чор рӯз боз нашустагӣ** (Ф.Ниёзи, Вафо). Зисту зиндагонии муҳочиронро ба чашми худ **диданӣ (Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт).

б) Масдар: Кори асосии мо чӯйборҳоро **чукуртар кардан ва қуборҳоро хобондан аст** (рӯз. «Точикистони шӯравӣ»).

Набояд рӯзи аввал аҳд бастан

Пас аз бастан набояд аҳд шикастан.

(Ҳилолӣ, Панду ҳикматҳо).

**Хабарҳои номӣ**

**Хабарҳое, ки чузъи асосии онҳоро ҳиссаҳои номии нутқ ташкил медиҳанд, хабарҳои номӣ номида мешаванд.** Хабарҳои номӣ низ аз чиҳати сохту таркиб ба ду гурӯҳ чудо карда мешаванд: содда ва таркибӣ:

а) **Хабарҳои номии содда.** Хабарҳои номии содда ба воситаи як калима

ифода мегарданд ва дар ташаккули онҳо аксарияти ҳиссаҳои нутқ иштирок мекунанд: Рафиқи ман – **Солеҳ**, (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо). Чойхонааш **покиза** (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо). Қишлоқ-**хурдакак** (С.Улуғзода, Навобод). Соат **ёздаҳ (С.Айнӣ**, Ятим). Номат чист, холачон? (С.Айнӣ, Ғуломон). Ту **кистӣ? (Ҳ.Карим**, Хикояҳо). Дар ин Ғозибузургов ғубор бисёр (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо). Лекин дар ҳамин гӯша ҳам соҳибдилон **бисёранд (Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар).

б) **Хабарҳои номии таркибӣ. Хабарҳое, ки бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода ёфта, ба онҳо феълҳои ёридиҳанда ҳамроҳ мешаванд, хабарҳои номии таркибӣ номида мешаванд.** Хабарҳои номии таркибӣ мисли хабарҳои соддаи номӣ ба воситаи ҳиссаҳои нутқ ифода мегарданд: Ин мард **Амонулло** буд (С.Улуғзода, Навобод).Ман дар дари хӯчаини падарам **ғуломбача шудам (Ҳ.Карим).** Вай **носфурӯш буд** (С.Улуғзода, Навобод). Чӯра Холдоров бисёр **ғамгин буд** (Ҳ.Карим). Мутаваллии мадраса бесавод буд (С.Айнӣ, Марги судхӯр). Хӯрок **камакак буд** (Садои Шарқ).

в) **Хабарҳои номии тафсилӣ. Хабарҳое, ки ба воситаи иборaҳои гуногун ва феълҳои ёридиҳанда ифода мегарданд, хабарҳои тафсилӣ номида мешаванд:** Одамон **машғули истироҳат (Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). Ин **рӯзи охирини Абдуллохоча буд (С.Айнӣ**, Дохунда). Иди Наврӯз **яке аз идҳои пеш аз исломият аст (С.Айнӣ**, Куллиёт). Вай чанд сол боз аъзои колхози ба номи Ворошилов буд (**Ҳ.Карим**, Оқшуда). Ӯ як чавони кӯтоҳқади кулчарӯи тахминан бисту панчсола буд (**С.Айнӣ**, Ёддоштҳо).

Як гурӯҳ хабарҳои номии таркибиро таркибҳои алоҳида, ки аз ҳиссаҳои номию пешояндҳо сурат мегиранд, ташкил медиҳанд: Дар Тошкант бозори ин молҳо **дар авч аст** (**Ч.Икромӣ**, Ман гуноҳкорам). Гуфтугӯ **дар бораи ту** («Садои Шарқ»). Роҳи ростор **хатар нест**, качрав ҳамеша **дар хатар**.

Боли парвози Гагарин **бо шумост**,

Боли мероси Гагарин **бо шумост**.

Аъзоҳои пайрави чумла муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол мебошанд. Ин аъзоҳои пайрав аз чиҳати сохту таркиб аз ҳам фарқ мекунанд ва ба воситаи

ҳиссаҳои нутқ ташкил ёфта, ба саволҳои мухталиф чавоб мешаванд. Яке ба мубтадо дигаре ба хабар вобаста шуда, дар ташаккули чумлаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун мавқеи босазо мегузоранд.

## МУАЙЯНКУНАНДА

**Аъзои парйрави чумлае, ки аломат, сифат, хусусият, муносибат ва соҳибиятро ифода мекунад, муайянкунанда номида мешавад.** Муайянкунанда ба саволҳои **чй хел?, чй гунна?, кадом?** чавоб мешавад. Мисолҳо: сарзамини хушманзара, шоири боистеъдод бачагони хушбахт, ин кўҳсор, он деҳа, панч писарбача, олими маъруфи точик, ин деҳаи навбунёд, хунукй карахт.

Дар мисолҳои боло, чунин ки дида мешавад, дар кадом дув а зиёда калимаҳо ба туфайли воситаҳои алоқаи грамматикй яке бо дигаре тобеъ гашта, мафҳумҳои мураккабро ба вучуд овардаанд.

Аз ин бармеояд, ки муайянкунанда одатан дар таркиби ибораҳо мушоҳида мегардад. Ба таври дигар, муайянкунанда бе муайяншаванда вучуд надорад. Муайянкунанда-тобеъшаванда буда, муайяншаванда-тобеъкунанда аст. Дар мисоли **маслиҳати дўстон** калимаи **дўстон** бо бандаки изофй ба калимаи **маслиҳат** тобеъгашта, чигунагии муносибатро фаҳмондааст.

Бояд гуфт, ки муайянкунанда бештар ба воситаи ҳиссаҳои нутқе ифода меёбад, ки аломату сифат, хусусияту муносибат, миқдору соҳибиятро ифода мекунад. Ба ин маъно, исм ва ҳиссаҳои предметонидашуда бештар муайяншаванда бештар муайяншаванда ва сифат, шумора, сифати феълй ва ғайра муайянкунанда мешаванд. Ин маънои онро надорад, ки исм, шумора ё чонишин муайянкунанда намешаванд. Онҳо низ дар навбати худ муайянкунанда ҳам мешаванд.

Як хусусияти махсуси муайянкунанда ин аст, ки он дар чумла дар таркиби сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав меояд.

а) Дар таркиби мубтадо: **Мўйҳои дарози сиёҳи маҳин бофтагии вай** дар вақти гуппизанй ба пеш меафтоданд **(С.Айнй,** Дохунда**).**

б) Дар таркиби хабар: Ҳоло Ману муаллим дар соҳили Сир **машғули**

**сайрем (Ф.Муҳаммадиев,** Дўстон точи сар**).**

в) Дар таркиби пуркунанда: Ў аз **котиби ташкилоти комсомолй** ҳам хоҳиш кард, ки аз ҳоли хонаводааш бохабар бошад **(Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт**).**

г) Дар таркиби ҳол: Баъд аз тақрибан як соат падару Писар дар назди **дарвозаи бозори калон** вохўрданд **(Б.Насриддинов,** Модарам – дилу чонам**).** Шумо аз болои боми онҳо нафароед (Садои Шарқ).

**Муайянкунандаҳои чида**

**Муайянкунандаҳое, ки ба як муайяншаванда тобеъ шуда меоянд, муайянкунандаҳои чида номида мешаванд.** Дар муайянкунандаҳои чида муайянкунандаи якум ба муайяншаванда дар алоқаи изофй омада, калимаҳои минбаъда бо ҳам дар алоқаи пайваст меоянд, вале ҳамаи онҳо ба калимаи якум тобеъ мебошанд: Қаторкўҳҳои **кабудчаранг, зардачахол** ва **сурхчатоб** сар ба фалак мекашид (**С.Айнй,** Одина). Ҳар ду бародар пири **қоматхамидаю афтодаҳол** буданд (**Р.Чалил,** ҳикояҳо). Шокирчон чавони хушрўй ва хушқаду баст буд (**Ҳ.Карим,** Ҳикоятҳо).

**Муайянкунандаҳои пай дар пай**

**Муайянкунандаҳое, ки пайдар пай омада якдигарро муайяну пурра мекунанд, муайянкунандаҳои пай дар пай номида мешаванд:** Мирҳикмат занчири **дарвозаи кўчаро** кушода омада, ба аср алаф дод (**С.Айнй,** Куллиёт). Лаби **ғафси ҳамчун** даҳони **чуволи лабгардон** кардашудаи вай бо ҳамдигарнамечаспид (**Р.Чалил,** Одамони човид). Дарвозаи яктабақаи Бобособир аз дарун занчир буд (**С.Айнй,** Ғуломон).

**Аъзои пайраве, ки ба хабари чумла муносибатҳои гуногун дорад, пуркунанда номида мешавад.** Пуркунанда ба саволҳои **киро?, чиро?, аз кй?, ба кй?, ба чй?** чавоб мешавад. Пуркунанда одатан ба воситаи исм, чонишин ва ҳиссаҳои нутқе, ки хусусияти предметй мегиранд, ифода мегардад: Онҳо

Восеъро ба назди ӯ ҳозир карданд (**С.Улуғзода,** Влсеъ). Ӯ худро ба замин партофту хомӯш монд (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар,** Печутоби роҳҳо).

Пуркунанда вобаста ба маъно ва хусусиятҳои грамматикияш дух ел мешавад: бевосита ва бавосита.

## ПУРКУНАНДАИ БЕВОСИТА

Пуркунандаи бевосита дар чмулаҳое меояд, ки хабари онҳо асосан ба воситаи феълҳои гузаранда ифода мегарданд ё ифода гаштаанд. Пуркунандаи бевосита низ дар навбати худ вобаста ба нишон додани предметҳои муайяну умумӣ дух ел мешавад: суратёфта, суратнаёфта.

### 1. Пуркунандаи бевоситаи суратёфта ва роҳҳои ифодаёбии он

Пуркунандаи бевоситаи суратёфта бо пасоянди «ро» сурат гирифта, предмети муайянро нишон медиҳад ва ба саволҳои киро?, чиро? чавоб мешавад. Ин навъи пуркунанда ба воситаи аксарияти ҳиссаҳои нутқ ифода мегардад. Чунончи:

1. Ба воситаи исм: а) Исми хос: Шодӣ Каримабонуро нағз мешинохт (**Ч.Икромӣ,** Шодӣ). Одинаро хоб намебурд (**С.Айнӣ,** Одина).

### 2. Пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта роҳҳои ифодаёбии он

Пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта предмети номуайянро нишон медиҳад ва аз ин рӯ, он нисбат ба пуркунандаи бевоситаи суратёфта камтар ташаккул меёбад. Исмҳои хос ва чонишинҳои ифокунандаи шахс, ки хусусияти умуминомбаркунӣ надоранд, дар чумла ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта намеоянд. Масалан, ман **бригадир** пурсидам, ё**Аҳмад** пурсидам гуфта наметавонем, вале ман **гӯгирд** пурсидам, **меҳмонхона** пурсидам гуфта метавонем.

## ПУРКУНАНДАИ БАВОСИТА ВА РОҲҲОИ ИФОДАЁБИИ ОН

**Пуркунандаи бавосита предметро ифода мекунад, ки таъсиру ҳаракати хабари ҷумла ба воситаҳои гуногун ба он мегузарад.** Пуркунанадаи бавосита аз бевосита ба он фарқ мекунад, ки вай ҳамеша бо пешояндҳои гуногун сурат мегирад ва ба саволҳои **ба кӣ?, ба чӣ?, аз кӣ?, аз чӣ?, дар чӣ?, бо чӣ?** ва ғайра ҷавоб мешавад: Ту бо Ҳоҷиумар дар бораи духтараш чӣ қавлу қарор карда будӣ? (**С.Улуғзода,** Навобод).

Рафиқӣ кун ту **ба ёрони ҷонӣ,**

На ёре к-ӯ бувад ёри забонӣ.

(Роғиби Самарқандӣ, Панду ҳикматҳо)

Бояд гуфт, ки пуркунандаи бавосита ба воситаи пешояндҳои соддаи **аз, ба, дар, андар, то, бе,** пешояндҳои таркибии беизофаю изофии **оид ба нисбат, доир ба, ба ҷуз, дар хусуси, дар бораи, дар бобати, бо ҳамроҳии, дар назди, аз ҷониби, ба ҷониби, ба муқобили, бар зидди, ба ҷои, дар ҷои** ва ғайра ташаккул ёфта, ҳар кадом мувофиқи вазифаҳои грамматики худ тобишҳо ва муносибатҳои мухталифро аз қабили сарчашмаи амал, муқоиса, объекти муҳокима, сохта шудани предмет аз предмет, асоси амал, машғулият, шабоҳат, ҳамроҳӣ, иштироки касе дар амале ва ғайраҳоро бараъло нишон медиҳанд.

Пуркунандаи бавосита бо ёрии ин пешояндҳо ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва таркибу ибораҳо ифода меёбад.

1. Ба воситаи исм: а) исми хос: Дар бораи **Айнӣ** бисёр касон шеър навиштаанд (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон ҷочи сар). Макаров **бо ҳамроҳии Шодӣ** хеста берун баромад (**Ҷ.Икромӣ**, Шодӣ).

**Аъзои пайрави ҷумлае, ки тарзи иҷрои амалу ҳолат, аломат ва замону мкон, сабабу мақсад, шарту хилофи кору ҳаракати предметро нишон медиҳад, ҳол номида мешавад.** Ҳол ба саволҳои **чӣ тарз, чӣ тариқ?, чӣ қадар?, ба мисли чӣ?, кай?, дар куҷо?, чаро?, ба кадом мақсад?, ба кадом шарт?, бо вуҷуди чӣ?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

Ҳол дар ҷумла ба воситаи ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ (ба ғайр аз феълҳои тасрифӣ), таркибу ибораҳои мухталиф ифода мегардад.

Ин аъзои пайрав ва хелҳои он тасаввути воситаҳои алоқаи грамматикӣ

ташаккул ёфта, муносибатҳои гуногуни маъноиро ифода мекунад.

Ҳол хусусан, ба воситаи зарф, исму ибораҳои исмӣ, таркибҳои чонишинӣ, феъли ҳолу ибораҳои он, масдару ибораҳои масдарӣ зиёдтар ифода мегардад: Пирамард **шитобкорона** роҳ мерафт **(С.Айнӣ**, Дохунда). Бача ҳам **шодикунон гоҳ аз пеш ва гоҳ аз дунбол**ба роҳ баромад (**С.Айнӣ**, Дохунда). **Имрӯз баъди кор** бо он касс мактуб менависам (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт).

Ханда мекардам **ба сӯи шаршара,**

Ханда меомад **зи ҳар санги дара**.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Лекин **бо вучуди ин ӯ ба деҳа** маро ҳамроҳ гирифта меомад (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). **Барои чой дам карда додан** омада буд (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар,** Печутоби роҳҳо).

Ҳол аз рӯи маъно ва тарзу воситаҳои ба амалу аломат ва ҳолат вобаста шуданаш чунин тасниф карда мешавад: Ҳоли тарз, монандӣ, миқдор, дарача, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф.

**2.Ҳоли тарз. Ҳоли тарзу тариқи ичрои аломату амал ва кору ҳаракатро мефаҳмонад ва ба саволҳои чӣ тарз?, чӣ тариқ?, чӣ гунна?, чӣ хел? чавоб мешавад:** Чавон кӯдакро оҳиста ба рӯи кӯрпача хобонд (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Ҳамроҳрафиқ баромада, дар гӯшае **сар хам карда** нишаст (С.Айнӣ, Марги судхӯр). Уқобе **беҳаракат** парвоз мекунад (П.толис, Повест ва ҳикояҳо).

Ҳоли тарзи амал бо як қатор ҳиссаҳои нутқ, таркибҳои ва ибораҳои гунагун ифода мегардад. Дар ташаккули ҳоли тарз воситаҳои алоқаи грамматикӣ аз қабили пешоянду пасояндҳо, бандакҳои изофӣ, чонишинӣ ва алоқаи ҳамроҳӣ саҳми босазое доранд.

Ифодаи ҳоли тарз, воситаи зарф. Азбаски вазифаи асосии наҳвии зарф ҳол мебошад, ҳамаи зарфҳои тарзи амал ба вазифаи ҳоли тарз истеъмол мегарданд: Чандин чуфт чашмони мисли олу сип-сиёҳи дурахшон **бесаброна ва кунчковона** ба рӯям дӯхта шуданд (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). Меҳмони точикро **меҳрубонона** қабул кард (**А.Шуқӯҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо). Пирамард шитобкорона роҳ мерафт (**С.Айнӣ**, Дохунда).

Бо хамон дасте, ки кардй инқилоб,

**Дилпурона** давлати оличаноб.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

**Ногаҳон**ба нармии гўши ростам як чизи тез халида чиззй карда монд (**С.Улуғзода**, Субҳи чавонии мо). Боз як савор дартоз омад (**С.Айнй**, Куллиёт).

Ва воситаи сифат. Сифатҳое, ки дар чумла ба вазифаи ҳоли тарз меоянд, аломати амалу корро нишон медиҳанд: Онҳо боз якчанд дақиқа хомўш роҳ гаштанд (Р.Чалил. Бахор). Исто, аввал масъаларо дурусттар фахмен (Ч.Икромй, Шодй).

Ба вазифаи ҳоли тарз сифатҳо дар шакли такрор низ меоянд: Бурро-бурро чавоб дех(С.Айнй, Куллиёт). Духтарон хиромон-хиромон ба саҳна наздик меоянд (Ф.Муҳаммадиев.Дўстон точи сар).

Ифодаи ҳоли тарз ба воситаи исм. Исмҳо дар шакли таркиб, яъне бо пешояндҳо ба вазифаи ҳоли тарз меоянд: Бой ба либосу кокулони Зўҳро аввал бо тааччуб, сонй бо тамасхур нигоҳ кард (Р.Чалил, Бозгашт аз бихишт). Вай сари сермўяшро аз дарича бароварда, бо диққат ба Юсуф нигоҳ кард (П.Толис, Повест ва ҳикояҳо).

Бачагиям бекасу танҳо гузашт,

Бо дарав, бо хушачиниҳо гузашт.

(Лоиқ, Рўзи сафед).

**3. Ҳоли миқдор ва дарача.** Холи миқдор ва дарача аз чиҳати ифодаи маъно бо ҳам наздик Буда, миқдору дарачаи амалу аломат, кору ҳаракатро нишон медиҳанд. Ин навъ ҳол, хусусан, холи миқдор аз чиҳати ичрои вазифа ба муайянкунанда шабоҳат дорад.

**Ҳоли миқдор.** Ҳоли миқдор ба ягон андоза ба амал омадани кору харакат, бардавомию такрори амал ва миқдори предметро мефаҳмонад ва ба саволҳои **чй қадар?**, **то чй қадар?, чандто?** чавоб мешавад. Гоҳ рўзе **як бор**, гоҳ рўзе **ду бор табу** ларз гирифтан гирифт (**Х.Карим,** Повест ва ҳикояҳо). Дар бадали ҳар хафта се рўз дусоатй машк кардан ва як рўз қаровулй кашидан моҳе 80 танга аз Хазина мегирад (**С.Айнй**, Куллиёт). **Ду моҳи тамом** пайваста хуб борид (**С.Айнй**, Куллиёт).

## 4. Ҳоли дарача.

**Ҳоли дарача ба ин ё он дарача воқеъ шудан, ё нашудани амалу кору ҳаракат ва аломату муносибатро дар чумла мефаҳмонад. Ҳоли дарача ба саволҳои то чӣ дарача?, то кадом дарача?,** чавоб мешавад: Ин китобчаро ман **бисёр** писандидам (**С.Айнӣ,** Куллиёт). Вай чӣ кор карданашро **нағз** мефаҳмад **(«Садои Шарқ»).**

Холи дарача бо зарф, сифат, таркиб ва ибораҳои исмию чонишинӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва ғайра ифода мегардад.

а) Ба воситаи зарф. Ҳамаи зарфҳои дарача ба вазифаи ҳоли дарача истеъмол мегарданд: Муқим **баъд аз қадре** такя намудан боз рост шуду ба роҳ даромад (**Ч.Икромӣ**, Шодӣ). Модарам бо бачаи ширхораш дар хонаи бегона **бисёр** азият мекашид (**С.Улуғзода**, Субҳи чавонии мо).

## 5. Ҳоли монандӣ

**Холи монандӣ амалу ҳаракат ва кору муносибатро аз чиҳати монандӣ ва ба таври қиёс нишон медиҳад ва ба саволҳои ба монанди чӣ? ба мисли чӣ?** ва ғайра чавоб мешавад. Тир ва тарафи душман монанди борон меборид (**С.Айнӣ,** Дохунда). Зардолуи худрӯи пайванднадида ба коми мо ба мисли қандаку мирсанчалиҳоширин мерасид (**Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар).

Шукуфта дилбари озод **чун гулдаста** мегаштӣ,

Ба ҳар як тори мӯят сад чавонро баста мегаштӣ.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб).

Холи монандӣ дар чумла ба воситаи зарф, исм, ибораҳои исмӣ, чонишин, феъли ҳолу ибораҳои он,воҳидҳои фразеологӣ ифода, дар ташаккули онҳо воситаҳои алоқаи грамматикӣ-пешоянду пасояндҳо, бандаки изофӣ, ҳамроҳӣ мавқеи махсус доранд.

1. **Ҳоли монандӣ ба воситаи исм:** Мард лаклак барин пойҳои лучи дароз дошт (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо).

Аз рӯзҳои аввал донӣ маро, азизам,

К-аз зиндагии осон мехостам гурезам,

**Монанди раъду барқе**ба абрҳо ситезам.

**Чун буттаҳои сарсабз** аз мағзи санг хезам,

Аз фарқи кӯҳсорон чун шаршара бирезам.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

**2. Ба воситаи сифат:**

Чу нодон на дар банди падар бош,

Падар бигзору фарзанди хунар бош!

(Абдураҳмони Чомӣ, Панду ҳикматҳо).

**5. Ҳоли макон**

Ҳоли макон чову макон, ибтидову интиҳо ва сӯи кору ҳаракатро мефаҳмонад. Ҳоли макон ба саволҳои **дар кучо?, ба кучо?, аз кучо?, то кучо?** чавоб мешавад. Боре як меҳмони хоричӣ бо ҳамсафаронаш ба Ленинобод меояд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Аммо дар қишлоқи Лолазор шароит дигар шуд (Ч.Икромӣ, Ман гунаҳкорам).

Обшор аз барии ӯ пош шуда,

Чониби дашту биёбон чорист.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Ҳоли макон дар забони адабии ҳозираи точик басо сермаҳсулу серистеъмол Буда, ба исм, таркибу ибораҳои соддаву таркибан доманадор фаровон ифода мегардад. Он гунна ҳиссаҳои грамматикие, ки ба вазифаи ҳоли макон меоянд, бо пешояндҳои соддаи **аз, ба, дар, то, пеши, паси, қафои, назди, паҳлӯи, атрофии, поении, болои,** пешояндҳои таркибии **дар назди, дар пеши, аз пеши, дар атрофии, аз қафои, аз болои, дар чониби, дар муқобили, аз тарафи, дар тарафи,** пешояндҳои такрори **пеш-пеш, пас-паси, нӯг-нӯги, таг-таги, сар-сари, бар-бари** ва ғайра сурат мегиранд.

Ба тақозои маънои грамматики ин пешояндҳо ҳоли макон тобишҳои зиёди маъноиро аз қабили чову макон, сатҳу масофа, ба кадом сӯй равона будан, ибтидову сарчашма, ибтидову интиҳои кору ҳаракати предметро нишон медиҳанд.

**Ҳоли замон кай, аз кай, то кай, кадом вақт ичро шудани амал, кору ҳаракати предметро мефаҳмонад ва ба саволҳои кай?, кадом вақт?, то кадом вақт?** ва ғайра чавоб мешавад: Имрӯз **баъди кор** ба он касс мактуб

менависам (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт). **Як вақт**духтар ҳам наздик расида омад (С.Айнӣ, Дохунда). Яъне **дар вақташ** ба лексияҳо, семинарҳо мерафтаму дар соати ҳолӣ ба мулоқот ба духтарони шиносам метохтам (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар).

**Ба мавсими дарав** шаббош рафтӣ,

Ба хирманчойҳо бедор рафтӣ.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Ҳоли замон мувофиқи маънову мафҳумҳои калимаю ибораҳои алохида ва вазифаҳои грамматики пешояндҳою пасояндҳо замони воқеъшавии кору амалро аз се чиҳат нишон медиҳад: 1. Ибтилоёбӣ, 2. Интиҳоёбӣ, 3. Доимӣ ё худ ба таври умумӣ. Ин хусусиятҳои ҳолро дар зер дар аснои аз назар гузаронидани мисолҳо мушоҳида хоҳем кард.

**Ифодаёбии ҳоли замон**

Ҳоли замон дар чумла бо як қатор ҳиссаҳои нутқ алоҳида ва бо пешояндҳо, ибораҳои алоҳида ифода мегардад. Дар ташаккули ҳоли замон хусусан, пешояндҳои соддаи **аз, ба, дар, то, баъди** ва пешояндҳои таркиби **дар вақти, дар аснои, аз вақти, дар вақти, дар муддати, дар бадали, пеш аз, баъд аз** ва ғайра мавқеи босаво доранд.

1. Ба воситаи хелҳои исм, таркибу ибораҳои исмӣ ифода ёфтани ҳоли замон дар **бозгашт** Содирхон мулоқоташро ба шоир Кошиф ба хотир меовард (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). **Пас аз сӯҳбат** полковник Людников, Майер Максимов, летенант Осмухин **аз заминкан** берун баромданд (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо).

Аллагӯён тифлро хобондай,

**То саҳар**гаҳвораш чунбондай.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Ниҳоят, **рӯзи видоъ** меҳмони хоричӣ дар аэропорт ба муаллим мегӯяд (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). **То посе аз шаб** дар зери барфи реза ва рӯи қабати ғафси барфи тоза гаштугузор мекардем (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). **Ин вақт**духтар ҳам наздик расида омад (**С.Айнӣ**, Дохунда). Аз **аввали моҳи январи соли 1942, баъд аз комилан ба анчом**

**расидани корҳои ташкилӣ** қисми тирандозии точикӣ ба давраи асосии таълими чангӣ-сиёсии худ сар кард (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо).

2. Шумора ва ибораҳои шуморагӣ ба вазифаи ҳоли замон. Ба вазифаи ҳоли замон баъзан шумораҳои тартибӣ меоянду халос, вале ибораҳои шуморагӣ бештар истеъмол мегарданд: **Дуюм** ҳама меоянд, **8-ум** ба кор намераванд (рӯз «Точикистони советӣ»). Мо **дар бистуми рамазон** дар хонақоҳи бозори Ресмон даҳа нишастем (**С.Айнӣ**, Куллиёт)

**Ҳоли сабаб.**

**Ҳоли сабаб сабаби ичро шудани, ё нашудани кору ҳаракат ва амалу ҳодисаи предметҳо мефаҳмонад. Ҳоли сабаб ба саволҳои аз чӣ сабаб?, ба чӣ сабаб?, ба кадом сабаб?, сабаб чӣ?** чавоб мешавад. Бештарин аспҳояшон ҳам аз **бехӯрокӣ** талаф ва монда шуданд (С.Айнӣ, Дохунда). **Ба сабаби бисёр кор карданам дар** хонаи Арбоб иликҳои ман хушк шудааст (**С.Айнӣ,** Одина).

**Ҳоли мақсад**

**Ҳоли мақсад барои чӣ ва ба кадом мақсад воқеъ шудани амалу ҳолат ва кору ҳаракатро мефаҳмонад** ва ба саволҳои **ба кадом мақсад?, ба чӣ мақсад?, барои чӣ?** чавоб мешавад. **Барои шиносӣ** як пиёлагӣ чой нӯшем-чӣ (**А.Шуқӯҳӣ, Ҳ.Аскар,** Печутоби роҳҳо). **Барои такон нахӯрдан** сутуни баромадгохро ба панчаҳои бачагонаи борику нозук маҳкам мегирифт (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт). Сарбозори посбон мардумро ба ҳар тараф ронда, **барои ба арк баровардани бандӣ** роҳ кушоданд (**С.Айнӣ**, Дохунда).

Ҳоли мақсад бо исму ибораҳои исмӣ, масдару ибораҳои масдарӣ ваз арф ифода гашта ба воситаи пешояндҳои **барои, аз барои, ба мақсад, ба нияти** сурат мегирад.

**Ҳоли мақсад.**

Ҳоли мақсад барои чӣ ва бо кадом мақсад воқеъ шудани амалу ҳолатро ифода менамояд. Ҳоли мақсад бо зарфҳои мақсад, исм ва ибораҳои исмӣ, масдару ибораҳои масдарӣ ва феъли ҳол ифода меёбад.

Бо зарф. Зарфҳои мақсад дар забони адабии точик ниҳоят кам мебошанд. Онҳо ба ин вазифа бевосита омада, бо эзоҳдиҳандаи худ бо роҳи ҳамроҳӣ

алоқаманд мешаванд: Шодӣ мақсади Дилбарро хуб медонист, лекин қасдан шӯхӣ карда, гапро кашол медод.... (Ҷ.Икромӣ).

Бо исм ва ибораҳои исмӣ. Ба вазифаи ҳоли мақсад исмҳо ибораҳои исмӣ ба таври фаровон оянд ҳам ҳамаи исмҳо дар маврид истеъмол намеёбанд.

Соли гузашта барои саёҳат ба Душанбе мерафтаму дар ресторани вагон бо як одам шинос шудам (Р.Ҷалил).

**Ҳоли шарт.**

**Ҳоли шарт ба кадом шарт иҷро шудани кору амал ва ҳаракати предметро ифода мекунад ва ба саволҳои ба кадом шарт?, ба чӣ шарт? ва шарт чӣ?** ҷавоб мешавад. Доираи истеъмоли ҳоли шарт ва роҳҳои ифодабёбии он нисбат ба дигар навъҳои ҳол маҳдудтар буда, одатан ба воситаи имсу ибораҳои исмӣ, ибораҳои феълиҳолию масдар ва ибораҳои масдарӣ ифода меёбад. Дар ташаккули он асосан пешояндҳои **ба шарти, бо шарти, дар сурати** истеъмол мегарданд.

**1.** Ба воситаи исму ибораҳои исмӣ: **Ба шарти дамгирӣ** розӣ шудаанд (рӯз. «Ком. Тоҷикистон»). Баъд аз ду сол дар зиндон хобида, чанд бор қини подшоҳиро дидан ду таноб замини дар қаҳкашон доштаашро фурӯхта харҷ карда, **ба шарти қабули сарбозии амир** аз зиндон халос шудам (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

**Ҳоли хилоф.**

**Ҳоли хилоф аъзои пайвавест, ки мазмуну мафҳуми ягон кору амалро нисбат ба мазмуну мафҳуми кору амали дигар муқобил мегузорад.** Ҳоли хилоф ба саволҳои **бо вуҷуди чӣ?, бар хилофи?** ҷавоб шуда, бо исму ибораҳои исмӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ, еъли ҳол ва ибораҳои он, масдару ибораҳои масдарӣ, ифода мегардад ва ба воситаи пешояндҳои бо вуҷуди, бар хилофи, ба ҷои сурат мегирад: Лекин **бо вуҷуди ин** ӯ ба деҳа моро ҳамроҳ гирифта меояд (**Р.Ҷалил**, Бозгашт аз биҳишт). Шумо **ба ҷои ёрӣ додан** ба ман гапҳои сахт мезанед ва варқосӣ механдед (С.Айнӣ, Дохунда).

**Сохти ҳоли хилоф.**

Ҳоли хилоф таркибӣ, тафсилӣ ва ҷида мешавад.

а) Таркибӣ: **Бо вуҷуди ин** модарам лаб намекушрд (рӯз. «Комсомолии

Точикистон»).

б) Тафсилӣ: Аз ин чамъиятҳои калон чамъиятҳои сомеъон ва машкибон **бо вучуди бо рӯҳи динӣ навиштагӣ будани рисолахояшон** як дарача манфиати пешоваронро риоя мекарданд (С.Айнӣ, Куллиёт).

в) Чида: Дар ҳақиқат, Бозор **ба ин қадар ноумедӣ, ба ин қадар ҳасрат** ва **бо ин қадар бадбинӣ** ҳақ дошт (**С.Айнӣ**, Дохунда).

**1. Калима ва ибораҳое, ки маъно ва мафҳуми аъзоҳои чидашудаи чумларо дар бар мегиранд, калима ва ибораҳои хулосакунанда номида мешаванд.** Сонияе тамоми ҳастӣ: офтоб, осмон, замин, мардум, шаҳр ва кӯча аз назари ӯ ғоиб гаштанд ва фақат ду чашми дилфиреб, ду чашми фусункор в аду чашми шаҳлоро дид (Ч.Икромӣ, Духтари оташ).

Дар мисоли боло **тамоми ҳастӣ** ибораи хулосакунанда буда, **офтоб, осмон, замин, мардум, шахр ва кӯча** аъзоҳои чидаи чумла мебошанд, ки бо ибораи хулосакунанда омадаанд.

Калима ва ибораҳои хулосакунанда ба вазифаи кадом як аъзое, ки наоянд, аъзоҳои чидаи чумла низ ба вазифаи ҳамин аъзои чумла меоянд. Чунончи, ибораи хулосакунанда ва аъзои чида ба вазифаи пуркунанда: Чумҳурияти Шӯравии Сусиёлистии Точикистон аз **ҳафт округ** – Ҳисор, Қӯрғонтеппа, кӯлоб, Ғарм, Панчакент, Ӯротеппа ва Ҳучанд иборат буд (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо).

1. Калима ва ибораҳои хулосакунанда баъд аз аъзоҳои чида: Боз русҳо, украинҳо, немисҳо, хулоса. **қариб бист миллат** аҳлона зиндагонӣ мекунанд (Ф.Муҳаммадиев, Дустон точи сар).

**2. Аъзоҳои иловагии чумла**

**Унсурҳои алоҳидаи грамматикие, ки барои шарҳу эзоҳи иловагии ягон аъзои чумла хизмат мекунанд, аъзоҳои иловагии чумла номида мешаванд:** Дар боғ дар хонаи пешайвондор-ҳучраи кори шоир воқеъ ва пеши ҳучра гулзор буд, дар гулзор садбаргҳои рангоранг, гули точихӯрӯс, райхон, савсан, бунафша ва ғайра руста буданд (**С.Улуғзода**, Фирдавсӣ). Аммо сонӣ Шарифчон (зикраш дар қисми «Ёддоштҳо» гузаштааст), ки гоҳо барои

аҳволпурсӣ пешам меомад, ба ман мегуфт (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

Дар ду мисоли боло аъзоҳои иловагӣ **ҳучраи кори шоир** ва **зикраш дар қисми «Ёддоштҳо» гузаштааст** мебошанд, ки аз аъзоҳои эзоҳшаванда бо дефис ва дар қавс чудо карда шудаанд.

Дар забоншиносии точик аъзоҳои иловагии чумларо ба ду гурӯҳ чудо мекунанд: баёнияи истисной ва воҳидҳои эзоҳӣ.

**Баёнияи истисной**

Баёнияи истисной ё худ чузъи иловагӣ барои шарҳу эзоҳи чузъи асосӣ, ки ягон аъзои чумларо таъмин мекунад, омада нисбат ба он аъзо синоним мешавад. Баёнияи истисной аз аъзои эзоҳшаванда бо дефис ва оҳанг чудо шуда, бар эзоҳи бисёр аъзоҳои чумла омада метавонад.

1. Бар эзоҳи мубтадо: Пиразан-**Қамарнисо** аз наберааш Мирзо хат гирифт (Р.Чалил. Бозгашт аз биҳишт).

Мо-**падар ва писар** аз хона баромада ба ҳавлии бобоям рафтем (**С.Айнӣ**, Ёддоштҳо).

2. Бар эзоҳи пуркунанда: Саҳнаҳои мулоқоти киномеханик бо бачаҳо-ҳаводорони доимии кинои сайёр дар деҳот ранги баромаданд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Ӯ ба устоди худ-Абдураҳмони Чомӣ мурочиат карда, илтимос намуд (С.Айнӣ, Куллиёт).

3. Бар эзоҳи холл: Рӯзи панчашанбе-дуюми сентябр аз долони дарвозаи арк садои пои раванда ваояндае шунида намешуд (С.Айнӣ, Куллиёт).

Ман аз мулки саодатманд – мулки точикон оям.

Ба мисли аввалин бӯи баҳор аз бӯстон аям.

(М.Турсунзода, Посбони оташ)

Баёнияи иятисной бар эзоҳи навъҳои дигари ҳол низ меоянд ва чунон ки аз мисолҳои боло маълум мешавад, на фақат ба воситаи як калима, балки ба воситаи ибораҳо низ ифода мегардад. Агар аз чумла чузъи эзоҳшаванда истисно шавад, банияи иловагӣ-истисной вазифаи онро таъмин мекунад.

**Воҳидҳои эзоҳӣ**

Воҳидҳои эзоҳӣ аз баёнияҳои истисной фарқ мекунанд. Яъне онҳо ба аъзоҳои эзоҳшаванда синоним нестанд ва ба савол чавоб намешаванд. Бештар

дар қавс гирифта шуда, нисбатан ба оҳанги пасту тезтар Хонда мешаванд. Танҳо воҳидҳои эзоҳие, ки ба як калимаю калимаҳои кӯтоҳкардашуда ифода гаштаанд, хусусияти синонимӣ мегиранд, зеро аз чиҳати маъно ва мазмун наздикӣ доранд: Аз дарахти сада (ғучум) як бандча шох зада гир (**С.Айнӣ,** Дохунда). Он рӯзҳо анчумани чамъиятии умумииттифоқии матлубот (**центросоюз**) мегузашт (Ф.Муҳаммадиев, Дар он дунё).

Воҳидҳои эзоҳӣ вобаста ба инъикоси воқеа ва ҳодисаҳо аломату хусусият ва чараёни таърихии амалиёт, муносибатҳои гуногунро аз қабили муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ ҳолӣ инъикос менамоянд. Чунончи, муносибати ҳолӣ: Муаллиф даъвое дорад, ки дар айнӣ долузарби пахтачинӣ (**яъне моҳи сентябрь ё октябр**) сахт борон бориду аз қӯҳсор сел омад ва ҳол он ки дар Точикистон соли боронӣ чун қоида дар фасли баҳор (**март, апрель, май**) мешавад (**Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар). Ҳамин қадар об рафта-рафта дар тангнои «Пули сангин» (**дар Норак**) аз чаҳор метр чо гузашта меравад (**Ч.Икромӣ, А.Одинцов,** Ачоиботи сафар).

**1. Калима ва ибораҳое, ки чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нисбат ба фикри гуфташуда нишон медиҳанд, калима ва ибораҳои туфайли номида мешаванд.**

Калима ва ибораҳои туфайлӣ ба саволе чавоб намешаванд. Онҳо ҳамчун чузъи илова ҳисси шахси гӯянда ва нависандаро нисбат ба амалу кор, воқеаю ҳодисаи зикршаванда далолат мекунанд: Аммо, **хушбахтона,** ҳама бо сари хаму бинии овезон ноумед баромаданд (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт). Ба гумонам аз ин хел домод шумо ҳам гумон намекардед (Ч.Икромӣ, Хатлон).

2. Калима ва ибораҳои туфайлиро вобаста ба майлу ҳиссиёти шахси гӯянда, нисбат ба фикри зикршаванда ба хелҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Калима ва ибораҳои туфайоие, ки азму ирода, гумон, шубҳа, боварӣ ва нобовариро нишон медиҳад: Ва он, бешубҳа, аз тарафи хонанда ба мамнуният қабул хоҳад шуд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Ростӣ, духтареро ба ин дарачаи зебой ва фаттонӣ аз ин пештар ҳеч гоҳ надида будам (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). **Рости гап,** ба сухани шумо бовариам намеоянд. **Эҳтимол,**

ин андеша ба муаллиф фикри бикр намуда бошад (**Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар). **Ба назарам,** солҳои сахти гузаштаро ба ёд мелвард (**Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар). Мардум, аз афти кор, гумон мекунад, ки нависандаҳо низ рӯзҳои шанбею якшанбе истироҳат мекунанд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

2. Калима ва ибораҳои туфайоие, ки шодй, хушҳолй, ҳаячон, афсӯс, андӯҳу ғамро мефаҳмонанд: **Хайрият,** ки дарс сар шуд (**С.Айнй** Марги судхӯр). **Хушбахтона,** саҳв карда Будам, Қандинов лҳиста-оҳиста ба нақл оғоз кард (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Аммо **сад афсӯс,** чавон ғайр аз орову торои чамоа ва либосаш дигар ба коре ҳавас надошт (**Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар). Саломатии Раҳим маатаассуф холо чандон таърифй нест (Ф.Муҳаммадиев. Дӯстон точи сар).

3. Калима ва ибораҳое, ки замина, таъкиди фикр, шарҳу эзоҳ, санадҳои муҳим ва мухолифатро ифода мекунанд: Шумо, **аслан**, худатон одами хушризқ ҳастед, бинобар он ба сари ош расида омадед (**Ч.Икромй,** Духтари оташ). **Зотан,** анъанаҳои миллии точикй хеле диққатчалбкунандаанд (**рӯз. .**Замонҳои пеш адибон, **хусусан**, ровиёни точику форс дар чунин ҳолат «Қалам аз тасвири чамоли баркамолаш очиз бувад» мегуфтанду чони худро аз меҳнат халос мекарданд (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). **Ба ҳар ҳол**, рафтани шумо лозим буд (**рӯз. «Точикистони советй»**). **Ба ибораи дигар**, инро шаҳтут меноманд (**рӯз. «Пионерии Точикистон»**).

4. Як қатор калимаҳо, таркибҳо аз қабили **раҳмат. офарин, болои чашм, нури дида, садқаи чонат, садқаат, садқаи сар, ачаб, ачабо** ва ғайра ба ҳамин вазифа истеъмол мегарданд.

5. Калима ва ибораҳои туфалие, ки сарчашма, фикр, услуб, тартиби баён,

## Мухотаб

**Калима ва ибораҳое. ки предмети мурочиатшударо ифода мекунанд, мухотаб номида мешавад.** Мухотаб аъзои мустақили чумла намешавад. Мухотаб дар назму наср баробар истеъмол мегардад. Ёдгор, ту ин чо чй кор мекунй? (С.Айнй, Дохунда).

Ту яктои манй, эй гул, таманнои манй, эй гул!

Агар чонам рамак дорад, туро ман дӯст медорам!

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Мухотаб дар муколама, шиору даъватномаҳо, мактубҳои расмию ғайрирарасмӣ, қарордодҳо, қатънома, фамону мурочиатномаҳо, эълону арзнома ва ғайра бештар истифода мегардад: Мухотабҳо шахсӣ ва ғайришахсӣ мешаванд.

1. Мухотабҳои шахсиро исмҳои ифодакунандаи шахс, чонишинҳои шахсӣ ва калимаҳое, ки нисбат ба шахс нигаронида шудаанд, ташкил медиҳад: **Ака Рустам!** Ба хонаводаи ту бахту толеъ рӯй овардааст (С.Айнӣ. Дохунда).

Ачаб коре шуд, **дӯстам!** (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Марҳамат, муаллим, ба чону дил бифармоед (Ч.Икромӣ, Хатлон).

Нигоҳи ҳайратат дар осмонҳаст,

Замин аз дард меларзад, писарчн!

(Гулрухсор, Оинаи рӯз).

Ҳазор андар ҳазоранд, эй Латофат,

Ҳама аз чанг хоранд, эй Латофат.

(Ш.Ёдгорӣ, Симои халқ).

2. Мухотабҳои ғайришахсӣ нисбат ба ҳайвонҳо, паррандагон, дарандагон, ҳодисаҳои табиату чамъияи равона карда мешаванд: **Эй рӯбоҳи маккор,** ман дигар аз ту наметарсам (**рӯз. Пионерии Точикистон**). Хӯр, **Хайбарам**, хӯр – гуфт Неккадам ба саг нигоҳ карда (**С.Айнӣ,** Ғуломон).

Халқи ҳиндуи ситамкашро расон аз мо салом,

Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

### Савол ва супоришот:

1. Аҳамияти пайдоиши забон ва тараққиёти тарихии он.
2. Дар бораи назарияи тақлиди овозӣ маълумот диҳед.
3. Асосгузорони назарияи садоҳои меҳнатӣ кадом олимон мебошанд..
4. Назарияи аҳди сотсиалӣ дар чандум аср ба вуҷуд омад.
5. Забоншиносӣ бо кадом илмҳо алоқаи зич дорад.

6. Калима аз мафҳум чӣ тафовут дорад.

### Рӯйхати адабиёт:


1. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик. –Душанбе: «Дониш», 1970.
2. Фозилов М., Ҳусейнов Х. Пайдоиши забон ва инкишофи он. –Душанбе, 1963 .
3. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. –Душанбе: «Маориф», 1977.
4. Ирисқулов М. Тилшуносликка кириш. –Тошкент, 1996.
5. Азизов О. Тилшуносликка кириш. –Тошкент, 1999.
6. Абдуазизов А. Тилшуносликка кириш. –Тошкент,2002.

ӯринбоев Б., йӯлдошев Б. Тилшунослик асослари. –Тошкент, 2004.

Мавзӯи 3 | Ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он | Маърӯза

**Нақша:**

1. Маълумот дар бораи ҷумлаҳои мураккаб.
2. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст.
3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор.
4. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак.

5.Ҷумлаи мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ

6. Маълумот дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ
7. Пайвандакҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ
8. Хулоса

**Ҷумлае, ки аз дув а зиёда ҷумлаҳои содда ташкил меёбад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад.** Ин таъриф чунин маъно дорад, ки таркиби ҷумлаи мураккаб аз ду ҷумлаи содда кам намешавад, вале зиёд шуданашон мумкин аст. Дар ҷумлаи мураккаб амалу ҳодиса ва фикри шахси гӯяндаю нависанда батафсил ва барчастатар зикр мегардад: **Рӯз сафе шуд, босмачиён гирди қалъа ҳам шитобкорона ба тарафи пушти қароргоҳи худ медавиданд (С.Айнӣ,** Дохунда).

Ҷумлаи мураккаб аз ҷумллаи содда ба куллӣ фарқ мекунанхд. Ҷумлаи содда аз як калима ва гурӯҳи калимаҳои бо ҳам алоқаманд, ки дорои як мубтадою як ё якчанд хабар мебошад, ташкил меёбад.

Ҷумлаҳои содда ҳам ҷиҳати таркиб мухталифанд. Дар баъзеи онҳо мубтадо, хабар ва аъзоҳои пайрав ҷида шуда метавонанд. Баъзе ҷумлаҳои соддаи ҷидааъзоеро вохӯрдан мумкин аст, ки қариб хамаи аъзоҳои он ҷида шуда, ба хабарҳои зиёди феълӣ ҳамроҳ меоянд ва як банди калони наҳвиро ташкил медиҳанд ва ба назар ҳамчун ҷумлаи мураккаб намудор мешаванд. Чунончи: **Ӯ китобро ягон-ягон ба даст гирифта, ба таъбироти савдогарона таъриф мекард ва хати ҳар кадоми онҳоро ба муаллифи он китоб, ё ба ягон котиби гузаштаи машҳур нисбат медод ва ба дасти кадом муллои машҳур расида аз мутолиаи ӯ гузаштанашро ва дар ҳошияҳои аз тарафи ӯ қоидаҳои муҳим карда шуданашро ба хубии хат ва ростнависии китоб илова**

**менамуд ва дар фаровардани таърифи ҳар китоб, харида гирифтани ӯро ба бинандагон таълиф мекард (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

Ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо ду роҳ алоқаманд мешаванд: пайваст ва тобеъ.

Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои содда нисбатан озод ва мустақил мебошанд: **Армияи советӣ ҷун офтоб аз Шарқ ба Ғарб мерафту душман монанди соя аз он мегурехт (Р.Ҷалил,** Бозгашт аз биҳишт**).**

**2. Ҷумлаҳои мураккаби пайваства хелҳои он**

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз дув а зиёда ҷумлаҳои соддаи мустақил тартиб меёбанд.

Мустақилоятии ҷумлаҳои содда агар аз як тараф, ба худи маъно ва мазмуни онҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба воситаҳои алоқаи грамматикӣ вобастаанд: **Боз хомӯшӣ сар шуд, пас аз ҷанд дақиқа ба манзил наздик расиданд (С. Айнӣ,** Дохунда**). Суруд ба охир расид ва мардум як-як аз паи корҳояшон рафтанд (М.Муҳаммадиев,** Дӯстон тоҷи сар**).**

Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз ҷиҳати муносибати маъноии байни ҷумлаҳои содда ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки ҷумлаҳои соддаи онҳо воқеа ва ҳодисаҳои бо ҳам алоқамандро инъикос кунанд ҳам, новобаста ба тақозои мазмуни аъзоҳои якдигар васл мешаванд ва агар яке истисно шавад, дигаре мазмунан зиёде намебинад: Мурод **бо шунидани ин воқеа дар хаёл фурӯ рафт ва бой барои баровардани Мурод бо ҳар гунна хаёлот боз давом намуд (С.Айнӣ,** Ятим**).**

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки дар онҳо як ҷумлаи содда бо тақозой маъно ва мазмуни ягон аъзои ҷумлаи соддаи дигаре васл мегардад: **Аз пас мошини дигаре меомад, ба он низ ҳамсафарони мо савор буданд (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон тоҷи сар).

Ҷумлаҳои муракаби пайвасте, ки фақат аз ду ҷумлаи содда таркиб меёбанд: **Маҷлис тамом шуд, ҳама таҳоратҳоро тоза карда барои адои намози худ тайёр шуданд (С.Айнӣ,** Дохунда**).**

**3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор**

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандакҳои паи ҳам (ва), (у), (ю), (ҳам… ҳам).

Ба воситаи ин пайвандакҳо ҷумлаҳои соддае бо ҳам васл мегарданд, ки онҳо муносибатҳои мухталифи маъноиро ва қабили якхела, замонӣ, шумур, тасвир ва ғайра нишон медиҳанд: **Дар баҳорон лолаҳо мешукуфанд, дар тобистон меваҳо мепазанд (А.Шукӯҳӣ,** Нияти нағз**).Дар солҳои ҳафтод дар ин вазъ тағийрот ба майдон омад ва романи тоҷик ба тадқиқи рӯзгори муоссир боз наздиктар расид (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон тоҷи сар**). Бухорои озод аз босмачиён ҳам тоза гардид ва дар ҳамаи ҷои хоки Бухоро Ҳукумати Шӯрой таъсис шуд (С.Айнӣ,** Дохунда**).**

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандаки **ва.** Ин пайвандак хеле сермаҳсул Буда, дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки дар байни ҷумлаҳои соддаи онҳо муносибатҳои гуногуни маъноиро мушоҳида кардан мумкин аст, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Алалхусус, муносибатҳои номбаршавии воқеаю ҳодисаҳо, сабабу натиҷа, эзоҳёбӣ, ҳамроҳӣ, замонии байни ҷумлаҳои содда бо ин пайвандак барҷастатар зоҳир мегарданд: **Вай бо хондани Латиф изҳори миннатдорӣ мекард ва мо кӯшиши худро боз бештар меафзудем (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон тоҷи сар**). Он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз тӯйхона овози доира ба фалак мепеҷид (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

**4. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак**

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак мисли ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор аз дув а зиёда ҷумлаҳои содда ташкил меёбанд. Алоқаи байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро, асосан, оханг ва муносибатҳои маъноии байни онҳо таъмин менамоянд: **Ману модарамро ба ин тараф кӯчониданд, модарам дар роҳ ҳалоқ шуд (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон тоҷи сар**). Баъд аз ду-се рӯз омада хабар гир, ман аҳволи туро ба коргузори вакили мухтор арз карда ҷавоб** гирифта мемонам **(С.Айнӣ,** Дохунда**). Рӯз ба охир расид, шаб домони сиёҳи худро ба рӯи замин ҷодир менамуд (Р.Ҷалил,** Одамони ҷовид**).**

**Борон аз боридан бозистод, роҳ лой, ҳаво сард, рӯз гашт карда ба бегоҳӣ наздик кардааст (С.Айнӣ,** Дохунда**). Ҳоло ҳарду профессор, докторҳои илми таъриханд, хонаашон пур аз бачаю кача, қатор-қатор набера (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар**).**

**5. Чумлаи мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ.**

Чумлаи мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ аз чиҳати тарзи ташаккулёбӣ ва оҳанги махсус гурӯҳи алоҳидаи чумлаи мураккаби пайвастро ташкил медиҳад. Дар он хабари чумлаи соддаи якум ба воситаи феъли ҳол ва хабари чумлаи соддаи дуюм бо феъли тасрифӣ ифода мегардад: **Охир хоб ғалаба карда, имомро сар додаму ба хоб рафтам (Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт**). Иштироккунандагони конкурс ғайриихтиёр аз сафарҳои бонизомашон баромада, баъзеҳо шикамҳояшонро дошта аз сидқи дил механдиданд (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар**). Офтоб ҳанӯз он қадар баланд нашуда, мо ба чорроҳаи бозори шаҳрамон расидем (Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт**).**

Чумлаҳои соддаи ин тарзи чумлаи мураккаби пайваст ҳам муносибатҳои гуногуни маъноиро нишон медиҳанд: Чунончӣ: а) Муносибати умумӣ-эзоҳӣ: **Вазифаи Мирзобадеъ дар хонаи Латифчон маҳдум вакили харчӣ Буда, ҳама чизҳои рӯзгор-хӯрокӣ ва пӯшокиро ӯ харида тайёр мекард (С.Айнӣ,** Куллиёт**). Дарси дар се чой хонда шуданӣ дарси дарсхонагӣ Буда, инро аввал ба сифати домуллои кунчакӣ дар пеши мулло Абдуссалом мехондем (С.Айнӣ,** Ёддрщтҳо**). Ҳавлии ӯ иборат аз як роҳрави чоркунча Буда, дар болои вай як болохонача бино ёфта буд (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

б) Муносибатҳои ҳамзамонӣ, пайҳамзамонӣ ва сабабу натича: **Айёми тобистон Буда, вақтҳои рӯиҳавлихобӣ буд (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**). Аммо чун тирамоҳ омада, вақти хондан мешуд, ноилоч баргаштан лозим меомад (Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт**). Дари кӯча ғижжос карда кушода шуд, поймонии Пӯлод шунида шуд (Р.Чалил,** Одамони човид**). Бандӣ аз ҳуш рафта ва баданаш ҳам карахт шуда буд (С.Айнӣ,** Ғуломон**).**

в) Муносибатҳои қиёсӣ, хилофӣ: **Як қисми аскарони сурх ба қишлоқ зер карда даромада, қисми дигар аз тарафи кӯҳ нигоҳ карда асп монд (Р.Чалил,**

Одамони човид)**. Ин роҳ монанди роҳҳои зеризаминӣ болояш пӯшида набуда, балки сар то сари бомаш монанди иморатҳои баланд кушода мебошад (С.Айнӣ,** Дохунда**).**

Чунон ки мушоҳидаи мисолҳои боло маълум мешавад, баъди чумлаҳои соддаи якум илова шудани чумлаҳои соддаи дуюм ҳатмист, зеро мафҳуму маънои амиқи анчомӣ тавассути онҳо зоҳир мегардад.

Чумлаҳои мураккаби тобеъ аз чумлаҳои мураккаби пайваст ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар чумлаҳои мураккаби пайваст чумлаҳои содда нисбатан баробарҳуқуқанд. Аммо дар чумлаҳои мураккаби тобеъ як чумлаи содда ба чумлаи соддаи дигар тобеъ аст. Чумлаи тбеъкунанда сачумла буда, чумлаи тобеъшаванда, чумлаи пайрав мебошад, ки сарчумларо аз ягон чиҳат: тарзи ичрои амал, замону макон, сабабу мақсад ва ғайра шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар наҳви чумлаҳои содда, чунон ки аз назар гузаронидем, сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав мавчуданд. Дар  наҳви чумлаҳои мураккаб вобаста ба он сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав чумлаҳои пайрав мушоҳида мегарданд. Агар аъзоҳои пайрав ба воситаи калима, таркиб ё ибораҳои гуногун ифода ёбанд, чумлаҳои пайрав бо чумлаҳои содда ифода ёфта, ба сарчумлаҳои худ тобеъ мегарданд. Ин ду ҳиссаи наҳвӣ ҳамфарқ доранду ҳам умумият. Умумияташон ин аст, ки ба як хел  савол чавоб мешаванд, фарқашон ин аст, ки яке дар таркиби чумлаҳои содда меоянд, дигаре дар таркиби чумлаи мураккаб.

1. Дар чумлаҳои мураккаби тобеъ Панч хели воситаи алоқа мушоҳида мегардад, ки чумлаҳои пайрав тавассути онҳо ба сарчумлаҳо тобеъ мегарданд: **Пайвандакҳо, мутобиқати шаклҳои феълӣ** (хабари сарчумлаҳо ва чумлаи пайрав), **калима ва таркибҳои ҳамнисбат, оханг ва чои сарчумлаҳою чумлаҳои пайрав**. Лекин шарт нест, ки ҳамаи хелҳои чумлаҳои пайрав ҳатман бо ҳамаи ҳамин Панч хели воситаи алоқа ба сарчумлаҳои худ тобеъ гарданд.

2. **Пайвандакҳо.** Пайвандакҳои чумлаи мураккаби тобеъ нисбат ба пайвандакҳои чумлаи мураккаби пайваст хеле зиёд Буда, онҳо мувофиқи мазмуну маънои грамматики худ вобаста ба хелҳои гуногуни чумлаҳои пайрав

чудо мешаванд: **ки, вақте ки, ҳангоме ки, даме ки, чӣ қадаре ки, ҳар қадаре ки, дар ҳолате ки, дар вазъияте ки, бе он ки, монанди он ки, ба мисли ин ки, зеро, чунки, агар, ба шарте ки, гарчи, бо вучуди он ки, бар хилофи ин ки** ва ғайра.

2. **Калима ва таркибҳои ҳамнисбат**. Калима ва таркибҳои ҳамнисбат дар таркиби ҳама гунна сарчумлаҳо намеоянд. Агар дар таркиби ин ё он сарчумла ояд, чумлаи пайрав ҳатман онро шарху эзоҳ медиҳад: Кӯчаҳои танги шаҳр аз барфи ҳавлиҳо **чунон** пур шуда буданд, ки **қариб ба бомҳо мерасиданд (С.Айнӣ,** Марги судхӯр).

Калима ва таркибҳои ҳамнисбат дар таркиби аксарияти сарчумлаҳои чумлаҳои пайрави гуногун омада метавонанд. Ин чиҳатро дар фаслҳои минбаъда мушоҳида хоҳем кард.

3. **Мутобиқати шаклҳои феълӣ**. Дар чумлаҳои мураккаби тобеъ хамеша хабари чумлаҳои содда бо як сиғаи феълӣ ифода намегарданд. Баъдтар чумлаҳои пайраверо мебинем, ки агар хабари сарчумлаҳояшон ба воситаи сиғаи хабарӣ ифода ёфта бошанд, хабарҳои худ ба воситаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ ё баръакс сурат мегиранд.

Мутобиқати шаклҳои феълӣ  дар муайян намудани хелҳои гуногуни чумлаҳои пайрав мавқеи калон доранд. Хусусан, дар таъмин намудани хелҳои чумлаи пайраве, ки бо як хел пайвандак ба сарчумла тобеъ мегарданд.

4. **Оҳанг.** Ҳар як чумлаи пайрав оҳанги махсус дорад. Агар оҳанг дуруст риоя карда шавад, навъи чумлаи пайрав ба хубӣ муайян карда мешавад. Мақоми он, хусусан, дар чумлаи мураккаби тобеи бепайвандак боз ҳам равшантар мегардад.

5. **Чои сарчумла ва чумлаи пайрав.** Дар забони адабии ҳозираи точик чои сарчумла ва чумлаҳои пайрави гуногун як хел нест.

Чумлаҳои пайраве ҳастанд, ки ҳамеша баъди сарчумла меоянд. Ба ин гурӯҳ пайравҳои **хабар, пуркунанда ва натича** дохил мешаванд, зеро онҳо рдатан хабару ягон узв ва натичаи кору амали сарчумларо эзоҳ медиҳанд: Ҳуррият ҳамин будааст, ки **касе ба кассе зулм карда наметавонистааст** (С.Айнӣ,

Ғуломон).

Гурӯҳи дигари чумлаҳои пайраве ҳастанд, ки ҳам дар аввал, ҳам дар мобайн ва ҳам дар охир сарчумла чой мегиранд.

Ин гурӯҳро чумлаҳои пайрав **мубтадо, миқдору дарача, монандӣ. тарзи амал, замон, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф** ташкил медиҳанд.

Чумлаҳои пайрави муайянкунанда дар мобайн ва охири сарчумла меояд. Чумлаи пайрави макон одатан дар аввал ва мобайни сарчумла чой мегирад.

Чои чумлаҳои пайрав низ ҳамчун воситаи алоқа барои равшан шудани ин ё он хели чумлаи пайрав хизмат мекунанд.

**Чумлаи пайраве, ки чонишини ба вазифаи мубтадои сарчумла омадаро шарху эзоҳ медиҳад, чумлаи пайрави мубтадо номида мешавад.**

Чумлаи пайрави мубтадо ба саволҳои ки?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, чавоб мешавад. Ҳар кӣ дида дур бошад, аз дил дур Аси **(Фолклор).** Ҳеч мумкин нест, ки **Фирӯза ягон ҳунар надошта бошад (Ч.Икромӣ**, Духтари оташ).

Ҳар кӣ суханро ба Сухан зам кунад,

Қатрае аз хуни чигар кам кунад.

(Панду ҳикматҳо).

Чумлаи пайрави мубтадо аз чиҳати тарзи ташаккул, вазифа ва чой ба ду гурӯҳ чудо карда мешавад.

1. Чумлаи пайрави мубтадое, ки бо чонишинҳои шахсӣ-таъниӣ сар шуда пеш аз сарчумла меоянд. Воситаҳои алоқаи ин гунна чумлаҳои пайравро оҳанг ва мутобикати шаклҳои феълӣ ташкил медиҳанд: **Ҳар кас кӣ ба замин меафтид,** ӯ кушташуда ҳисоб меёфт, (**С.Улуғзода**, Субҳи чавонии мо). **Ҳар кӣ чавоб дода натавонад,** вай бой додагӣ ҳисоб меёбад (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

**Ҳар кӣ ба мардумон хиёнат кард,**

Нарасад ҳаргиз ӯ ба неъмату ноз.

(Чомӣ, Панду ҳикматҳо).

**Ҳар кӣ ба молу асбоби худ ба колхоз аъзо шуда медарояд**, вай барои молаш ҳаққи чудогона мегирад (Ч.Икромӣ).

2. Чумлаҳои пайрави мубтадое, ки баъди сарчумла омада, бо пайвандаки

**ки** тобеъ мегарданд ва чузъи асосии хабари сарчумлаҳояшон ба воситаи **исм, сифат, чонишин, феъл. зарф** ва калимаҳои модалии **зарур, лозим, даркор** ифода мегарданд: Лекин маълум набуд, **ки ин чунбиши сар ишорат ба чавоби салом буд, ё чунбиши оддии вай буд (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо). Шарт нест, **ки ин корро худат кунӣ (Р.Чалил**, Одамони човид). Маҳол аст**, ки ҳунармандон бимиранду беҳунарон чои эшон бигиранд (Саъдӣ,** Гулистон). Он маннам, **к-андар миёни хоку хун бинӣ саре (Саъдӣ).** Кист он, **ки ин айёми нозанини умрро аз сар нагузаронида бошад (Ғ.Мирзо**, Ҳангоми дидор). Ба хаёлам намерасид, ки **ӯ маро дастёри оддии худ барин кор фармуданист (Ф.Муҳаммадиев,** Дар он данё). Кам мемонад, **ки ӯро пора-пора кунад (М.Хусейн,** Кина). Аз ин чиҳат лозим меояд, ки **пули қарздории туро ба** фоидаи муайян гардонад (С.Айнӣ, Дохунда).

**Чумлаи пайрави хабар**

**Чумлаи пайраве, ки чонишинҳои ишоратӣ ва таркибҳои чонишинии ба вазифаи хабари сарчумла омадаро шарҳу эзоҳ медиҳад, чумлаи пайрави хабар номида мешавад.** Чумлаи пайрави хабар ба саволҳои чист?, кист?, чӣ аст?, чӣ шуд?, чӣ ва ғайра чавоб шуда ба сарчумла бо пайвандаки ки тобеъ мегардад ва баъди он меояд: Як норасоии публисистикаи ҳачвӣ, хусусан, фелетон ҳамин аст, **кивай аз паси органҳои тафтишотии давлат кашола мешавад (Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар).

Дӯст он аст, **ки бигирёнад,**

Душман он аст, **ки бихандонад**.

(Панду ҳикматҳо).

Чумлаҳои пайрави хабар бо сарчумлаи худ тарзи махсуси ташаккулёби дорад, яъне хабари сарчумлаҳои он бо исму чонишинҳо ва ғайра ташкил ёфта, мубтадоҳои он бо исму ибораҳои исмӣ ва чонишинҳо ифода мегардад.

1. Бо исму ибораҳои исмӣ ифода ёфтани мубтадои сарчумла: Эҳтимол сабаб ин бошад, ки иди имсолаи занон рангу бӯи дигаре дорад (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Кайфияти зиндагонии инсон дар ҳамин аст, ки вай ба дигарон мадад кунад (Ч.Икромӣ, Духтари оташ).

Шоирӣ он аст, ки бо завқи шеър,

Беватанро оварад сӯи Ватан.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Таги гап дар ин ҷост, **ки ӯ аз мадраса бино кардани худ пушаймон аст (С.Айнӣ,** Куллиёт).

2. Бо ҷонишинҳо ифода ёфтани мубтадои сарҷумла: Ту он нестӣ, **ки падарам туро аз дасти фарангиён ба даҳ динор харид (Саъдӣ,** Гулистон).

Ту он, ки дар ин ҷаҳон дода ба манн,

Танҳо на ҷаҳон, ки ҷисму ҷон дода ба манн.

(Ҳ.Юсуфӣ, Маҷмӯаи шеърҳо).

**Ҷумлаи пайраве, ки исми ба вазифаи аъзоҳои гуногуни сарҷмла омадаро шарҳ медиҳад, ҷумлаи пайрави муайянкунанда номида мешавад:** Ҳама ба тарафе, ки **вай ишорат карда буд,** чашм дӯхтанд (**С.Айнӣ**, Дохунда).

Дар ин мисол ҷумлаи пайрави муайянкунанда **вай ишорат карда буд** бар эзоҳи исми **тарафе**, ки дар таркиби сарҷумла ба вазифаи ҳоли макон омадааст, истеъмол гаштааст.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба саволҳои **кадом?, чӣ хел?**, ҷавоб шуда, ба сарҷумла асосан бо пайвандаки **ки** тобеъ мегардад ва ҳамеша баъд аз аъзои эъзоҳшаванда меояд. Аъҳои эзоҳшаванда бошад, бештар вақт артикли муайянкунанда **е** қабул мекунад. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад.

1. **Бар эзоҳи мубтадо**: Саре, ки **ишқ надорад**, кадуи бебор аст (**Саъдӣ,** Панду ҳикматҳо).

Нӯше, **ки ҳавас мекунӣ аз суфраи золим,**

Нешест, **ки аз хонаи занбӯр барояд.**

(Сайидо. Панду ҳикматҳо).

2. **Бар эзоҳи муайяншаванда:** Дар ҳамон истгоҳе, **ки духтар аз он савор мешуд,** таваққуф менамуд (**Р.Ҷалил**, Бозгашт аз биҳишт).

Бо ҳамон дасте, **ки боғ оростӣ,**

Кишвари гул-гулшукуфон хостӣ.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Даруни клуби гарнизон, **ки иборат аз як хонаи вайронаи маҳаллисохт аст**, дар сардӣ аз берун камтар фарқ дорад (**С.Айнӣ**, Дохунда).

3. **Бар эзоҳи пуркунанда:** Ин аскарон дар Файзобод, ба як миқдор аскароне, ки **пеш аз он дар он чо буд,** ҳамроҳ шуда атрофии худро мустаҳкам карда, чанд гоҳмонданд (С.Айнӣ, Дохунда). Саидхӯча он чиро, ки аз Сар гузаронида буд, тез-тез нақл кард. (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо).

Ба ҳар коре, **ки ҳиммат баста гардад,**

Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

(Саъдӣ, Панду ҳикматҳо).

4. **Бар эзоҳи ҳол:** Чумлаи пайрави муайянкунанда бар эзоҳи аксарияти хелҳои ҳол истеъмол мегардад:

Ҳоло чанд мисоли намунавӣ: а) **Бар эъзоҳи ҳоли макон:** Худи ҳамон сол буржуазияи Америка дар чое, ки **хуни коргарон рехта буд,** ҳайкали пулиеро гузошт (**Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт).

б) **Бар эзоҳи ҳоли замон:** Дар он рӯзҳое, ки **тамоми мардум барои беталаф ғундоштани ҳосили пахта ҳар соату сонияро ғанимат медонист,** ӯ дар чустучӯи роҳҳати истироҳатӣ буд (**рӯз. «Точикистони советӣ»).**

в) **Барои эзоҳи ҳоли монанди:** Гулрӯ аз рӯи эҳтиёт дар кассаи амонатгузорӣ не, монанди гурбае, ки **пасандозашро зери хок мекунад,** ба ҳар чо панаҳу пинҳои менамуд (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт).

5. Бар эзоҳи хабар: Ҳофизоне ҳастанд, **ки ҳушу ёдашон бештар гирифтани садои худашон аст.** Муҳиддин Хочаев аз чумлаи адибонест, ки ба кори эчодӣ ба чиддияти том назар мекунанд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

Бе дарди дил касест, ки дилбар надоштааст,

Ба дарди сар касест, ки худ сар надоштааст.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

**Чумлаи пайрави пуркунанда**.

**Чумлаи пайраве, ки хабари сарчумларо пурра карда онҳоро эзоҳ**

**медиҳад, чумлаи пайрави пуркунанда номида мешавад.** Халқ мегўяд, ки **ноумед шайтон аст (А.Шукўҳй, Ҳ.Аскар,** Печутоби роҳҳо**).** Яке аз донишмандони гузашта гуфтааст, ки **дарачаи маданиятнокии чамъиятро аз вазъияти замон дар он муайян метавон кард. (Ф.Муҳаммадиев,** Дўстон точи сар**).**

Чумлаи пайрави пуркунанда ба сарчумла бо пайвандаки ки тобеъ гашта ба саволҳои **чй?, чиро?, киро?, ба кй?, ба чй?** ва ғайра чавоб мешавад.

Чумлаи пайрави пуркунанда аз чиҳати вазифа ва тарзҳои грамматикй дух ел мешаванд.

1. Чумлаҳои пайрави пуркунандае, ки одатан мазмуни сарчумлаи ноқисро пурра мекунанд. Ноқисии сарчумлаҳо ба воситаи хабарҳо мушоҳида мегардад: Аз ин сабаб мехостам, ки **соати ҳамсафара ба ў ҳар чй зиёдтар тўлонй бошад (Ф.Муҳаммадиев,** Дўстон точи сар**).** Ман гумон дорам, **ки онҳо ба ҳукуматҳо хабарҳои дурўғу ростро расонанд (С.Айнй,** куллиёт**).**

Боз мехоҳам, ки аз нав кўдаки нодон шавам,

Боз мехоҳем, ки аз нав кўдаки гирён шавам.

(Лоиқ, Рўзи сафед).

Қоматат гўяд, ки зебой маннам,

Чашми ту гўяд, ки донной маннам.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

2. Чумлаи пайрави пуркунандае, ки чонишинҳои ишоратй ва таркибҳои чонишинию чузъҳои тобеи баъзе ибораҳои исмии ба вазифаи пуркунанда ва хабари таркибй омадаро эзоҳ медиҳанд: Ту ҳаминро нағз дон ва аз хотир набарор, **ки хандидан ва завқидан – ин хиёнат кардан нест (Ҳ.Карим,** Оқшуда**).** Инро ҳам фаҳмидам, **ки ў бо ояндаи хубе умедвории қавие доштааст (С.Айнй,** Куллиёт**).** Дигар ба он тоқат кардан мумкин нест, **ки бинокорон аз бачагон қарздор шуда монанд** («Маориф ва маданият». Ҳафтаҳо дар интизори он будам, **ки кай муаллим дарсро аз ман мепурсида бошад. (Ҳ.Ирфон,** Дар кулбаи кобистон**).**

Чумлаи пайрави пуркунанда ба сарчумла бе пайвандак – бо оҳанг ҳам тобеъ

мегардад: Ӯ гумон мекард, **сари синааш дамида рафта истодааст (С.Айнӣ,** Куллиёт**).**

**Ҷумлаи пайрави андозаю миқдор**

**Ҷумлаи пайрави андозаю миқдор то кадом андоза ва чӣ қадар иҷро шудани амали сарҷумларо эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои чӣ қадар? то чӣ андоза?, то кадом андоза?, то кадом дараҷа?** ва ғайра ҷавоб мешавад: **Ҳар чӣ қадаре ки машина бештар роҳ мепаймуд,** ҳамон қадар хаёли ӯ ба дуриҳо парвоз мекард (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо). **Санъати возаю гулдон пирамардро, чӣ қадаре ки шефтан худ карда бошад,** расмҳои дафтар ӯро ҳамон қадар вола кард. (**Р.Ҷалил**, Бозгашт аз биҳишт).

Ин ҷумлаи пайрав бо пайвандакҳои **чӣ қадаре ки, ҳар чӣ қадар (е) ки, ба андозае ки, то дараҷае ки, то ба дараҷае ки, то андозае ки, то ба андозае ки, ба қадре ки** бештар дар аввал ва мобайни сарҷумлаҳо меояд: **Юнусбой ҳар қадар ки фикр мекард,** димоғаш боз зиёдтар месӯхт (**С.Улуғзода**, Навобод). **Ҳарқадар ки фоида зиёд мешуд,** иштиҳои пахтачиёни гурусначашм ҳам ҳамон қадар зиёд мегардид. (**С.Айнӣ**, Куллиёт). **Ман аз тарси ғалтидан ҳар қадар ки ба ёли вай сахттар мечаспидам,** динг-динги вай ҳамон қадар зиёдтар мешуд (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

Ҷумлаи пайрави андозаю миқдор бо пайвандаки ки баъди сарҷумла меояд ва калимаю таркибҳои ҳамнисбати **чунон, онҷунон, ин қадар, ба дараҷае, ба андозае** ва ғайраро шарҳу эзоҳ медиҳад: Қомати ӯ чунон мавзун буд, ки **бинанда гумон мекард, вазидани боде кифоя аст, ӯро аз по дарафтонад (Р.Ҷалил,** Бозгашт аз биҳишт**). Ҳамчунон** нозанин, ки **ҳеч ин хел духтарро дар умри худ надида будам** (Афсонаҳои халқи тоҷик). Ӯ чаву бедаро ба қадре талаб кард, ки **дар як сол ба як асп расид (С.Айнӣ,** Куллиёт**).**

**Ҷумлаи пайрави тарз**

**Ҷумлаи пайраве, ки тарзу тариқ ва дар ягон ҳолат иҷро шудани амали сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад, ҷумлаи пайрави тарз номида мешавад: Ӯ,**

**дар ҳолате ки рўйнокӣ Сару поҳояшро бар рўи билиштҳо баланд карда мехобид,** ба мо ҳикоя мегуфт (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

Дар ин мисол **дар ҳолате ки рўйнокӣ Сару поҳояшро бар рўи болиштҳо баланд карда мехобид** чумлаи пайрави тарз Буда, ба сарчумла бо пайвандаки **дар ҳолате ки** тобеъ гаштааст ва дар мобайн омадааст.

Чумлаи пайрави тарз ба саволҳои **чӣ тарз?, чӣ тариқ?, дар кадом ҳолат?, дар кадом вазъият?** чавоб мешавад. Бо пайвандакҳои **дар ҳолате ки, дар вазъияте ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, бе он ки, бе ин ки,** гоҳ дар аввал ва гоҳ дар мобайн ва баъзан дар охири сарчумла меояд: **Падарам, дар ҳолате ки аз дидари дўсташ шод буд,** ба модарам гуфт (**С.Улуғзода**, Субҳи човонии мо). Дигарон ҳам, **бе он ки чӣ гуфтанашон маълум шавад**, фарёд мекашиданд (**С.Айнӣ**, Дохунда). Вай ба рўи меҳмонон зўрбазўракӣ табассум мекард, **ба тавре ки ўро дида раҳми касс меомад (С.Улуғзода,** Субҳи чавони мо**).** Ҳамдам –зани калони бой аз пеши шавҳараш, **дар ҳолате ки дар дасташ як хўша набот буд,** баргашта омад (**С.Айнӣ,** Ятим).

Чумлаи пайрави тарз бо пайвандаки **ки** асосан баъди сарчумла меояд ва калимаю таркибҳои ҳамнисбатро эзоҳ медиҳад: Вай бояд тарзе навишта шавад, ки **дар он матлаби нависанда ҳам равшан, ҳам шавқовар ва ҳам пандомўз ифода ёбад (Ф.Муҳаммдаиев,** Дўстон точи сар**).** Об ба тарзе баста шуд, ки **як чакрааш ҳам аз замин боз пас намегашт (С.Айнӣ,** Куллиёт**).**

**Чумлаи пайрави монандӣ.**

**Чумлаи пайраве, ки мазмуну амали худро нисбат ба мазмуну амали сарчумла аз чиҳати монандӣ ва шабоҳат нишон медиҳад, чумлаи пайрави монандӣ номида мешавад.** Комиссар аз чояш хеста, ба ў наздик омад, **мисли ин ки бачаро навозиш мекарда бошад,** ба кифти ў зада гуфт (**Ҳ.Карим,** Ҳикояҳо).

Аз ин мисол **мисли ин ки бачаро навозиш мекарда бошад,** чумлаи пайрави монандӣ Буда, дар мобайни сарчумла омадааст.

Ин чумла пайрав ба саволҳои **ба мисли чӣ?, ба монанди чӣ?** чавоб мешавад ва дорои пайвандакҳои зиёд мебошад. Бо пайвандакҳои **мисли ин (он)**

**ки, монанди он (ин) ки, ба монанди ин (он) ки, ба мисли он (ин) ки, гӯё, гӯё ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, ба тариқе ки, ба тартибе ки, чӣ навъе ки, чӣ тарзе ки** пайраве номбурда дар аввал, мобайн ва баъди сарчумла низ меояд: **Чӣ тавре ки як касбро ба касби дигар табдил додан ба осонӣ муяссар намегардад,** омӯхтани ин сабақ ҳам осон набуд (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо). Шокир як пиёлачаро аз арақ пур карда, **чунон ки об меҳӯрда бошад,** бе ҳеч рӯтуршкунию ларзидан ба сар кашид (**Ф.Ниёзӣ**, Вафо). Зан, **гӯё ки мо ду бародарро бо ҳам муқоиса мекарда бошад,** гоҳ ба Азизхон нигоҳ мекард ва гоҳ ба ман (С.Улуғзода, Субҳи чавони мо). **Монанди он ки кассе аз сарашон оби хунук рехта бошад,**ҳамагӣ хомӯш шуданд (Ҳ.карим, Ҳикояҳо).

Чумлаи пайрави монандӣ бо пайвандаки **ки** баъдисарчумла омада калима ва таркибҳои ҳамнисбатро эзоҳ медиҳад: Чунон сахт хоб рафтам, ки **гӯё дар шиками модарам бошам (Р.Чалил,** Бозгашт аз биҳишт**).**

Бибиоиши худро ба Ибод чунин вонамуд кард, **ки гӯё Одина дар хонаи хӯчаинаш бошад (С.Айнӣ,** Одина**).**

**1.Чумлаи пайрави замон.**

**Чумлаи пайрави замон замони воқеъ гардидан ва ё нагардидани амали сарчумларо эзоҳ медиҳад ва ба саволҳо кай?, кадом вақт?, аз кай?, то кай? ва ғайра чавоб мешавад: Вақте ки тарс сар мешавад,** ақлу фаросат чои худро ба пастию разолат мезанад (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо).

Аз ин мисол **вақте ки тарс сар мешавад,** чумлаи пайрав Буда, ақлу фаросат чои худро ба пастию разолат медиҳад, сарчумла аст.

Чумлаи пайрави замон дорои пайвандакҳои зиёд мебошад. Аммо ичро шудан ва нашудани амали сарчумлаи чумлаи пайрави замон аз чиҳати вақту ҳангом бо ҳамаи пайвандакҳо як хел нест.

Масалан, бо пайвандакҳои **вақте ки, дар вақте ки, ҳангоме ки, замоне ки, аз бозе ки, ҳамин ки, чун, даме ки** паи ҳам ё худ дар як вақт врқеъ гардидани кору ҳаракат ва амали сарчумлаю чумлаи пайравро мушоҳида кардан

мумкин аст. Бо ин пайвандакҳо ҷумлаҳои пайрави замон одатан дар аввал ва мобайни сарҷумла меоянд. **Вақте ки нафасе ҷашм мепӯшидам,** ба мадди назарам пайваста обшору ҷӯйборҳо меомаданд (**Р.Ҷалил**, Бозгашт аз биҳишт). **Ҳамин ки эшон ба ҳавлӣ қадам монд,** ба шарофаташ як гӯсфанди бӯрдоқӣ қурбон карда шуд (**С.Айнӣ**, Дохунда). **Ҳар гоҳ ки ин садо мебаромад,** дару девори обхона ба ларзиш медаромад (**С.Айнӣ**, Дохунда). **Ҳангоме ки ӯ бедор шуд,** дигарон ҳанӯз хоб буданд (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар,** Печутоби). Ӯрунхӯҷаев, ҷу ба **Хуҷанд расид**, ба ҳеҷ кучо нигоҳ накарда, роҳи колхозро пеш гирифт (**А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо). **Ҷун аз ҷароғи анҷуман дуд баромад,** соли вафоти Асирӣ ҳазору нӯҳсаду шонздаҳум ҳосил мегардад (**Р.Ҷалил**, Бозгашт аз биҳишт). **Ҷу мева сер хӯрдӣ,** шох машикан (**Саъдӣ**, Гулистон).

Бо пайвандакҳои **баъд аз он (ин) ки, баъди он (ин) ки, пеш аз он ки, пеш аз ин ки, пас аз он (ин) ки, даме ки** аввал амали ҷумлаи пайрав ва баъд амали сарҷумла ба вуқӯъ меояд, аммо ин ҳамеша ҳатмӣ нест: **Баъди он ки аз сари ҷашма хеле дур шуданд,** пиразан аз роҳравӣ бозистода, ба қафо нигоҳ кард (Р.Ҷалил, Шӯроб). **Пас аз он ки дастархони паловро ғундошта, ба ҷойнӯшӣ даромаданд,** Ҳаит Амин ба гап даромад (С.Айнӣ, Ғуломон). Ҷӯпонон, **пас аз он ки шабро дар ин ҷо мегузарониданд,** боз ба роҳ даромада, рамаро пеш андохтанд (**С.Айнӣ** Дохунда).

**Даме ки аз миёни обу оташҳо гузар кардӣ,**

Ба сӯи зиндагии нав далерона сафар кардӣ.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Бо пайвандакҳои **акнун ки, ҳоло ки** кору амали ҷумлаи пайрав пеш аз кору амали сарҷумла ба вуқӯъ меояд: **Ҳоло ки аз найнавозӣ ва нақшагӯӣ дилгир шуда, ба замин ёзида ҷашми худро пӯшид,** ин хаёлот аз пештара зиёдтар сарашро фаро гирифт (С.Айнӣ, Дохунда). **Акнун ки маро ба болои ин кор дастгир кардӣ,** ман ҳамаашро бояд ба ту ҳикоят карда диҳам (**С.Айнӣ**, Ёддоштҳо).

Ҷумлаи пайрави замон бо пайвандаки **ки** кору амалеро нишон медиҳад, ки ба кору амали сарҷумла пай дар пай дар муддати кӯтоҳ ба амал меоянд ва

пайвандак ба сарчумла мегузарад, чумлаи пайрав бошад дар аввал меояд: **Чатри боронӣ дар сар миёни гулфурӯшон қадам зада мегаштам,** ки суруде ба гӯшам расид (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар).

**2.Чумлаи пайрави макон.**

**Чумлаи пайраве, ки чову макони амали сарчумларо шарҳ медиҳад, чумлаи пайрави макон номида мешавад: Дар ҳар чо ки об ҳаст,** дар он чо ҳаёт месабзад (**Ч.Икромӣ**, Шодӣ).

Аз ин мисол **дар ҳар чо ки об ҳаст** чумлаи пайрав **ва дар он чо ҳаёт месабзад,** сарчумла мебошад.

Чумлаи пайрави макон ба саволҳои дар кучо?, аз кучо?, то кучо?, ба кучо? ва ғайра чавоб шуда, бо пайвандаки ки ва таркибпайвандакҳои **ҳар чо ки, ҳар кучо ки, ба ҳар кучо ки, ба он чо ки, зи он чо ки** ва ғайра тобеъ мегардад ва бештар дар аввал ва гоҳо дар мобайни сарчумла меоянд: **О чо ки аён аст,** ҳочат ба баён нест (фолклор). Шабона дар пояи ҳайкал кадоме дар пояи кадоме навишта буд: **Дар чое, ки хуни коргарон рехта шудааст, дар он чое ки Якуми май оғоз ёфт**, ҳайкали коргар бояд истад, на ин ки қотил (Р.Чалил, Боз гашт аз биҳишт).

Ба ҳар чо ки равад, бо як нигоҳи сеҳрангезаш,

Тамоми ақли хуши ошиқон дуздида меояд.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Хоҳ, кӯи ишқ бошад, хоҳ кӯи дӯстон,

Ҳар кучое ки равам, бо оташ дил меравам.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

**3. Чумлаи пайрави сабаб.**

**Чумлаи пайраве, ки сабаби ичро шудан ва ё нашудани амали сарчумларо мефаҳмонад, чумлаи пайрави сабаб номида мешавад:** Азбаски дар ин чоҳо ҳозир об бароывардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ мачбур шудем (С.Айнӣ, Дохунда).

Дар ин мисол чумлаи соддаи якум чумлаи пайрав буда, чумлаи соддаи дуюм сарчумла мебошад.

Чумлаи пайрави сабаб ба саволҳои **чаро?, барои чӣ?, ба кадом сабаб?, сабаб чӣ?** чавоб мешавад ва дорои пайвандакҳои бисёр мебошад. Бо пайвандакҳои **азбаски бас, баски, зи бас, аз сабаби он ки, аз бабаби ин ки, модом ки, ба хаёле он (ин) ки** ва ғайра ин чумлаи пайрав дар аввал ва мобайни сарчумла меояд: **Азбаски бино дар чои баланд – рӯи тепа бунёд шудааст,** манзараи калоне чун дар рӯи каф домон мекушояд (**Р.Чалил**, Бозгашт аз биҳишт). **Модом ки ин қадар масъалаҳои нозук ва мураккабро ба миён мегузорем,** бояд барои хатман ҳал кардани онҳо бикӯшем (**Ф.Муҳаммадиев**, Дӯстон точи сар). **Аз сабаби он ки имсол вақт гузаштааст**, мо ин корро дар соли оянда анчом доданӣ ҳастем (А.Шукӯҳӣ, Ҳ. Аскар, Печутоби роҳҳо).

**1. Чумлаи пайрави шарт.**

**Чумлаи пайраве, ки шарти ичро шудани амали сарчумларо нишон медиҳад, чумлаи пайрави шарт номида мешавад: Агар як роҳ ёфт нашавад,** хизматонаи чаноби ясавул ҳам месӯзад (**С.Айнӣ**, Дохунда).

Аз ин мисол **агар як роҳ ёфт нашавад,** чумлаи пайрав мебошад, ки ба сарчумлаи **хизматонаи чаноби ясавул ҳам месӯзад,** бо пайвандаки **агар** тобеъ шудааст.

Чумлаи пайрави шарт ба саволҳои **ба кадом шарт?, шарт чӣ?,** чавоб мешавад ва ба воситаи пайвандакҳои агар **(гар, ар), ба шарте ки, то, ки** ба сарчумла тобеъ мегардад.

Бо пайвандакҳои **агар (гар, ар), то** ин чумлаи пайрав одатан пеш аз сарчумла ва дар мобайни он меояд: **Агар пули ичораро моҳ ба моҳ нарасонӣ,** ба бой хизмат мекунӣ? (**С.Айнӣ**. Куллиёт). **Агар ҳамқишлоқам Алии кал намебуд,** эҳтимол, орзуҳои чандмоҳаи ман барбод мерафту сари чавонам ҳам курбони теғи буро мегардид (**Ҳ.Карим**, Оқшуда).

Зан **агар оташ намешуд,** хонаи мо сард буд,

Бе чароғи равшане дар шом мемондем мо.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Бода пур хўрданду ҳушёр нагаштан саҳл аст,

**Гар ба давлат бирасӣ,** маст нагардӣ, мардӣ!

(Соиби Табрезӣ, Панду ҳикматҳо).

То илм наомўзӣ, некӣ натавон кард.

(Носири Хисрав, Панду ҳикматҳо).

Чумлаи пайрави шарт бо пайвандаки **ба шарте ки** асосан баъди сарчумла ва гоҳ дар мобайни он меояд: Писаратонро нишон медиҳам, ба **шарте ки ҳамин гапҳои ҳозир дар пеши мо гуфтагиатонро дар назди ва такрор кунед (Ҳ.Назаров,** Мирзо Ризо**).** Вай аз ин роҳаш барнамегардад**, ба шарте ки дигарон ёрӣ нарасонанд (Р.Чалил.** Ҳикояҳо**).**

**2. Чумлаи пайрави хилоф**.

**Чумлаи пайраве, ки акси мазмуни сарчумларо нишон медиҳад, чумлаи пайрави хилоф номида мешавад:** Бобояш, **ҳарчанд хеле шуда бошад ҳам,** ҳанўз зиндаю саломат аст (**Р.Чалил**. Бозгашт аз биҳишт).

Аз ин мисол **ҳарчанд хеле пир шуда бошад ҳам** чумлаи пайрав буда, **ў ҳанўз зиндаю саломат аст,** сарчумла мебошад.

Чумлаи пайрави хилоф ба саволҳои **бо вучуди чӣ?, бар хилофи чӣ?,** чавоб мешавад ва дорои пайвандакҳои зерин мебошад: **бо вучуди он ки, бо вучуди ин ки, бар хилофи он ки, бар хилофи ин ки, ба чои он ки, гарчи агарчӣ, ҳарчанд ки** ва ғайра.

Бо ин павандакҳо пайрави мазкур пеш аз сарчумла дар мобайни он ва тавассути қисме аз онҳо дар охири сарчумла низ меояд: **Бо вучуди он ки имшаб ҳама бояд дар сари дастархони идӣ бошанд,** кассе намерафт **(Р.Чалил.** Ҳикояҳо**).** Бозор, **ҳарчанд имсол тўй карданӣ набошад ҳам** бо гуфтаҳои арбоб ва даҳолатҳои занаш ба тўй кардан моил шуд, вай ба худ андешид (**С.Айнӣ**, Дохунда). **Ҳарчанд худи вай покдоман ва баномус бошад ҳам,** даҳони бадгўро бастан душвор аст (**С.Айнӣ**, Дохунда). Муаллиф, **ба чои он ки ба тавассути чанд чузъиёти муассир хислати қаҳрамон ё муносибати ўро ба кассе ё чизе равшан кунад** дуру дароз аз ҳад зиёд батафсил нақл мекунад (**Ф.Муҳаммадиев**, Дўстон точи сар).

Ҳаў гўй, **агарчӣ талх бошад,**

(Унсуралмаолии Кайковус, Панду ҳикматҳо).

**Ошиқон ҳарчанд муштоқи чамоли дилбаранд**,

Дилбарон дар ошиқӣ аз ошиқон ошиқтаранд.

(Бадриддини Ҳилолӣ, Панду ҳикматҳо).

**Гарчи тафсири забони равшантар аст,**

Лек ишқи безабон равшантар аст.

(Чалолиддини Рўмӣ, Панду ҳикматҳо).

**Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,**

Вале бо номи ту ман ибтидо кардам, ҳамин кофист.

(М.Турсунзода, Асарҳои мунтахаб).

Гарчи дар базми бузургон кўдаки гаҳвораам,

Бо ҳама камзарфии худ узви ин сайёраам.

(Лоиқ, Рўзи сафед).

Агар чумлаи пайрави хилоф бо ҳиссача-пайвандаки ҳам ба сарчумла тобеъ гардад, асосан, дар аввал пеш аз сарчумла меояд: **Аризаатонро рад кунанд ҳам,** маъюс нашавед (**Шукўҳӣ, Ҳ.Аскар,** Печутоби роҳҳо). **Дар зиндагии худ борҳо ба муддатҳои дарозу кўтоҳ, аз хонадонаш дур монда бошад ҳам,** барои хатнависӣ хома ба даст намегирифт **(Шукўҳӣ, Ҳ.Аскар**, Печутоби роҳҳо).

**3. Чумлаи пайрави натича.**

**Чумлаи пайраве, ки натичаи кору амали сарчумларо мефаҳмонад, чумлаи пайрави натича номида мешавад:** Аз бозор ранги қирмизӣ харида оварда, онро ба лаки зард омехта намуда, дар рўи карнайчаҳо гулпартой кард, баъд аз он харидорон бисёр шуда, бозораш часпонтар шуд **(Р.Чалил.** Ҳикояҳо**).**

Аз ин мисол чумлаҳои соддаи дуюму сеюм чумлаҳои пайрави натича мебошанд, ки натичаи амали сарчумларо нишон додаанд.

Чумлаи пайрави натича ба саволҳои **натичааш чӣ шуд?, натичааш чӣ мешавад?, натичааш чӣ хоҳад шуд?** чавоб мешавад. Чумлаи пайрави натича асосан, бо пайвандаки **ки** ба сарчумла тобеъ шуда, баъди он меояд: Аммо духтар бо як зўрзанӣ худро халос карда, ба зери баногўши ў кашидаю кушода

торсакии обдоре фаровард, **ки пеши чашмони ўро сиёҳӣ гирифта, гўшаш чарангос зада, ба замин нишаста монд (Р.Чалил.** Ҳикояҳо**).**

Чумлаи пайрави натича ба сарчумла бе пайвандак ҳам (бо оҳанг) тобеъ мегардад: Шодй хеле тафсида рафт: **аз зери мўйҳои сараш арақ шорида, ба тахтапўшташ медавид (Ч.Икромӣ,** Шодй**).**

**Савол ва супоришот:**

1. Забон бо ҷамъият чӣ гуна алоқа дорад?
2. Забон оё ҷамъиятӣ ҳаст ё не?
3. Фикрҳои философҳо оиди забон?
4. Вазифаи забон ва фаъолияти нутққунӣ дар чист?
5. Фикрҳои шумо оиди дузабонӣ?
6. Балоғати суханро дар чӣ мебинед?

7.Меъёри забон чист?

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Арзуманов С., Ҷалолов О. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений. –Душанбе, 1969.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) қ. 1. –Душанбе, 1973.
1. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ. –Душанбе: «Ирфон», 1980.
3. Оранскиӣ И. М. Введение в иранскую филологию. –М., 1960.
4. Рустамов Ш. Забон ва замон. –Душанбе: «Ирфон», 1981


**Мавзўи 4** | **Чумлаи мураккаби сертаркиб** | **Маърўза**

**Нақша:**

1. Маълумот дар бораи чумлаҳои мураккаби сертаркиб
2. Чумлаҳои муракаби сертаркиб ва навъҳои он
3. Чумлаҳои муракаби пайвасти сертаркиб

4.Чумлаи мураккаби тобеи сертаркиб ва навъҳои он: чумлаҳои пайрави чида, чумлаҳои пайрави ғайричида, чумлаҳои пайрави дарача.

5.Хулоса

**1. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб**

Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб басо доманадор буда, аз се ва зиёда ҷумлаҳои соддаро дар бар мегиранд. Сохту таркиб, банду баст ва дараҷаи истеъмолии воситаҳои алоқаи ин ҳтссаи наҳвиро ба ҳисоб гирифта, онро ба се қисм тақсим кардаанд: пайваст, тобеъ ва омехта.

**2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб**

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиброро се ва зиёда ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ ташкил медиҳанд. Сабаби ба амал омадани ин тарз бандҳои нақвй ин аст, ки а) нависанда ин ё он амалу ҳодиса ва қаҳрамони асари худ ва дигар ҳолатҳои тасвиршавандаро бо тамоми ҷузъияташ нишон медиҳад; б) ҳар як ҷумлаи соддаи таркиби ин ҳиссаи нақвй аз ҷиҳати ифрдаи маъно муносибати канданашавандагӣ доранд; в) аксарияти ҷумлаҳои соддаи охирини ин банди наҳвй хусусияти иловакунонӣ ва эзоҳдиҳӣ доранд. Аз ин ҷост, ки воситаҳои алоқаи пайваст-оҳанг (,), аломати баён (:), аломати нуқта – вергул (;) пайвандакҳои пайвасткунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ (хабари ҷумлаҳои содда) сермаҳсул гашта, боиси ба амал омадани бандҳои домандори наҳвй мешаванд.

Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб низ муносибатҳои мухталифро: монанди шумур, умуминақлхалқӣ, замонӣ, паиҳамзамонӣ, сабабу натиҷа, хилоф, замону шумур, замону ҷудой, хилофу ҷудой, натиҷаю ҷудой ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Чанд мисоли намунавӣ:

а) Муносибати умумӣ (шумур, номбаркунӣ): **Илоҳӣ теғи ҳукуматҳо буро шавад, сафарашон бехатар шавад, ҳазоати шерри худо ва Баҳоваддини балогардон камарашонро бананд (С.Айнӣ,** Куллиёт**).**

б) Муносибатҳои ҳамзамонӣ ва паиҳамзамонӣ: **Бандҳои дастони латифи ў ҳанўз дар дастонам буданд, дастони ман меларзиданд, чашмонаш чашмонамро дидбонӣ мекурд (С.Айнӣ.** Куллиёт**). Он ҷавону духтар Моро ҳамроҳ гирифта буданд, баъд ҷавон аз ҷўй гузашта даст боло кард, як мошина омада истод. (С.Улуғзода.** Навобод**).**

в) Муносибати замонӣ ва сабабу натича: **Мӯҳлати чамъоварии андоз хеле кӯтоҳ буд, баъзн амалдорон ба ин амр расидагӣ кардан два баъзе натавонистанд (С.Улуғзода.** Васеъ**).**

Чумлаҳои соддаи таркиби чумлаҳои мураккаби  пайвасти сертаркиб ба воситаи як қатор пайвандакҳои пайвасткунанда ва калимаҳои алоҳида, ки ба вазифаи пайвандак меоянд, пайваст мешаванд. Хусусан, дар ин ҳиссаи наҳвӣ пайвандакҳои ва, у (ю) серистеъмол мебршанд. Пайвандаки **ва** чанд тарзи корбаст дорад: дар байни ҳар як чумлаи сода истеъмол мегардад, гоҳо дар байни ду чумлаи соддаи охир меояд ё баръакс, аммо тавассути ин пайвандак аксар муносибатҳои дар боло номбаршуда мушоҳида мегарданд. Намуна як мисол, ки ин пайвандак дар байни ду чумлаи соддаи охир омадааст. **Тирмаоҳ хушк омад, ҳамаи ҳосилот ғундошта шуд ва заминҳо шудгори обӣ карда шуданд (С.Айнӣ**, Куллиёт).

1. **Чумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб**

Чумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб аз чумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб фарқ мекунанд. Агарчи таркиби ин сохти наҳвиро се ва зиёда чумлаҳои сода ташкил кунанд ҳам, ҳамаи онҳо тавассути врситаҳои аорқаи тобеъ алоқаманд мешаванд. Ба ин маъно, ҳамаи чумлаҳои сода алоҳида-алоҳида ё сарчумла, ё чумлаи пайрав, ё  ҳам сарчумлаю чумлаи пайрав мешаванд. Пас, ин ҳиссаи грамматикиро ба таври зайл таъриф кардан мумкин аст: **Ҳиссаи наҳвие, ки дар он се ва зиёда чумлаҳои сода дар алоқамандии якдигар ба вазифаи сарчумлаю чумлаҳои пайрав меоянд, чумлаи мураккаби тобеи сертаркиб нрмида мешавад.**

Дар забоншиносии точик сохту структура, банду баст ва тарзи чойгиршавии чумлаҳои соддаро ба назар гирифта онро ба се навъ чудо кардаанд: чида, ғайричида, дарача.

**4. Чумлаҳои пайрави чида**

**Ду ва зиёда чумлаҳои пайраве, ки ягон аъзо ва ё умуман мазмуни умумии як сарчумларо эзоҳ дода, ба як савол чавоб мешаванд ва ба як пайвандак тобеъ мегарданд, чумлаҳои пайрави чида номида мешаванд:**

**Bašте ки šозии марҳум хочаги Ғиждувонро партофта, Бухоро рафтан хост ва мо чанд нафар мулозимони қадрдонаш кӯчи ўро то шаҳр бурда, ба хонааш фуровардем,** ў моро дар он чо шаб меҳмон кард (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо).

Дар ин мисол ду чумлаи пайрави замон бо пайвандаки **вақте ки** ба сарчумлаи **ў моро дар он чо як шаб меҳмон кард,** тобеъ шуда ба як савол чавоб мешаванд, яъне нисбат ба сарчумла як хел ҳукми грамматикӣ доранд. Схемаи ин мисол:

СХЕМА

Дар ин ҳисса дар байни чумлаҳои чида алоқаи пайваст низ мушоҳида мегардад. Азбаски алоšаи асосиро тобеъ ташкил медиҳад, алоқаи пайваст дуюмдарача ба ҳисоб меравад.

Дар забони адабии точик аксари чумлаҳои пайрав чида шуда меоянд. Намуна:

а) **Чумлаи пайрави чидаи муайянкунанда:** Ин аҳволе, **ки шумо дидед ва ман барои ибрат шуморо ин чо оварда, ин ҳолро нишон додам,** аҳволи зоҳирии қаландарон аст (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо).

СХЕМА

б) **Чумлаи пайрави чидаи пуркунанда:** Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлу гоҳ ба он паҳлу ва гоҳо пуштнокӣ ёзида, оқибат хобаш бурд, дигар надонист, ки **рама кучо рафт, маркаб чӣ кард** ва **ҳезум** чӣ шуд (**С.Айнӣ,** Одина).

СХЕМА

**5. Чумлаҳои пайрави ғайричида**

**Ду ва зиёда чумлаҳои пайраве, ки ба як сарчумла бо пайвандакҳои гуногун тобеъ мешванд, чумлаҳои пайравиђайричида номида мешаванд: ВАšте ки илтимосу илтичои ў ба гиряву зорӣ бадал ёфтааст,** Аслонхоча ба ў маслиҳат додаст, ки **ба ман мурочиат кунад (С.Айнӣ,** Куллиёт**).**

Дар ин ду мисол ба сарчумлаи **Аслонхоча ба ў маслиҳат додааст** ду чумлаи пайрав, ки яке замон дигаре пуркунанда мебошанд, бо пайвандакҳои **вақте ки ва ки** тобеъ гаштаанд.

Схемаи ин мисол:

Чумлаҳои пайрави ғайричида вобаста ба дарачаи истифодашавӣ, тарзи шарҳёбии аъзоҳои гуногуни сарчумла ва сермаҳсулии чумлаҳои пайрави алоҳида дух ел мешаванд: ҳархела, якхела.

а) **Чумлаҳои пайрави ҳархела.** Дар чумлаҳои пайрави ҳархела ба як сарчумла ду ва зиёда чумлаҳои пайрави гуногун тобеъ шуда, ба саволҳои гуногун чавоб мешаванд. Дар ташаккули ин навъи чумлаи мураккаби тобеи сертаркиб ҳамаи хелҳои чумлаи пайрав иштирок мекунанд: Чунончи, чумлаҳои пайрави муайянкунанда ва пуркунанда. Сардори заставаи сарҳадчиён, ки **ў дар хонаи вай зиста, ба ў рафиқи наздик аст,** маслиҳат медиҳад, ки **аввал ба шаҳри худат тоқа баргард (Ф.Муҳаммадиев,** Дўстон точи сар**).**

Ду мисоли дигар, ки чумлаҳои пайравшон замону муайянкунанда ва шартию муайянкунанда мебошанд: Саркотиби вакили мухтор, **баъд аз он ки ба доду фарёди бисёр хизматгорро чеғ зада чой фармуд,** ба ҳамқалами худ, **ки дар паҳлўяш нишаста буд, гуфт (С.Айнӣ,** Дохунда**). Агар ранги онҳоро дудаи ангишт сиёҳ намекардагӣ мебуд,** аз даҳшати ин суханон, **ки аз талафшавии бемаҳали онҳо хабар медод,** дар рўи онҳо аломати маргро мушоҳида кардан мумкин мебуд (**С.Айнӣ,** Куллиёт).

б) **Чумлаҳои пайрави якхела:** Дар ин ҳисса чумлаҳои содда миқдоран аз сето кам намешаванд, вале зиёд шуданашон мумкин аст. Ҳамаи ин чумлаҳои содда дар як алоšаи зичи грамматикӣ омада, яке сарчумла, боšимондаҳо чумлаи

пайрав мешаванд, ки аъзоҳои чидаву ҳархелаи сарчумларо эзоҳ медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар ташаккулёбии ин қолаби наҳвӣ чумлаи пайрави муайянкунанда хеле серитеъмол  аст. Инак, бар эзоҳи мубтадоҳои чидаи як сарчумла омадани чумлаҳои пайрави муайянкунанда: Хусусан, он шеърҳое, **ки Ҳабиба маънии ишқии онҳоро ба ман фаҳмонида** ва хусусан, он ғазалҳое, ки **он духтар дар мактаб бо овози «ҳазин» монанди созандагон хонда буд, ба ман бисёр таъсир мекарданд. (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

СХЕМА

Ба ин вазифа чумлаҳои пайрави пуркунанда, шарт, хилоф низ меоянд.

а) **Чумлаи пайрави пуркунанда:** Қозӣ ба Қурбонниёз фармуд, ки **ба кораш равад ва** одами худашро фармуд, **ки чой биёрад (С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

**б) Чумлаи пайрави шарт:** Раванда, **агар пул дошта бошад,** дарҳол талаби ин калбачаро ба чо меорад, **агар пулаш кам бошад,** ба талошу чанголи бисёр ба ду танга ва ҳеч набошад ба ним танга ӯро розӣ карда, аз дасти ӯ раҳой меёфт (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо).

в) **Чумлаи пайрави хилоф:** Ӯ маро надид, **дида бошад ҳам,** нашинохт, **шинохта бошад ҳам,**ба ман гап заданро лозим надонист **(С.Айнӣ,** Ёддоштҳо**).**

**Чумлаҳои пайрави дарача**

**Чумлаҳои пайраве, ки пай дар пай омада, якдигарро шарҳу эзоҳ медиҳанд, чумлаҳои пайрави дарача номида мешаванд.** Дар чумлаҳои пайрави дарача ба ғайр аз чумлаи соддаи аввал ва пайрави охир дигар чумлаҳои содда ду вазифаи грамматикиро адо мекунанд, яъне ҳам сарчумла ва ҳам чумлаи пайрав мешаванд: Ба ӯ ҳаргиз гуфтан намешаванд, ки лаёқати эчодӣ надорад, чунки худи ҳамон мачмӯаи мавриди баррасӣ қарорёфта ҳикояву очеркҳои хуб дорад **(Ф.Муҳаммадиев,** Дӯстон точи сар**).**

Дар ин мисол чумлаи пайрави **пуркунанда** ба сарчумла ва чумлаи пайрави **сабаб** ба чумлаи пайрави **пуркунанда** пай дар пай тобеъ шуда омадаанд. Чумлаи пайрави пуркунанда ҳам чумлаи пайрав ва ҳам сарчумла

шудааст.

СХЕМА

Дар ин ҳиссаи наҳвӣ агар мисол аз се ҷумлаи содда иборат бошад, дударача, агар аз панч ҷумлаи содда иборат бошад, чордарача номида мешавад.

Таркиби ҷумлаҳои пайрави дараҷаро ҳам ҷумлаҳои пайрави якхела ва ҳам ҷумлаҳои пайрави ҳархела ташкил медиҳанд. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки дар ташаккулёбии ҳар ду навъи номбурда аксарияти хелҳои ҷумлаи пайрав иштирок мекунанд. Дер зеро ид ба ҳар ду навъ якчанд мисол нишон дода мешавад, чунончи:

а) Ҷумлаҳои пайрави дараҷае, ки таркиби онҳоро ҷумлаҳои пайрави якхела ташкил додаанд: Ман гиряву зорикунон аз ӯ пурсидам, ки маро ба зудӣ гардонда набарад, то ки рӯзе чанд дар ин ҷо монда, шаҳрро тамошо кунам ва мулло тағоямро бинам (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо).

СХЕМА:

Таркиби ҷумлаҳои пайрави дараҷа аз чор, панҷ, шаш ҷумлаи содда ҳам ташкил ёфта метавонад. Чунончи, аз чор ҷумлаи содда, ки седараҷа номида мешавад: Қорӣ-Ишкамба акнун ба ин гуна суханҳо тасаллиёб намешуд, **зеро ӯ шунида истода буд, ки ин корҳоро инқилоб ки аз вай табиатан метарсид, карда истодааст (С.Айнӣ,** Марги судхӯр**).**

СХЕМА:

Ин мисолро ҷумлаҳои пайрави **сабаб, пуркунанда ва муайянкунанда** ташкил додаанд.

Бояд гуфт, ки структураи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро бо ин маънидодҳо ва мисолҳо маҳдуд намудан имконпазир аст, зеро дар забони

адабии ҳозираи тоҷик навъҳои дигари ин ҳиссаҳои наҳвиро дучор омадан мумкин аст, ки хеле доманадор буда, аз мураккабии сохти наҳвии забонамон дарак медиҳанд, аммо он хелҳо хусусияти услубӣ дошта, дар осори нависандагони алоҳида мушоҳида мегарданд.

1. **Ҷумлаҳои мураккаби омехта**

Ҷумлаи мураккаби омехта аз ҳиссаҳои дигари наҳвӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин қисми грамматикӣ ҷумлаҳои содда ба ду роҳ алоқаманд мешаванд: бо роҳи алоқаи пайваст ва бо роҳи алоқаи тобеъ. Ба ин маъно, ҷумлаи мураккаби омехта ҳам ҷумлаи мураккаби пайвастро дар бар мегирад ва ҳам ҷумлаи мураккаби тобеъро: Бобоям ба ҳамин мулоҳизаҳо ин таклифро хуш қабул кардааст, барои ӯ дар аввали кор меҳмонхонаи Ҳамроҳхон номеро, ки ҳавлиаш дар ҳамсоягии масҷид будааст, бошишгоҳ қарор додаанд. (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо).

Ин мисол аз се ҷумлаи содда иборат аст. Ду ҷумлаи соддаи аввал дар алоšаи пайваст омада, ҷумлаи мураккаби пайвастро ташкил додаанд. Ҷумлаи соддаи дуюму сеюм дар алоšаи тобеъ омадаанд, ки ҷумлаи мураккаби тобеъро ташкил додаанд. Аз ин се ҷумлаи содда ҷумлаи **барои ӯ дар аввали кор меҳмонхонаи Ҳамроҳхон номеро бишишгоҳ қарор додаанд,** сервазифа аст. Ҳам ҳиссаи ҷумлаи мураккаби пайвастро ташкил додааст ва ҳам ҳиссаи ҷумлаи мураккаби тобеъро.

Яъне нисбат ба ҷумлаи соддаи аввал ҷумлаи соддаи мустақил нисбат ба ҷумлаи соддаи минбаъда сарҷумла ба ҳисоб меравад.

**Схемаи ин мисол:**

Пас, ҷумлаи мураккаби омехтаро ба таври зайл таъриф кардан мумкин аст: **Он ҳиссаи наҳвие, ки ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъро дар бар мегирад, ҷумлаи мураккаби омехта номида мешавад.**

Таркиби ҷумлаи мураккаби омехта аз се ҷумлаи сода нам намешавад, вале

зиёд шуданашон мумкин аст. Инчунин, дар ин навъи наҳвӣ ҳамаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда истеъмол мегарданд. Илова бар ин ҳиссаи номбурда ба хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб: мураккаби пайвасти сертаркибу тобеъ якҷоя омада метавонад. Дар зер мисолҳое оварда мешавад, ки ҳиссаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи ин сохти наҳвиро ҷумлаҳои пайрави гуногун ташкил доданд.

Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта, ки бештар аз се ҷумлаи сода иборатанд, ҷумлаи соддаи мустақилам дар аввал ва ҳам дар охири он омада метавонад.

1. **Пеш аз сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо:** Дар рӯи синаи ту орденҳо мебинам, маълум мешавад, ки ту бо душманҳо сахт ҷангидай (**С.Улуғзода**, Навобод).

**Схема:**

2. **Пеш сарҷумлаи ҷумлаи пайрави хабар:** Вай ба кассе сир намедод, вале мақсади омаданаш ин буд, ки аҳволи Моро фаҳмида гирад (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо).

**Схема:**

3. **Пеш аз сарҷумлаи ҷумлаи пайрави пуркунанда:** Рафиқам гап мезаду ба роҳ бодиққат нигоҳ мекард, лекин мо ҳис мекардем, ки вай ба фикри мо шарик не (**Ҷ.Икромӣ**, Аҷоиботи сафар).

**Схема:**

4. **Пеш аз сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мақсад:** Ҳозир звенои ӯ аз мо камтар пеш гузашт, аммо мо ҳам ҳаракат карда истодаем, ки ба вай баробар шавем (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо).

**Схема:**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷумлаҳои мураккаби омехтае ҳам ҳастанд, ки дар онҳо ҳиссаи тобеъ дар аввал ва ҳиссаи пайваст (ҷумлаи соддаи мустақил) дар охир меряд. Ин ҷумлаи соддаи мустақил дар боло ба сарҷумла пайваст мешуд, акнун ба ҷумлаи пайрав пайваст мешавад.

1. **Баъди ҷумлаи пайрави мубтадо:** Бинобар ин ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд (**С.Айнӣ**, Ёддоштҳо).

**Схема:**

2. **Баъди ҷумлаи пайрави хабар:** Сабаби бисёр шудани ҳосил ин буд, ки ҳама коллективона аз як гиребон сар бароварда кор мекарданд, ӯ бошад инро фаҳмида наметавонанд (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо)

**Схема:**

**3. Баъди ҷумлаи пайрави пуркунанда:** Инженер мехост, ки ба он коргар ҷавоб диҳад, аммо раиси маҷлис ӯро ба хомӯш истодан таклиф кард (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

**Схема:**

**4. Баъди ҷумлаи пайрави мақсад:** Ман ҳозир ба бозор даромада будам, ки нархи бодирингро фаҳмида биоям, не, дар бозор бодиринг набудааст (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо).

**Схема:**

Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ду ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҳам

пайваст шуда, сарҷумлаҳо нисбат ба ҳамдигар ҳиссаи ҷумлаи мураккаби пайвастро ташкил медиҳанд: Зан пари мурғеро, ки чонаш баромада буд, канда гирифт, Содиқ бошад, ҳар мурғеро, ки сар мебурид, пас аз баромадани чонаш ба пеши занаш ҳаво дода, дигарашро сар мебурид (**С.Айнӣ**, Куллиёт).

**Схема:**

1. **Бо ҷумлаҳои пайрави чида**. Дари хона боз ҳамон тавр бесадо во шуда, аз он зани хеле калонсол, ки рӯяш чин пайдо карда, мӯйҳояш якиа-нимта сафед шуда буданд, даромада омад (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо).

**Схема:**

2. **Бо ҷумлаҳои пайрави ғайричида:** Шарофат ҳам, аз афти кор, фурсатро ғанимат дониста аз паси ӯ берун рафт ва Абдулло, ки низ модаркалонашро гусел кардани рафта буд, гашта омада гуфт, ки Шарофат ба дег алав мондааст (**П.Толис**, Повест ва ҳикояҳо).

**Схема:**

3. **Бо ҷумлаҳои пайрав дарача:** Як пои он ба дасти бой монда буд, маълум мешавад, ки ба як пой мӯҳо, кам кардани қисмҳои нутқ ва ғайра оварда мешавад, яъне мазмуни сухани шахси дигарро каси дигар мувофиқи фаҳмишу тарзи суханронии худ зикр мекунад, аммо мақсаду матлаб ҳатман фаҳмонда мешавад: Ин касс мегӯянд, ки шумо бехабар набошед, мо аз ҳамин авлод ҳастем. Гулнора мехост гӯяд, ки ман ҳеч гоҳ ваъдахилофӣ намекунам, аммо ба гуфтан забонаш намегардад.

Нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда ё баръакс табдил додан мумкин аст. Чунончи, ба нутқи мазмунан табдил ёфтани нутқи айнан: Кампир хабар овардааст, ки ӯро дар қишлоқ кассе хуш накардааст

## IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ

### 1-Калима ҳам чун предмети лексикология

Наҳви чумлаҳои содда ибора, чумлаҳои содда аз чиҳати сохту таркиб ва оҳанг, аъзои чумлаҳои содда аъзои чидаи чумла, калима ва ибораҳои туфайлӣ, калимаю ибораҳои хулосакунанда воҳидҳои эзоҳӣ, мухотаб ва дигар чузъҳои алоҳидаи грамматикиро дар бар мегирад.

Ибора тавассути ягон хел воситаи алоқа аз дув а зиёда калимаҳои мустаъқилмаъно ташкил меёбад. барои пурра намудани ҳисса нутқи гӯянда, ки дар чумла зоҳир мегардад, хизмат мекунад, ё худ ба вазифаи ягон узви чумла меояд. Масалан, аз чумлаи Дар ин вақт вай аз полизи худ охирин таракаҳои нопухта мондаро чида мегирифт (Ч. Икромӣ, Шодӣ) ибораҳои ин вақт, полизи худ, охирин таракаҳои нупухта монда партофта шавад, чумла чунин қолиб мегирад: Дар… вай… аз чида мегирифт.

Ин маънои онро дорад, ки ибора ҳам монанди калимаҳои алоҳида (ба зимми он ки фикри мураккабро ифода мекунад) барои ба як таркиби муайян чобачошавии аъзоҳои чумла хизмат мекунад ва дар бобати ба вучуд омадани маънои дурусти он нақша муҳим мебозад.

Чумла. Фикри баёншаванда ё худ гӯянда дар чумла зоҳир мегардад. Чумла ҳам вобаста ба фикри ифодашаванда гуногун мешавад. Масалан чумлаи содда як ҳиссаи хурди маънодори нутқи гӯяндаро дар бар мегирад ва вобаста ба ҳолату воқеаҳои инъикосшавандаю ҳиссиёти дарчшаванда, дутаркибаю яктаркиба, хулласу тафсилӣ, ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ мешаванд. Мисолҳо: Ман ҳам имшаб омадани ӯро тахмин карда Будам (Р.Чалил, маъвои дил). Дадо вай ангиштро чӣ хел мехӯрад? (С.Улуғзода, Субҳи чавони мо). Қулф задани дарвозаро аз хотир набароред. (С.Айнӣ Куллиёт). Наравед, гузашта наметавонед об гирифта мебарад (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо).

Чумлаҳои соддаро сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав, ки якчоя аъзоҳои чумла номида мешаванд, ташкил медиҳанд. Сараъзоҳои чумла-мубтадо ва хабар, аъзоҳои пайрави чумла –муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол мебошанд. Бесабаб нест, ки дар наҳви чумлаҳои содда сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави муайян карда

мешавад. Инак, чумлаи Ман ҳам имшаб омадани ӯро тахмин карда будам чунин таҳлил карда мешавад.

Ин чумлаи соддаи дутаркибаи тафсилӣ буда, бидуни сараъзоҳо дорои аъзои пайрав низ мебошад. Дар чумлаҳои сода калима ва ибораҳои хулосакунанда, калима ва ибораҳои туфайлӣ, воҳидҳои эзоҳӣ, мухотаб барин чузъҳои дигари забонӣ ҳам мавчуданд, ки вобаста ба мазмуни нутқи гӯянда дар чумла истифода мешаванд. Дар таҳлили наҳвии чумлаҳои содда моҳияти грамматики онҳо низ шарҳ дода мешавад.

Наҳви чумлаҳои мураккабро хелҳои чумлаҳои муркаккаби пайваст, чумлаҳои мураккаби тобеъ (сарчумлаю чумлаи пайрав) чумлаҳои мураккаби сертаркиби пайвасту тобеъ, чумлаҳои мураккаби омехта, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ташкил медиҳад.

Дар таҳлили наҳви чумлаҳои мураккаб шарҳу эзоҳ ба таври дигар мегузарад. Агар чумлаи мураккаби пайваст бошад, дар он миқдори чумлаҳои содда, муносибатҳои маъноии байни онҳо аломатҳои сохторӣ, воситаҳои алоқа ва хелҳои чумлаи мураккаби пайваст маълум карда шавад. Чунончи чумлаи Меҳмонондро аз болои кӯрпача шинонданд ва мӯйсафед ба ҳар дуи онҳо чой кашида медод (Ч.Икромӣ, Шодӣ) ин тавр таҳлил карда мешавад: а) чумлаи мураккаби пайваст буда, аз ду чумлаи соддаи нисбатан баробарҳуқуқ ташкил ёфтааст; б) дар байни чумлаҳои содда муносибати пайҳамзамонӣ аст, яъне аввал амали чумлаи соддаи якум, баъд амали чумлаи соддаи дуюм ба вучуд омадааст; в) хабари чумлаҳои содда тавассути сиғаи хабарӣ ифода ёфтаанд, якумаш замони гузаштаи наздик ва дуюмаш замони гузаштаи давомдоро далолат мекунад. Лекин бояд дар хотир дошт, ки ҳамаи чумлаҳои мураккаби пайваст айнан як хел таҳлил карда намешаванд. Таҳлили наҳвии чумла ба сохту струкбураи он вобаста аст.

Дар чумлаи мураккаби тобеъ сарчумлаю чумлаи пайрав, фарқи чумлаи пайрав аз аъзои пайрав, панч хели воситаи алоқаи тобеъ (пайвандакҳои тобеъкунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ, калима ва таркибҳои ҳамнисбат, чои сарчумла ва чумлаи пайрав, оҳанг) сермаънои чумлаҳои пайрав, монандии

чумлаҳои пайрав, ба ягон хел ибора баргаштани ин ё он чумлаи пайрав ва ғайра нишон дода мешавад. Инак, таҳлили як мисол: Ман ҳаминро медонам, ки ҳақиқатан бемулоҳизагӣ кардам, паст фаромадам (Ч.Икромӣ.Ман гунаҳкорам).

**Адабиёт:**


1. Забони адабии ҳозираи точик. Қисми 1. –Душанбе, 1973
2. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ.- Душанбе, 1973.
3. Норматов М. Назарияи забоншиносӣ. – Душанбе: Дониш, 1991.
4. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии точик. – Душанбе, 1970
5. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи точик. - Душанбе, 1962.
6. Грамматикаи забони точикӣ, қисми 1. - Душанбе, 1973.
7. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии точик. - Душанбе, 1967.


## 2-Воҳидҳои асосии синтаксис

Пуркунандаи бавосита предметро ифода мекунад, ки таъсиру ҳаракати хабари чумла ба воситаҳои гуногун ба он мегузарад. Пуркунанадаи бавосита аз бевосита ба он фарқ мекунад, ки вай ҳамеша бо пешояндҳои гуногун сурат мегирад ва ба саволҳои ба кӣ?, ба чӣ?, аз кӣ?, аз чӣ?, дар чӣ?, бо чӣ? ва ғайра чавоб мешавад: Ту бо Ҳочиумар дар бораи духтараш чӣ қавлу қарор карда будӣ? (С.Улуғзода, Навобод).

Рафиқӣ кун ту ба ёрони чонӣ,<br>
На ёре к-ӯ бувад ёри забонӣ.

(Роғиби Самарқандӣ, Панду ҳикматҳо)

Бояд гуфт, ки пуркунандаи бавосита ба воситаи пешояндҳои соддаи аз, ба, дар, андар, то, бе, пешояндҳои таркибии беизофаю изофии оид ба нисбат, доир ба, ба чуз, дар хусуси, дар бораи, дар бобати, бо ҳамроҳии, дар назди, аз чониби, ба чониби, ба муқобили, бар зидди, ба чои, дар чои ва ғайра ташаккул ёфта, ҳар кадом мувофиқи вазифаҳои грамматики худ тобишҳо ва муносибатҳои мухталифро аз қабили сарчашмаи амал, муқоиса, объекти муҳокима, сохта шудани предмет аз предмет, асоси амал, машғулият, шабоҳат,

ҳамроҳӣ, иштироки касе дар амале ва ғайраҳоро бараъло нишон медиҳанд.

Пуркунандаи бавосита бо ёрии ин пешояндҳо ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва таркибу ибораҳо ифода меёбад.

1. Ба воситаи исм: а) исми хос: Дар бораи Айнӣ бисёр касон шеър навиштаанд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Макаров бо ҳамроҳии Шодӣ хеста берун баромад (Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Аъзои пайрави чумлае, ки тарзи ичрои амалу ҳолат, аломат ва замону мкон, сабабу мақсад, шарту хилофи кору ҳаракати предметро нишон медиҳад, ҳол номида мешавад. Ҳол ба саволҳои чӣ тарз, чӣ тариқ?, чӣ қадар?, ба мисли чӣ?, кай?, дар кучо?, чаро?, ба кадом мақсад?, ба кадом шарт?, бо вучуди чӣ? ва ғайра чавоб мешавад.

Ҳол дар чумла ба воситаи ҳамаи ҳиссаҳои  мустақили нутқ (ба ғайр аз феълҳои тасрифӣ), таркибу ибораҳои мухталиф ифода мегардад.

Ин аъзои пайрав ва хелҳои он тасаввути воситаҳои алоқаи грамматикӣ ташаккул ёфта, муносибатҳои гуногуни маъноиро ифода мекунад.

Ҳол хусусан, ба воситаи зарф, исму ибораҳои исмӣ, таркибҳои чонишинӣ, феъли ҳолу ибораҳои он, масдару ибораҳои масдарӣ зиёдтар ифода мегардад: Пирамард шитобкорона роҳ мерафт (С.Айнӣ, Дохунда). Бача ҳам шодикунон гоҳ аз пеш ва гоҳ аз дунболба роҳ баромад (С.Айнӣ, Дохунда). Имрӯз баъди кор бо он касс мактуб менависам (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт).

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

Лекин бо вучуди ин ӯ ба деҳа маро ҳамроҳ гирифта меомад (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Барои чой дам карда додан омада буд (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо).

Ҳол аз рӯи маъно ва тарзу воситаҳои ба амалу аломат ва ҳолат вобаста шуданаш чунин тасниф карда мешавад: Ҳоли тарз, монандӣ, миқдор, дарача, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф.

2.Ҳоли тарз. Ҳоли тарзу тариқи ичрои аломату амал ва кору ҳаракатро

мефаҳмонад ва ба саволҳои чӣ тарз?, чӣ тариқ?, чӣ гунна?, чӣ хел? чавоб мешавад: Чавон кӯдакро оҳиста ба рӯи кӯрпача хобонд (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Ҳамроҳрафиқ баромада, дар гӯшае сар хам карда нишаст (С.Айнӣ, Марги судхӯр). Уқобе беҳаракат парвоз мекунад (П.толис, Повест ва ҳикояҳо).

Ҳоли тарзи амал бо як қатор ҳиссаҳои нутқ, таркибҳои ва ибораҳои гунагун ифода мегардад. Дар ташаккули ҳоли тарз воситаҳои алоқаи грамматикӣ аз қабили пешоянду пасояндҳо, бандакҳои изофӣ, чонишинӣ ва алоқаи ҳамроҳӣ саҳми босазое доранд.

Ифодаи ҳоли тарз, воситаи зарф. Азбаски вазифаи асосии наҳвии зарф ҳол мебошад, ҳамаи зарфҳои тарзи амал ба вазифаи ҳоли тарз истеъмол мегарданд: Чандин чуфт чашмони мисли олу  сип-сиёҳи дурахшон бесаброна ва кунчковона ба рӯям дӯхта шуданд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Меҳмони точикро меҳрубонона қабул кард (А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, Печутоби роҳҳо). Пирамард шитобкорона роҳ мерафт (С.Айнӣ, Дохунда).

Бо хамон дасте, ки кардӣ инқилоб,

Дилпурона давлати оличаноб.

(М.Турсунзода, Посбони оташ).

Ногаҳонба нармии гӯши ростам як чизи тез халида чиззӣ карда монд (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо). Боз як савор дартоз омад (С.Айнӣ, Куллиёт).

Ва  воситаи сифат. Сифатҳое, ки дар чумла ба вазифаи ҳоли тарз меоянд, аломати амалу корро нишон медиҳанд: Онҳо боз якчанд дақиқа хомӯш роҳ гаштанд (Р.Чалил. Бахор). Исто, аввал масъаларо дурусттар фахмен (Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Ба вазифаи ҳоли тарз сифатҳо дар шакли такрор низ меоянд: Бурро-бурро чавоб дех(С.Айнӣ, Куллиёт). Духтарон хиромон-хиромон ба саҳна наздик меоянд (Ф.Муҳаммадиев.Дӯстон точи сар).

Ифодаи ҳоли тарз ба воситаи исм. Исмҳо дар шакли таркиб, яъне бо пешояндҳо ба вазифаи ҳоли тарз меоянд: Бой ба либосу кокулони Зӯҳро аввал бо тааччуб, сонӣ бо тамасхур нигоҳ кард (Р.Чалил, Бозгашт аз бихишт). Вай сари  сермӯяшро аз дарича бароварда, бо диққат ба Юсуф нигоҳ кард (П.Толис,

Повест ва ҳикояҳо).

Бачагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хушачиниҳо гузашт.

(Лоиқ, Рӯзи сафед).

**Адабиёт:**


1. Мирзоев А. Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи точик. Душанбе. 1972.
2. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи точик Душанбе. 1973.
3. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе. Дониш, 1973.
4. Ғаффоров Р. Забони адабии точик (Иборавахелҳои он).-Самарқанд, 2000.
5. Акрамов М. Ибораҳои сифатии забони ҳозираи точик.-Душанбе, Дониш 1987
6. Набиев М. Забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе, 1992.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик. Қисми 3. – Душанбе, 1986
8. Забони адабии ҳозираи точик, синтаксис. Барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Душанбе, нашрисолҳои 1970, 1984.
9. Д.Точиев. Чумлаҳои мураккаби тобеъ дар Забони адабии ҳозираи точик. Душанбе «Ирфон», 1981


## 3-Таснифи чумлаҳои содда

Чумлаҳои содда ҳам чиҳати таркиб мухталифанд. Дар баъзеи онҳо мубтадо, хабар ва аъзоҳои пайрав чида шуда метавонанд. Баъзе чумлаҳои соддаи чидааъзоеро вохӯрдан мумкин аст, ки қариб хамаи аъзоҳои он чида шуда, ба хабарҳои зиёди феълӣ ҳамроҳ меоянд ва як банди калони наҳвиро ташкил медиҳанд ва ба назар ҳамчун чумлаи мураккаб намудор мешаванд. Чунончи: Ӯ китобро ягон-ягон ба даст гирифта, ба таъбироти савдогарона таъриф мекард ва хати ҳар кадоми онҳоро ба муаллифи он китоб, ё ба ягон котиби гузаштаи машҳур нисбат медод ва ба дасти кадом муллои машҳур расида аз мутолиаи ӯ гузаштанашро ва дар ҳошияҳои аз тарафи ӯ қоидаҳои

муҳим карда шуданашро ба хубии хат ва ростнависии китоб илова менамуд ва дар фаровардани таърифи ҳар китоб, харида гирифтани ўро ба бинандагон таълиф мекард (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

Чумлаҳои содда дар таркиби чумлаҳои мураккаб бо ду роҳ алоқаманд мешаванд: пайваст ва тобеъ.

Дар чумлаҳои мураккаби пайваст, чумлаҳои содда нисбатан озод ва мустақил мебошанд: Армияи советӣ чун офтоб аз Шарқ ба Ғарб мерафту душман монанди соя аз он мегурехт (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт).

## Адабиёт:


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1984.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
3. Забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. Синтаксис. – Душанбе, 1970, 1984.
4. Набиев М. Забони адабии ҳозираи точик. Наҳв. – Душанбе: Маориф, 1992
5. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе: Ирфон, 1968.
6. Ҳ.Ҳусейнов. Забон ва услуб «Одина»-и устод Айнӣ Душанбе «Ирфон» 1973


## 4- Тарзи ташкили чумлаҳои мураккаб ва вазифаи онҳо дар забон

Чумлаҳои мураккаби пайваства хелҳои он

Чумлаҳои мураккаби пайваст аз дув а зиёда чумлаҳои соддаи мустақил тартиб меёбанд.

Мустақилоятии чумлаҳои содда агар аз як тараф, ба худи маъно ва мазмуни онҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба воситаҳои алоқаи грамматикӣ вобастаанд: Боз хомўшӣ сар шуд, пас аз чанд дақиқа ба манзил наздик расиданд (С. Айнӣ, Дохунда). Суруд ба охир расид ва мардум як-як аз паи корҳояшон рафтанд (М.Муҳаммадиев, Дўстон точи сар).

Чумлаҳои мураккаби пайвастро аз чиҳати муносибати маъноии байни

чумлаҳои содда ба ду гурӯҳ чудо кардан мумкин аст.

1. Чумлаҳои мураккаби пайвасте, ки чумлаҳои соддаи онҳо воқеа ва ҳодисаҳои бо ҳам алоқамандро инъикос кунанд ҳам, новобаста ба тақозои мазмуни аъзоҳои якдигар васл мешаванд ва агар яке истисно шавад, дигаре мазмунан зиёде намебинад: Мурод бо шунидани ин воқеа дар хаёл фурӯ рафт ва бой барои баровардани Мурод бо ҳар гунна хаёлот боз давом намуд (С.Айнӣ, Ятим).

2. Чумлаҳои мураккаби пайвасте, ки дар онҳо як чумлаи содда бо тақозой маъно ва мазмуни ягон аъзои чумлаи соддаи дигаре васл мегардад: Аз пас мошини дигаре меомад, ба он низ ҳамсафарони мо савор буданд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

Чумлаҳои муракаби пайвасте, ки фақат аз ду чумлаи содда таркиб меёбанд: Мачлис тамом шуд, ҳама таҳоратҳоро тоза карда барои адои намози худ тайёр шуданд (С.Айнӣ, Дохунда).

3. Чумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор

1. Чумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандакҳои паи ҳам (ва), (у), (ю), (ҳам… ҳам).

Ба воситаи ин пайвандакҳо чумлаҳои соддае бо ҳам васл мегарданд, ки онҳо муносибатҳои мухталифи маъноиро ва қабили якхела, замонӣ, шумур, тасвир ва ғайра нишон медиҳанд: Дар баҳорон лолаҳо мешукуфанд, дар тобистон меваҳо мепазанд (А.Шукӯҳӣ, Нияти нағз).Дар солҳои ҳафтод дар ин вазъ тағийрот ба майдон омад ва романи точик ба тадқиқи рӯзгори муоссир боз наздиктар расид (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Бухорои озод аз босмачиён ҳам тоза гардид ва дар ҳамаи чои хоки Бухоро Ҳукумати Шӯрой таъсис шуд (С.Айнӣ, Дохунда).

Чумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандаки ва. Ин пайвандак хеле сермаҳсул Буда, дар ташаккули чумлаҳои мураккаби пайваст, ки дар байни чумлаҳои соддаи онҳо муносибатҳои гуногуни маъноиро мушоҳида кардан мумкин аст, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Алалхусус, муносибатҳои номбаршавии воқеаю ҳодисаҳо, сабабу натича, эзоҳёбӣ, ҳамроҳӣ, замонии

байни чумлаҳои содда бо ин пайвандак барчастатар зоҳир мегарданд: Вай бо хондани Латиф изҳори миннатдорӣ мекард ва мо кӯшиши худро боз бештар меафзудем (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз тӯйхона овози доира ба фалак мепечид (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

4. Чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак

Чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак мисли чумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор аз дув а зиёда чумлаҳои содда ташкил меёбанд. Алоқаи байни чумлаҳои соддаи таркиби чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро, асосан, оҳанг ва муносибатҳои маъноии байни онҳо таъмин менамоянд: Ману модарамро ба ин тараф кӯчониданд, модарам дар роҳ ҳалоқ шуд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Баъд аз ду-се рӯз омада хабар гир, ман аҳволи туро ба коргузори вакили мухтор арз карда чавоб гирифта мемонам (С.Айнӣ, Дохунда). Рӯз ба охир расид, шаб домони сиёҳи худро ба рӯи замин чодир менамуд (Р.Чалил, Одамони човид).

Борон аз боридан бозистод, роҳ лой, ҳаво сард, рӯз гашт карда ба бегоҳӣ наздик кардааст (С.Айнӣ, Дохунда). Ҳоло ҳарду профессор, докторҳои илми таъриханд, хонаашон пур аз бачаю кача, қатор-қатор набера (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1984.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
3. Забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. Синтаксис. – Душанбе, 1970, 1984.
4. Набиев М. Забони адабии ҳозираи точик. Наҳв. – Душанбе: Маориф, 1992
5. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе: Ирфон, 1968.

## 5- Чумлаҳои мураккаби сертаркиб ва навъҳои он

Чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак

Чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак мисли чумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор аз дув а зиёда чумлаҳои содда ташкил меёбанд. Алоқаи байни чумлаҳои соддаи таркиби чумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро, асосан, оханг ва муносибатҳои маъноии байни онҳо таъмин менамоянд: Ману модарамро ба ин тараф кӯчониданд, модарам дар роҳ ҳалоқ шуд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Баъд аз ду-се рӯз омада хабар гир, ман аҳволи туро ба коргузори вакили мухтор арз карда чавоб гирифта мемонам (С.Айнӣ, Дохунда). Рӯз ба охир расид, шаб домони сиёҳи худро ба рӯи замин чодир менамуд (Р.Чалил, Одамони човид).

Борон аз боридан бозистод, роҳ лой, ҳаво сард, рӯз гашт карда ба бегоҳӣ наздик кардааст (С.Айнӣ, Дохунда). Ҳоло ҳарду профессор, докторҳои илми таъриханд, хонаашон пур аз бачаю кача, қатор-қатор набера (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар).

5. Чумлаи мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ.

Чумлаи мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ аз чиҳати тарзи ташаккулёбӣ ва оҳанги махсус гурӯҳи алоҳидаи чумлаи мураккаби пайвастро ташкил медиҳад. Дар он хабари чумлаи соддаи якум ба воситаи феъли ҳол ва хабари чумлаи соддаи дуюм бо феъли тасрифӣ ифода мегардад: Охир хоб ғалаба карда, имомро сар додаму ба хоб рафтам (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Иштироккунандагони конкурс ғайриихтиёр аз сафарҳои бонизомашон баромада, баъзеҳо шикамҳояшонро дошта аз сидқи дил механдиданд (Ф.Муҳаммадиев, Дӯстон точи сар). Офтоб ҳанӯз он қадар баланд нашуда, мо ба чорроҳаи бозори шаҳрамон расидем (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт).

Чумлаҳои соддаи ин тарзи чумлаи мураккаби пайваст ҳам муносибатҳои гуногуни маъноиро нишон медиҳанд: Чунончӣ: а) Муносибати умумӣ-эзоҳӣ: Вазифаи Мирзобадеъ дар хонаи Латифчон маҳдум вакили харчӣ Буда, ҳама чизҳои рӯзгор-хӯрокӣ ва пӯшокиро ӯ харида тайёр мекард (С.Айнӣ, Куллиёт). Дарси дар се чой хонда шуданӣ дарси дарсхонагӣ Буда, инро аввал ба сифати

домуллои кунчакӣ дар пеши мулло Абдуссалом мехондем (С.Айнӣ, Ёддрщтҳо). Ҳавлии ӯ иборат аз як роҳрави чоркунча Буда, дар болои вай як болохонача бино ёфта буд (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

б) Муносибатҳои ҳамзамонӣ, пайҳамзамонӣ ва сабабу натича: Айёми тобистон Буда, вақтҳои рӯиҳавлихобӣ буд (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Аммо чун тирамоҳ омада, вақти хондан мешуд, ноилоч баргаштан лозим меомад (Р.Чалил, Бозгашт аз биҳишт). Дари кӯча ғижжос карда кушода шуд, поймонии Пӯлод шунида шуд (Р.Чалил, Одамони човид). Бандӣ аз ҳуш рафта ва баданаш ҳам карахт шуда буд (С.Айнӣ, Ғуломон).

в) Муносибатҳои қиёсӣ, хилофӣ: Як қисми аскарони сурх ба қишлоқ зер карда даромада, қисми дигар аз тарафи кӯҳ нигоҳ карда асп монд (Р.Чалил, Одамони човид). Ин роҳ монанди роҳҳои зеризаминӣ болояш пӯшида набуда, балки сар то сари бомаш монанди иморатҳои баланд кушода мебошад (С.Айнӣ, Дохунда).

Чунон ки мушоҳидаи мисолҳои боло маълум мешавад, баъди чумлаҳои соддаи якум илова шудани чумлаҳои соддаи дуюм ҳатмист, зеро мафҳуму маънои амиқи анчомӣ тавассути онҳо зоҳир мегардад.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1984.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 3. – Душанбе: Дониш, 1989.
3. Забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. Синтаксис. – Душанбе, 1970, 1984.
4. Набиев М. Забони адабии ҳозираи точик. Наҳв. – Душанбе: Маориф, 1992
5. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе: Ирфон, 1968.
6. Ш.Рустамов. Мушкилоти синтаксис, Душанбе, «Маориф», 1988.
7. Д.Точиев.Чумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба. Душанбе, 1966.
8. Д.Точиев. Чумлаҳои мураккаби тобеъ дар Забони адабии ҳозираи точик. Душанбе «Ирфон», 1981.
9. К.Қаландаров. Чумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар асоси материали «Бадеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. Кӯлоб, 1972.

## ГЛОССАРИЙ

**1. Лексикология** - калимаи юнонӣ буда, таълимот дар бораи калимаҳо мебошад.

**2.Метафора** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «кӯчида» аст.

**3.Идиома –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «хислати махсус» мебошад**.**

**4.Моносемия** – калимаи юнонӣ буда маънояш «як, ягон» аст.

**5.Синекдоха**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «тасаввуршаванда» мебошад.

6.**Полисемия** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёрмаъно» аст.

7.**Эвфемизм** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «хуб мегӯям» мебошад.

**8.Какэмфотон** – калимаи юнонӣ буда, маънояш сухани «дағал» гуфтан аст.

9.**Этимология -** калимаи юнонӣ буда, илм дар хусуси калимаҳоитаърихӣ аст.

10.**Контекст** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвандшавӣ» аст.

11.**Эллипсис** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳориҷ кардан» аст.

12.**Термин -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳад, худ, аломат» мебошад.

**13.Омоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «якхела ном гирифтан» аст.

**14.Синоним** -калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳамном» мебошад.

**15.Антоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «муқобил» мебошад.

**16.Лексикография** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳандаилуғатҳо» мебошад.

**17.Архаизм –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «қадима» мебошад.

**18.Калка -** калимаи французӣ буда, маънояш «нусха дар қоғази шаффоф» аст.

**19.Артикулятсия** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «саҳеҳ ва равшан талаффуз карда тавонистан» мебошад.

20.**Экскурсия -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баромада рафтан» аст.

21.**Депурсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баргаштан» аст.

**22.Вокализм** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «садо» мебошад.

23.**Консонантизм** – калимаи лотинӣбуда маънояш «овози ҳамсадо» мебошад.

**24.Фраза –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ифода», «ибора», «ҷумла» мебошад.

**25.Ассимилятсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «монандшавӣ» аст.

**26. Фонема –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «овоз», «садо» мебошад.

**27.Орфоэпия –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «талаффузи дурусти овозҳо» кардан

мебошад.

**28.Грамматика –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «санъати хаттӣ» мебошад.

**29.Лексема –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калима» мебошад.

**30.Модел –** калимаи французӣ буда, маънояш «намуна», «қолаб» мебошад.

**31.Аффикс, аффиксатсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «васл шудан» мебошад.

**33.Префикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан аз аввали калима» мебошад.

**34. Пастфикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан ба охири калима» мебошад.

**35.Деривасионӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунии маънои калима» мебошад.

**36.Релясионӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунандаи шакл» мебошад.

**37.Редупликасия** – калимаи лотинӣ буда, маънояш «дучандшавӣ» аст.

**38.Артикл –** калимаи французӣ буда, маънояш «ҳисса, қисм» мебошад.

**39.Субстантивасия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «исмшавӣ» аст.

**40.Инверсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ҷойивазкунӣ» мебошад.

**41.Политонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёр» мебошад**.**

**42.Монотонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «зада» мебошад.

**43.Модалӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «тарз», «восита» мебошад.

**44.Суплетивизм** – калимаи лотинӣ буда, маънои «пурра кардан»-ро дорад.

**45.Синтстикӣ**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвастшавӣ» мебошад.

**46.Аналитикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҷудошавӣ» мебошад.

**47.Категория –** калимаи юнонӣ буда, маънояш, «нишона» мебошад.

**48.Синтаксис –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳӣ», «сохтан» мебошад.

**50.Орфография –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «дуруст менависам» мебошад.

**51.Транскрипсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «рӯнависӣ» мебошад.

**52.Генеология –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «хешӣ», «қаробатӣ» мебошад.

**53.Эпикурист –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайравӣ» мебошад.

**54.Паратаксис –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайваст», «алоқаи пайваст» мебошад.

**55. Автосемантикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «доираи маънои пурраи ҷузъҳо» мебошад.

**56.Синсемантика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «нопурра, яке аз ҷузъҳои ҷумлаимураккаб» мебошад.

**57.Параллелизм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «дар як вақт иҷро гаштани амалу ҳолати предмет» мебошад.

**58.Анафора -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «такрори хелҳои ҷонишин дар таркиби ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб» мебошад.

**59.Асиндетика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бепайвандак ифода ёфтани ҷумлаҳо» мебошад.

**60.Семиотика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «аломат» мебошад.

**61.Гипотаксис -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «алоқаи тобеъ» аст.

**62.Вулгаризм -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «сухани қабеҳ, номатлуб» аст.

**63.Вомӣ** – калимаи арабӣ буда, маънояш «бевосита дохил шудани калимаҳои беруна» мебошад.

**64.Жаргон –** калимаи французӣ буда, маънояш «сухани бехудагӣ» мебошад.

**65.Арготизм -** калимаи французӣ буда, калимаи хоси шевагӣ аст.

**66. Варваризм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калимаҳои ҳориҷӣ» мебошад.

**67. Адстрат**-робитаи забонҳои ҳамсарҳад.

**68. Суперстрат-** ҳамроҳ шудани забони бегона ба забони халқҳӣ-маҳаллӣ ва ба таркиби он омехта шуда рафтани он.

**69. Субстрат-** инҳодиса акси суперстрат аст. Ба забони бегона ҳамроҳ шудани забони маҳаллӣ ва ба таркиби забони бегона ҳал шудани он.

# VIII. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ


## I. Ўзбекистон Республикаси Президентининг асарлари

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб ҳалқимиз билан бирга қурамиз. – Т.: "Ўзбекистон". 2017. – 488 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз – Т.: "Ўзбекистон". 2017. – 592 б.

## II. Норматив-ҳуқуқий ҳужжатлар

3. Ўзбекистон Республикасининг Конституцияси. – Т.: Ўзбекистон, 2018.
4. Ўзбекистон Республикасининг "Таълим тўғрисида"ги Қонуни.
5. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2015 йил 12 июндаги "Олий таълим муасасаларининг раҳбар ва педагог кадрларини қайта тайёрлаш ва малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида" ги ПФ-4732-сонли Фармони.
6. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги "Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида"ги 4947-сонли Фармони.
7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг "Олий таълим тизимини янада ривожлантириш чора-тадбирлари тўғрисида"ги 2017 йил 20 апрелдаги ПҚ-2909-сонли Қарори.
8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг "2019-2021 йилларда Ўзбекистон Республикасини инновацион ривожлантириш стратегиясини тасдиқлаш тўғрисида"ги 2018 йил 21 сентябрдаги ПФ-5544-сонли Фармони.
9. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 майдаги "Ўзбекистон Республикасида коррупцияга қарши курашиш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида"ги ПФ-5729-сон Фармони.
10. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 17 июндаги "2019-2023 йилларда Мирзо Улуғбек номидаги Ўзбекистон Миллий университетида талаб юқори бўлган малакали кадрлар тайёрлаш тизимини тубдан такомиллаштириш ва илмий салоҳиятини ривожлантири чора-тадбирлари тўғрисида"ги ПҚ-4358-сонли Қарори.
11. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги "Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида"ги ПФ-5789-сонли Фармони.
12. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги 8 октябрдаги "Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида"ги ПФ-5847-сонли Фармони.

## Ш. Махсус адабиётлар

13. Дастури таълимии забони точикӣ, (с. 5-9). Тошкент, 2003.
14. Мутолиа кардан: Таълим методлари.Тошкент, 2004, 2 бўлим.

15. Хўҷақулов С. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. Самарқанд. СамДУ: 2012.

16. Истамова М. Методикаи таълими забони точикӣ. Самарқанд. –2003.

17. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ Дар асоси технологияи нави таълим. –Самарқанд, 2015.

**IV. Интернет сайтлар**

18. Ўзбекистон Республикаси Олий ва ўрта махсус таълим вазирлиги: www.edu.uz.
19. http://bimm.uz
20. http://ziyonet.uz

---

**Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida o'tkaziladigan Tojik tili yo'nalishi o'quv-uslubiy majmualari bo'yicha**

**EKSPERT XULOSASI**

Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida oliy ta'lim muassasalari professor-o'qituvchilarining " Tojik tili" yo'nalishi qayta tayyorlash va malaka oshirish kursi mutaxassislik fanlaridan tuzilgan o'quv-uslubiy majmualar va chiqish testi savollari maxsus fanlar blokidagi modullarning o'quv dasturiga mos va uni to'liq qamrab olgan holda tuzilgan. Test savolari 4 ta muqobil javobda tuzilib, 1 ta to'g'ri javobni o'z ichiga oladi. O'quv-uslubiy majmua va test savollari qo'yilgan talablarga javob beradi.

**Ekspertlar**

| | | |
|---|---|---|
| Xamroyev Jumaqul | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi mudiri, f.f.d. | |
| Shernazarov Akmal | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi dotsenti, f.f.n. | |
| Meliyev Baxtiyor Abduxomidovich | SamDU mintaqaviy markaz bo'lim boshlig'i, g.f.f.d. | |

**Mintaqaviy markaz direktori,**
**geografiya fanlari doktori, professor:** **S.B.Abbasov**

**ЭКСПЕРТНОЕ ЗАКЛЮЧЕНИЕ**

**Об учебно-методических комплексах по направление истории Узбекистана, которые пройдут в апреле 2022 года в Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете**

В апреле 2022 года Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете проведет курс переподготовки и повышения квалификации преподавателей высших учебных заведений по направлению «Родной язык и литература: Таджикский язык». Учебно-методические комплексы соответствуют с учебным планом модулей специального научного блока и полностью охватить его. Учебно-методические комплексы соответствуют современном требованиям.

**Зарубежный эксперты:**

**1. Сироджиддини Эмомали,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**

**2. Хомидов Дилмурод Раджабович,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**

Ак
Чт